

КИТАМИ МАСАО

# САМУРАЕ, КИ ШАМШЕР НАДОРАД



秀吉

ҒАЛАБА НА БО ҚУВВАИ СИЛОҲ, БАЛКИ БО НЕРУИ АҚЛ МУҲИМ АСТ

# САМУРАЕ, КИ ШАМШЕР НАДОРАД

秀吉

**КИТАМИ МАСАО**

**Таҳти назари Ким Кларк**

**Душанбе
«ЭР-граф»
2025**

ТКБ 83.34/38+83.35+84.5Я+83.8+72.3+63.3(5Я)
М-29

Аз забони русӣ тарҷумаи
*Абдуғаффор Қурбонов*

Тарҷумаи асари бадеӣ таҳти назари
*Шамсиддин Солеҳов - профессор, доктори илми филология ба нашр омода шудааст.*

Муҳаррир:
*Саидаҳмади Қурбони Хиёбонӣ*

**Китами Масао.**
Самурае, ки шамшер надорад. Асари таърихӣ.
Душанбе: «ЭР-граф», 2025. -224 саҳ.

Асари нависандаи Ҷопон Китами Масао. Дар он сирру асрори сарвари хирадманд, арбоби таърихию машҳур ва афсонавии Ҷопони асри XVI Тоётоми Хидэёсӣ, ки имкон дорад бо муваффақият дар асри XXI мавриди истифода қарор дода шаванд, ба таври содда ва оммафаҳм баён гардидаанд.

Асари Китами Масао барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

**Ба падарам, Р. Н. Кларк, 1925–2006 бахшида мешавад.**

ISBN 978-99985-1-305-1

© Китами Масао, 2025.
© Тарҷума А. Қурбонов, 2025.




Тақрибан ҳамин гуна метавонад ба назар расад
номи Хидэёсӣ, ки бо дасти худаш навишта шудааст.

# МУНДАРИЧА

*Абдугаффор Қурбонов*. "Самурае, ки шамшер надорад", асари таърихӣ аст ........................................ 6

Пешгуфтор ........................................ 8

1
СИПОСГУЗОРӢ, МЕҲНАТИ СУБОТКОРОНА, ҚАТЪИЯТ ДАР АМАЛ ВА САДОҚАТ ........................................ 21

2
САРВАРРО ЧӢ ГУНА БОЯД ИНТИХОБ КАРД ВА ХУД ЧӢ ТАВР МЕТАВОНЕД КОРНАМОӢ НИШОН ДИҲЕД ........................................ 43

3
ЧӢ ГУНА МЕТАВОН КОРИ ҒАЙРИИМКОНРО АНҶОМ ДОД ........................................ 59

4
ДАР ВАЗЪИЯТИ ДУШВОРУ ХАТАРНОК ЧӢ ГУНА АМАЛ БОЯД КАРД ........................................ 77

5
МУЗОКИРОТ ВА ДИПЛОМАТИЯ ........................................ 93

6
ЧӢ ГУНА МЕТАВОН ОДАМОНРО
ҚАНОАТ СОХТ ........................................................................115
7
ПАЙРАВОНИ ХУДРО ЧӢ ТАВР ҚАДРДОНӢ
КАРДАН ЗАРУР АСТ...............................................................135

8
ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР МАСЛИҲАТ
ЗАРУР ШАВАД ......................................................................157

9
ТАШКИЛОТИ ХУДРО ЧӢ ГУНА МЕТАВОН
СОЗМОН ДОД .......................................................................179

10
ОГОҲӢ БА САРВАРОН ..........................................................197

*Насиҳатҳои оқилонаи самурае, ки шамшер надорад* ..........................................................................213

*Солномаи ҳаёти Тоётоми Хидэёсӣ* .........................................219

# “САМУРАЕ, КИ ШАМШЕР НАДОРАД”, АСАРИ ТАЪРИХӢ АСТ

Хонандагони ниҳоят гиромӣ, дӯстдорон ва ҳаводорони адабиёти бадеии Ҷопон, бо арзи каломи самимӣ иброз менамоям, ки баъди бештар аз панҷ соли танаффус боз баргаштем, то ки асарҳои нависандагони ин кишвари тулуъкунандаи офтобро тарҷума ва бароятон пешкаш намоем. Соли 2019 романи нависандаи барҷастаи Ҷопон Кобо Абэ “Хонуме дар регзор”-ро, ки ба андешаи аксарияти мунаққидони адабиёти бадеӣ, яке аз асарҳои беҳтарини натанҳо ин нависанда, балки адабиёти нимаи дуюми асри гузаштаи ин кишвар ба шумор меравад, тарҷума ва нашр намуда будем. Ҳамчунин то ин замон, ҳикояҳо, новеллаҳо, қиссаҳо ва романҳои ниҳоят ҷолибу хондании адибони машҳур ва номдори Ҷопон, аз қабили Рю Муракамӣ, Тэру Миямото ва Тэтсуо Миура тарҷума ва манзури дӯстдорони адабиёти бадеӣ гардонидем.

Ва инак, асари таърихие, ки алҳол дар дасти Шумо ҳаст, “Самурае, ки шамшер надорад” ном дошта, ба нависандаи Ҷопон Китами Масао тааллуқ дорад ва ба шарҳу тафсири воқеаҳои асри XVI-и ин кишвар бахшида шудааст. Асрори сarварие, ки барои расидан ба қуллаҳои шӯҳрат сарлашкари таърихӣ ва афсонавии Ҷопон Тоётоми Хидэёсӣ истифода бурдааст, ба андешаи таърихнигорон, фармонбардори замон нестанд.

Китоби “Самурае, ки шамшер надорад” сазовор аст мавқеи худро дар қатори чунин сарчашмаҳои классикии ҳикмати шарқиёна, аз қабили “Аҳдномаи байналхалқӣ дар бораи санъати ҷангӣ”-и Сун–тсзӣ ва “Китоби панҷ ангушттарин-и Миямото Мусисӣ ишғол намояд. Ин принсипҳои ҳаматарафа, стратегияҳо ва тактикаҳо имрӯз ба дилхоҳ касе, ки мехоҳад дар тиҷорат ва зиндагӣ комёбӣ ба даст оварад, кумак мекунанд.

Ва ниҳоят, камина аз хонандагони азиз ва ниҳоят гиромӣ умед бар он дорам, ки чанд кӯшишу заҳматҳои хоксоронае, ки дар ҷараёни тарҷума ва омода намудани ин асари воқеан ҳам арзандаи нависандаи Ҷопон Китами Масао таҳти унвони “Самурае, ки шамшер надорад”, ба харҷ расонидаам, ба шумо писанд хоҳад омад ва баъди мутолиа он барои худ ва наздиконатон суди арзишманде дарёфт хоҳед кард.

*Бо камоли эҳтиром*
*ва ҷаҳони сипос,*
*Абдуғаффор Қурбонов*

# ПЕШГУФТОР

Хидэёсӣ сарвари аз ҳама хуб ва ниҳоят ғайриоддӣ дар таърихи Ҷопон ба шумор меравад.

Ӯ соли 1536 дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст. Зоҳиран ягон чизе аз қисмати ҳайратангезаш дарак намедод. Хидэёсӣ қади паст дошт, хурдҷусса ва заиф ба назар мерасид, бесавод ва бадафту зишт буд. Гӯшҳои чаппарак, чашмҳои дар чуқурӣ ҷойгирифта, пайкари бемадор ва чеҳраи сурху пурожанг ӯро ба таври ҳайратовар ба маймуни антар монанд мекарданд. Маҳз барои ҳамин ба ӯ лақаби Маймун дода буданд.

Хидэёсӣ дар авҷи даврони пурошӯби "асри муборизаи сулолаҳо" ба дунёи ҳастӣ ворид шуд, ки мартабаи баланди ҳарбӣ ё дараҷаи рӯҳонӣ барои деҳқони шӯҳратпараст ягона воситаи раҳоӣ ёфтан аз меҳнати пурмашаққату сангин ба шумор мерафт. Аз ҳад зиёд хоксорона будани маълумотҳои ҷисмонӣ (қад якуним метр, вазн панҷоҳ килограмм ва қоматхамидагии аз ҳад зиёд) имкон намедоданд, ки дар ҷодаи низомӣ ба комёбиҳо ноил гардад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ӯ тавонист ба мисли ситора ба қуллаҳои сарварӣ парвоз намояд ва кишварро, ки бар асари ҷангҳои дохилӣ пора-пора шуда буд, муттаҳид созад. Дар ин сурат, чӣ гуна ӯ ба ин ноил гашт?

Қувваи иродаи оҳанин, зеҳни мисли поку тез, матонати хамнашаванда ва дарки амиқи руҳияи инсон – маҳз ҳамин сифатҳо ба Хидэёсӣ имкон доданд, ки "аҳли шакро ба хиз-

матгорони вафодор, душманонро бошад, ба иттифоқчиён мубаддал созад“[1].

Ин самураи бе шамшер, ки дар ҷодаи аз худ кардани санъати ҳарбӣ қуллаҳои махсусро ба даст наовард, аз аслиҳаи дигар истифода бурд. Бартарӣ пайдо кардан аз ҳарифони асилзодаи худ ва ба вазифаи ҳокими Ҷопон таъин шудан ба ӯ ҳазли ҳақирӣ, ҳиллагарӣ ва маҳорати пешбурди музокирот кумак карданд. Дар ҷомеаи иерархӣ, ки қонунҳои пойдори сарҳадҳои табақавӣ ҳукмронӣ мекарданд, Хидэёсӣ қаҳрамони рондашуда, намунаи ибрат барои ҳар касе, ки талабгори ба дасти худаш ҳал намудани тақдираш мебошад ва кӯшиш мекунад ба мисли қаҳрамонҳои Горатсио Алгера[2], “аз гадоӣ ба шоҳӣ” ба қуллаи мақсад бирасад, гардид. Соли 1590 Хидэёсӣ ҳокими олии Ҷопон таъин қарда шуд.

Баъди аз ҷониби император Гоёдзэя унвони ноибуссалтана (регент)-ро ноил шудан, ӯ аз имкониятҳои ҳокимияти шоҳӣ ба таври зарурӣ истифода бурд.

Дарбори шоҳ вайро бо насаби ашрафонаи Тоётомӣ, ки маънои “вазири олиҳиммат”-ро дорад, мушарраф гардонид.

Муаррихон давраи ҳукмронии Хидэёсиро якранг баҳо намедиҳанд, вале дар ҳама ҳолат комёбиҳои ҳайратангези ӯ нокомиҳоро панаҳ мекунанд ва шуҳрати ин сарлашкари барҷаста ва арбоби давлатӣ ҳатто баъди маргаш (1598) идома меёфт. Ҳаёти Хидэёсӣ дар тарҷумаи ҳоли муфассали расмии “Тайкоки” (“Қисса дар бораи тайко”), ки маротибаи аввал соли 1625 ба нашр расид, тасвир ва обуранг дода шудааст.

1. Эйдзи Ёсикава, “Номуси самурай” (Taiko)
2. Горатсио Алгер (1834-1899) – нависандаи амрикоӣ, муаллифи саргузаштҳои сершумори табдилёбии камбағалон ба сарватмандон.

Имрӯз, бо гузашти чор аср, номи Хидэёсиро ҳар як хонандаи ҷопонӣ медонад; ба ифтихори ӯ ва қаҳрамониҳои вай асарҳои тарҷумаҳолӣ, романҳо, пэсаҳо, филмҳои хонандаи ҷопонӣ медонад; ба ифтихори ӯ ва қаҳрамониҳои вай асарҳои тарҷумаҳолӣ, романҳо, пэсаҳо, филмҳои бешумор ва ҳатто бозиҳои видеоӣ бахшида мешаванд.

## Самурайҳо – амсоли сарварони намунавӣ

Дар назари хонандаи муосир симои самурай ба ҳайси нақши намунавии дорандаи сифатҳои сарварӣ шубҳаомез ба назар мерасад. Дар маҷмӯъ, сипоҳиҳои ҷопонии даврони феодализм бо услуби баръало ғайридемократии сарварӣ ва пайравии принсипҳои итоати бечунучаро ва вафодории бедареғ ба ҷанобашон гумон аст, ки ба одамони кордони муосир ҳамчун намунаи ибрат хизмат кунанд. Тавре маълум аст, самурайҳоро қаҳрамониҳояшон дар майдони ҷанг маълуму машҳур гардониданд ва ба ҳеҷ ваҷҳ на идораи моҳиронаи технологияи идоракунӣ. Аксарияти онҳо корчаллонҳои нокора буданд ва дар соҳаи тиҷорат тасаввурот ҳам надоштанд ва зуд-зуд қурбони фиреби густохона дар мубодилаи тиҷоратӣ мегаштанд.

Аз ин рӯ, маҳз барои ҳамин шахсияти Хидэёсӣ сазовори таваҷҷӯҳи мо мебошад. Дар қиёс ба дигар самурайҳо, ки аз маҳорати корчаллонӣ батамом маҳрум буданд, Хидэёсӣ худро тоҷири кордон нишон дод. Дар пасманзари ҳамкорони беадаб ва золим вай сарвари хуб ва деҳқон ба назар мерасид ва тавонист ба туфайли иродаи матин намояндагони табақаи асилзодаҳоро ба худ тобеъ намояд. Ноўҳдабароии вай ҳангоми истифодаи шамшер бо маҳорати баланди ташкилотчигӣ барзиёд ҷуброн карда мешуд: Хидэёсӣ ба таври олӣ метавонист одамонро ҷалб ва киро намояд, нигоҳ дорад, мукофот диҳад, ба вазифаҳои болотар

таъин кунад, ки инро метавон намуди феодалии корпоратсияи осиёии муосир номид. Имрӯз муносибати вай ба сарварӣ мисли чор аср пеш наву ҷавобгӯ боқӣ мемонад.

Дар насиҳатҳои Хидэёсӣ андешаҳо дар бораи он ки сарвар худаш бояд хидматгори одамон бошад, на ин ки онҳоро гуломи худ созад, ҳамчун риштаи сурх намоён мегардад. Дар рӯзгори мо ин принсипи ахлоқӣ хеле кам истифода бурда мешавад. Ба андешаи Хидэёсӣ, ҳиссиёти калидие, ки роҳбарони ҳақиқиро водор мекунад ҳаёти худро ба хидмати дигарон бахшанд, - ин эҳсоси сипосгузорӣ мебошад. Эҳтимол, шумо ҳам, мисли ман, дармеёбед, ки чунин муносибат ба сарварӣ дар ҷомеаи муосир то чӣ андоза таъсири сахт мерасонад ва чи гуна айнияти тааҷҷубовар миёни корнамоиҳои шоҳи–Маймун ва проблемаҳои ниҳоят вазнини сиёсии асри бисту як дида мешавад. Хидэёсӣ ҳамчунин аз бисёр роҳбарони имрӯза ба мисли ҳамзамонони худ – самурайҳои чорсад сол пеш фарқ мекунад.

Вале агар Хидэёсӣ самураи ғайримаъмулӣ бошад, пас самурайҳои дигар дар маҷмуъ чӣ гуна одамон буданд?

Ба кадом синфи иҷтимоӣ тааллуқ доштанд?

## Таърихи мухтасари самурайҳо

Таърихи самурайҳо дар асри ҳафтуми эраи мо, вақте дар Ҷопон табақаи Ямато, ки пешвоёни онҳо асосгузори сулолаи хонадони шоҳӣ гардиданд, оғоз ёфт. Калимаи “Самурай” дар ибтидо маънои “касе, ки хизмат мекунад”-ро дошт ва ба одамони асил ва номӣ, ки аъзои дарбори шоҳро муҳофизат мекарданд, тааллуқ дошт. Ин принсипи ахлоқии хизмат кардан ба асоси ташаккулёбии решаҳои иҷтимоӣ ва маънавии табақаи наҷибонаи самурайҳо замина гузошт.

Бо мурури замон ба намояндагони табақаи Ямато таъмини идораи мутамаркази мамлакат душвор гардид ва онҳо иҷро вазифаҳои низомӣ, маъмурӣ ва андозбандиро ба ҳарифони собиқи худ, ки ба губернаторҳои минтақавӣ мубаддал гашта буданд, вогузор намуданд. Дар баробари он ки табақаи Ямато ва дарбори шоҳ заиф мегашт, ҳокимон дар маҳалҳо қудратманд мешуданд. Бо гузашти як муддат баъзе аз онҳо мақоми даймё – князҳои феодалӣ гирифта, мустақилона аз ҳукумати марказӣ мулкҳои худро идора мекарданд.

Соли 1185 княз Миномото Ёритомо, губернатори музофотҳои шарқӣ ва насли дури авлоди шоҳ дар мамлакат тартиботи диктатураи ҳарбӣ ҷорӣ намуд. Аз ҳамин сана ворид шудани Ҷопон ба давраи феодализм оғоз ёфт (1185-1867). Шакли идораи кишвар, ки Ёритомо ба он асос гузошт, сёгунат ном гирифт ва дар Ҷопон қариб ҳафтсад сол амал кард. Устувории сиёсӣ, ки тавассути Минамото дар соли 1185 ба даст омада буд, дер давом накард.

Ҳокимият то барҳам хӯрдани тартиботи идораи муттамарказонидашудаи ҳарбӣ дар соли 1467, бо навбат ба дасти табақаҳои ҷангкунанда мегузашт. Ҷопон ба гирдоби бесаресомонию беҳокимиятӣ кашида шуд. Ҳамин тавр, задухӯрдҳои ғамангезу машҳури “давраи бархурдҳои музофотҳо”, садсолаи муборизаҳои хунини князҳо, ки мулкҳои худро ҳимоя мекарданд ва кӯшиш менамуданд, бар ҳарифи худ ғолиб оянд, бо ин мақсад аз суиқасд, иттифоқҳои сиёсӣ, никоҳҳои сулолавӣ, писархондӣ ва духтархондии дутарафа ва ҳамчунин аз амалиётҳои ошкорои ҳарбӣ истифода мебурданд. Дар ҷангҳои бераҳмона барои муттаҳид намудани қудрати ҳокимият даймё бисёр вақт фарзандони худ ва ҳатто волидайни хешро ба қатл мерасониданд.

Дар замони ба давраи пурошуби ҷанги дохилӣ фурӯ рафтани Ҷопон, хизматчиёни силоҳдори ҳукуматӣ, қумондонони дастаҳои пулис ва аскарони касбӣ, - кутоҳи гап, ҳамаи онҳоеро, ки шамшер доштанд ва омода буданд онро истифода баранд, самурай меномиданд.

Сарфи назар ба ин, ҳама бесарусомониҳои давраи беҳокимиятии низомӣ, дар Ҷопони феодалӣ, иерархияи сахти ҳокимият нигоҳ дошта мешуд. Ҳокими расмӣ император, насли Худои офтоб Аматэрасу, ки дар назди ӯ ҳар як шаҳрванди кишвар вазифадор буд ба зону истад, ба ҳисоб мерафт. Аммо мақом ва қудрати император қариб, ки рамзӣ буданд; дар амал онҳо бо тақсими унвонҳои расмӣ маҳдуд мешуданд. Император ба пуррагӣ аз князҳои сарватманд, ки нигоҳдории дарборро маблағгузорӣ мекарданд, вобаста буд ва дар идораи амалии кишвар ягон нақшро иҷро намекард. Баъд аз император дар зинаи иҷтимоӣ асилзодагони дарбор, ки аз шоҳзода, шоҳдухтар ва дигар олимансабон аз авлоди император иборат буданд, ҷойгир шудаанд. Асилзодагон аз идораи амалии кишвар хориҷ карда шуда буданд ва таъмини хона ва оилаҳои худро аз ҳисоби молу мулки ба меросгирифта ва маблағҳои аз князҳои амлокдор воридшуда, таъмин мекарданд.

Аз рӯйи тобеияти расмӣ сёгун дар итоати ашрофзодагон қарор дошт, вале дар асл бошад, ин одам тамоми ҳокимияти воқеиро дар даст дошт ва дар назди вай на танҳо ашрофзодагон, балки худи император ҳам нотавон буд. Ин ҳокими олии ҳарбӣ вазифаи президент ё сарвазирро иҷро карда, оид ба идораи кишвар ҳамарӯза қарорҳо қабул мекард. Бесарусомониҳое, ки дар давраи ҷангҳои байни музофотҳо ҳукмрон гашта буд, мавҷуд набудани сёгуни дорои обрӯи раднопазир дар кишвар маънидод карда мешуд. Вазифаи асосии ин давра дар таърихи Ҷо-

пон кӯшиши чунин князҳои мансабпарасти музофотӣ, аз қабили Ода Нобунага, ҳомии Хидэёсӣ, ки мехостанд барои худ ба Киото роҳ кушоянд ва аз император унвони сёгун гирифта, мамлакатро муттаҳид созанд, иборат буд.

Зинаи дигари норбони иҷтимоӣро дорандагони унвони даймё ("номи калон"), князҳои меросии феодалӣ, ки табақаҳои бузургро роҳбарӣ мекарданд, дорои мулки калони меросӣ буданд ва артиши сершумор дар ихтиёр доштанд, ташкил медоданд.

Баъзе аз онҳо ҷанговарони бомаҳорате буданд, ки аз сифр артишҳои музофотӣ таъсис медоданд, дигарон бошанд, губернаторҳое буданд, ки ҳокимияти марказиро эътироф намекарданд ва ба ҳокимони мустақили музофотӣ табдил ёфта буданд.

Дар баробари ин, вассалҳои маккор (заминдорони мутеи феодали калон буданд), ки ҳокимияти сюзеренҳои (мулкдорони калон, ки аз болои вассалҳои худ ҳукмронӣ мекарданд) аз ҳад зиёд зудбовари худро ғасб карда буданд. Даймё дар заминҳои нав қалъаҳо месохтанд, шаҳрҳои бузургро идора мекарданд ва аз ҳисоби андозҳои сокинони шаҳр ва деҳқонон зиндагии худро таъмин менамуданд. Баъд аз ин, дар иерархияи ҷамъиятӣ самурайҳое ворид шуда буданд, ки дар хизмати даймё қарор доштанд. Беҳтарини ин сипоҳиёни асримиёнагии Ҷопон ба сюзеренҳои худ содиқона вафодор буданд ва кодекси ору номуси бусидоро ба таври қатъӣ риоя мекарданд (маъмулан ин истилоҳ ҳамчун "ормони сипоҳӣ" ё ҷодаи сипаҳсолор") тарҷума карда мешавад.

Бадтарини онҳо аз роҳзанони роҳи калон фарқе надоштанд.

Каме поёнтар мақоми иҷтимоии ронинҳо, самурайҳои озод, ки ҷаноб надоштанд, ҷойгир шуда буданд. Шумо-

раи ронинҳо аз ҳисоби асилзодагони камбағалгашта ё аз ҷумлаи онҳое, ки баъди муфлис шудан ё дар задухӯрдҳо шикаст хӯрдани ҷанобашон корро аз даст додаанд, зиёд мегашт.

Дар байни ронинҳо ҳам сипоҳиёни бовиҷдон ва ҳам роҳзанҳо зиёд буданд. Намояндагони ин гурӯҳи иҷтимоӣ – аз ҷумлаи охиринҳоянд, ки ҳуқуқи доштани ному насабро доштанд; одамони оддӣ чунин имтиёзро надоштанд. Дар асоси аҳроми иҷтимоӣ шаҳрвандон, ҳунармандон, тоҷирон ва деҳқонон – халқи меҳнаткаш, ки қисми бештари аҳолии кишварро ташкил мекарданд, ҷойгир карда шуда буданд. Ин одамон унвон надошта, танҳо соҳиби номе буданд, ки баъди таваллуд шудан, ба онҳо дода буданд. Ба ғайр аз ин, онҳо ягона шаҳрвандони Ҷопон ба шумор мерафтаанд, ки муваззаф буданд, андоз супоранд.

Дар ин манзараи сернақшу нигори табақаҳо самурайҳо аз ҳама симоҳои машҳур ва марказии таърихи Ҷопон, шахсони хаёлпараст, ки ба сипоҳиёни асрҳои миёнаи Аврупо ва ё ковбойҳои Ғарби ваҳшӣ муқоисашаванда буданд, ба шумор мерафтанд. Вале баъди марги Хидэёсӣ нақши самурайҳо ба таври катъӣ тағйир ёфт. Бо барқарор гардидани сулҳу оромӣ дар кишвар, талабот ба низомиёни касбӣ якбора кам шуд. Баъд аз ин, самурайҳо ба омодагии низомӣ камтар машғул шуда, бештар диққати худро ба рушди маънавиёт, маориф ва санъатҳои зебоию нафиса равона менамуданд.

Соли 1857, вақте ки бо худ доштани шамшер дар ҷойҳо ҷамъиятӣ қонунан манъ гардид ва табақаи ҷанговарон барҳам дода шуд, онҳо ба самурайҳои бе шамшер мубаддал гаштанд, ки Хидэёсӣ аллакай қариб се аср пеш чунин тарзи зиндагиро пешаи худ карда буд.

Ба ин нигоҳ накарда, мероси онҳо кумак намуд, ки Ҷопон баъд аз ИМА ба як кишвари қудратманди саноатии дунё мубаддал гардад. Комёбиҳои корпоратсияҳои Ҷопон аз бисёр ҷиҳат ба туфайли анъанаҳои накӯкории низомӣ, вафодорию садоқат ва бозии софдилона ба даст омадаанд, сохтори ҷамъияти муосири Ҷопон бошад, ба образи сарвари эгалитарӣ, ки Хидэёсӣ эҷод карда буд, мутобиқат менамояд.

## Шарҳу эзоҳ ба матн

Бо вуҷуди он ки Хидэёсӣ баъди худ ҳазорҳо мактуб ва дигар ҳуҷҷатҳо ба мерос мондааст, олимон оид ба чунин оддитарин воқеоти зиндагии вай, аз қабили соли таваллуд баҳсҳоро идома медиҳанд (ва ин ҷойи тааҷҷуб нест, зеро ӯ чоряк аср пештар аз Уилям Шекспир ба дунё омадааст). Муаррихон то имрӯз дақиққияти баъзе аз қаҳрамониҳои вайро зери шубҳа қарор медиҳанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сабабҳои махфии аксарияти аҳдҳои аз ҷониби ӯ оид ба иттиҳодҳои сиёсӣ бастаשударо, муайян намоянд.

Новобаста аз ин, тарҳи умумии ҳаёти Хидэёсӣ ва дастовардҳои калидӣ бо арқому далелҳо эътироф шудаанд. Хонанда бояд дарк намояд, ки санадҳои таърихӣ, ки дар онҳо Хидэёсӣ ҳадди сарвариро тасвият медиҳад, вуҷуд надоранд. Онҳо аз ҷониби муаллиф аз «Тайкокӣ», аз ҳодисаҳои воқеӣ, аз ҳамаи он чизе, ки дар бораи шахсияти Хидэёсӣ дар мактубҳо ва дигар санадҳо дида мешаванд, имтидод карда шудаанд.

Сарфи назар аз шаҳодати аёнӣ дар бораи он ки дар солҳои охири зиндагияш ӯ такаббур ва худписандии аз ҳад зиёд нишон медод, ман тамоми қувваи тасаввуроти худро истифода бурдам, то ки дар ҷойҳои зарурӣ ба садои Хидэёсӣ оҳанги андешамандӣ ва пушаймонӣ ҷой диҳам

(баъзе муҳаққиқони таърих чунин мешуморанд, ки дар пиронсолӣ вазъи саломатияш хуб набуд ва ба бемории рӯҳӣ гирифтор шуда буд). Бо мақсади ба даст овардани дарси сарварӣ аз ҳаёти ӯ, маро зарур омад тасаввур намоям, ки шоҳ-Маймун дар рӯзҳои охири ҳаёти худ қарор дод, ғарқи андешаҳо шавад ва панду насиҳатҳои оқилонаи худро, ки дар асоси баҳои воқеъбинонаи комёбиҳоиниҳоят зиёди худӣ ва нокомиҳои ҳалокатовар ҷамъ оварда шудаанд, ба наслҳои оянда манзур намояд.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям маро барои чунин ҷуръат ва ё бебокии ноҷо бубахшед.

## Шарҳу эзоҳ оид ба тарҷума

“Самурае, ки шамшер надорад“ – ин китоби нависанда Китами Масао “Курси идоракунии Тоётоми Хидэёсӣ” («Toyotomi Hideyoshi no Keiei Juku») мебошад. Одамоне, ки забони ҷопониро медонанд, мебинанд, ки ба матни аслӣ баъзе тағйирот ворид карда шудаанд. Ман ин корро бо се сабаб анҷом додам.

Аввалан, масъалаҳои идоракунӣ, ки дар китоби Китами Масао тавсиф карда шудаанд ва онҳоро Хидэёсӣ ҳал мекард, ба анъанаҳои иҷтимоӣ ва усулҳои пешбурди соҳибкории хоси Ҷопон зич алоқаманд буданд, вале барои аксарияти хонандагон ношинос мебошанд. Маҳз бо ин сабаб, дар ин нашр ман баъзе чизҳоро кӯтоҳ намуда, диққати асосиро ба мавзӯи сарварӣ, ки намояндагони фарҳангҳои мухталиф як хел дарк мекунанд, равона намудам.

Дуюмин, ҳамаи ҷопониҳо медонанд, ки Хидэёсӣ кӣ буд, бисёриҳо аз синни кӯдакӣ саргузаштҳои ӯро борҳо шунидаанд, дар ҳоле ки бисёре аз хонандагони “Самурае, ки шамшер надорад“, гумон аст, дар бораи қаҳрамони асосии мо ё қаҳрамониҳои вай дар даврони задухурдҳои

музофотҳо маълумоте дошта бошанд. Барои пур кардани ин холигиҳое, ки Китамӣ оромона метавонист сарфи назар намояд, маро зарур омад аз якчанд ҳуҷҷатҳои таърихӣ, тарҷумаҳои ҳол ва тадқиқотҳои илмӣ истифода барам.

Сеюмин, ман Хидэёсиро "Самурае, ки шамшер надорад" ном мебарам. Албатта, баъзеҳо бо назардошти оқибатҳои бади баъзе амалҳои қаҳрамони мо метавонанд норозигӣ баён намоянд ва изҳор кунанд, ки ӯ лоиқи чунин тахаллус нест. Вале ман чунин мепиндорам, ки дар ин ибора ноӯҳдабароии вай ҳангоми истифода аз санъати ҳарбӣ ва саъю кӯшиши зафар ёфтан бар душман бо оромӣ ба таври дақиқ ифода ёфтааст. Хонандагон бояд донанд, ки номи "Самурае, ки шамшер надорад"-ро ман махсус барои қаду қомати Хидэёсӣ фикр карда мондаам; он барои тамоми табақаи самурайҳои сулҳдӯст мисол шуда наметавонад, дар матни Китамӣ истифода намешавад ва дар забони ҷопонӣ монандӣ надорад.

Воқеан, дар бораи забон. Ман мехостам нусхаи англисиашро барои доираи васеи хонандагон шавқовар ва илҳомбахш намоям, вале барои ин ман ҳамчун муаллиф ва тарҷумон бояд ба созиш розӣ шавам. Ман номҳои ҷопониро бо тартиби даркорӣ (аввал насаб, баъд ном)-ро пешниҳод менамоям, вале барои осонии кор як қисми номи пурраи қаҳрамонро, ки барои дар хотири хонанда монданаш осон аст, истифода мебарам.

Дар натиҷа Хатидзука Короку зимни истифодаи ман Короку мешавад, Сибата Катсуиэ бошад, Сибата навишта мешавад (фикр мекунам, ба бештари хонандагон бе ин ҳам дар хотир нигоҳ доштан ва фарқ кардани номҳои ғайриодатӣ ва монанд, аз қабили Митсунарӣ и Митсухидэ, Масанорӣ ва Масамунэ ва ғайра, душвор хоҳад буд). Бинобар ин, барои он ки матн душворфаҳм нашавад, ман

қаҳрамонҳои дуюмдараҷаро беном мондам ва истифодаи номҳои архаистии ҷуғрофии асри шонздаҳро, ки бештари онҳо ҳатто ба соҳибони маҳаллии забон шинос нестанд, ба андозаи ҳадди ақал кам кардам.

Боз як мушкилоти дигар бо номи қаҳрамони асосии мо алоқаманд аст. Ба туфайли болоравӣ дар касбу вазифа номи Хидэёсӣ ончунон тез-тез иваз мешуд, ки ҳатто ба хонандагони ҷопонӣ дар хотир нигоҳ доштани номҳои ӯ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мушкил буд. Ман корро осон кардам, яъне дар китоб фақат як номро, ки ҳангоми таваллуд шуданаш – Хидэёсӣ ба ӯ дода буданд, истифода бурдам. Ман муддати зиёд аз ин ва дигар мушкилот азоб кашидам, вале дар ниҳояти кор қарор додам, ки мутобиқати дақиқ ба маълумотҳои илмӣ ин китобро ба ғайр аз ҳаводорони оташини таърихи Ҷопон, ниҳоят дилгиркунанда хоҳад кард. Умедворам, шумо аз натиҷаи кори мо қаноатманд хоҳед шуд.

Ва ниҳоят, мехоҳам ба Китами Масао барои он ки имкон дод, китоби мазкурро барои хонандагони англисзабон мутобиқ намоям; ба агенти худам Марте Ҷуэтт барои маслиҳатҳои арзишманд ва дастгирии пайвастаи ин лоиҳа ва ҳамчунин ба Джеймс Рейд Харрисон барои кумак дар таҳрири асар изҳори миннатдорӣ намоям.

Тим Кларк,<br>
Токио, Ҷопон<br>
ва Портленд, иолати Орегон,<br>
августи соли 2006.

# 1

## СИПОСГУЗОРӢ, МЕҲНАТИ СУБОТКОРОНА, ҚАТЪИЯТ ДАР АМАЛ ВА САДОҚАТ

Мақсади ту, ҷавон, ин аст, ки мехоҳӣ ба ман хизмат кунӣ?

Савораи асп, ки дар сар тоскулоҳи шохдор дошт, дар пасманзари осмони кабуди тира, сияҳнамо ба назар мерасид, гӯё мисли деви бузург болои сари ман намудор шуд, ман бошам, бо ду зону дар дохили обу лой назди вай истода будам. Ман наметавонистам ба чеҳраи вай назар кунам, вале аз гулдурроси овози вай фақат салобат эҳсос мегардид, дар саволаш бошад, ҳатто ишорае аз тамасхур дида намешуд.

Ман кӯшиш кардам чизе бигӯям, вале аз гулӯям фақат хир-хири суст баромаду халос. Даҳонам ончунон хушк шуда буд, ки гӯё аз ташнагии шадид мурда истода будам. Вале ҷавоб додан зарур буд. Зеро аз ҷавоб ба саволи вай на танҳо тақдири ман, балки қисмати ояндаи тамоми Ҷопон низ вобаста буд, вале он вақт ман инро намедонистам.

Сарамро ба он андозае боло кардам, то ки тамоми қаду қомати девмонандашро фаро гирам, дидам, ки ӯ ба ман мисли заған, ки омодааст бо чанголҳои тези худ муши саҳроиро дастгир намояд, нигоҳ мекард.

Вақте ман тавонистам сухан гӯям, овози ман тозаю ором буд ва бо ҳар як калимаи навбатӣ дар он боварӣ илова мешуд. Бале, чунин ният дорам, князь Нобунага, – тасдиқ намудам ман. – Мехоҳам.

Ин кор дар авҷи даврони тираю пурошуби ҷангҳои дохилӣ: “асри ҷангҳо”, вақте ки замин ғарқи хун гашта буду ягона қонун, қонуни шамшер ба шумор мерафт, рух дод. Ман ҷавони наврас будам ва тани танҳо барои ҷустуҷӯи хушбахтӣ, бо кисаҳои холӣ аз як деҳа ба деҳаи дигар овораю саргардон мегаштам. Вале, ҳатто ҳамон вақт ман мехостам сарвар шавам ва одамонро аз паси худ барам, ҳол он ки тахмин карда наметавонистам, ки ин хоҳишам маро то ба куҷоҳо мебарад.

Номи ман Тоётоми Хидэёсӣ. Имрӯз ман ҳокими олии тамоми Ҷопон, якумин деҳконе ҳастам, ки ягон вақте ба қуллаҳои баланди ҳокимият расидаам[1]. Ман ягона князь аз байни бештар аз дусад даймё, ки кишварро дар байни худ тақсим карда буданд, мебошам, ки мавқеи худро дар ҷамъият на аз рӯйи ҳуқуқи таваллуд ва бо имтиёзи дар қонун тасдиқшуда, балки бо меҳнати суботкорона ба даст овардаам. Ман аз қашшоқию бенавой баланд шудаам, то ки кишвари бузургро идора ва ба садҳо ҳазор самурай ҳукмфармоӣ намоям. Ин лаҳза ман ба навиштани ин калимаҳо машғул ҳастам ва умедворам, ки таърихи ман дар қалби одамон шавқу рағбати ривоҷ додани сифати сарвариро бедор менамояд.

1. Дар солҳои охири зиндагияш Хидоёсӣ вазифаи тайко ё регенти император дар истеъфоро ишғол мекард. Сарфи назар аз бознишаста будан, мақоми тайко аз кампаку ва регенти император баландтар буд. Ба ном ҳам тайко ва ҳам кампаку ба император тобеъ буданд, вале ҳокимияти император рамзӣ буд. Дар амал ҳокими олии Ҷопон Хидэёсӣ ба шумор мерафт.

Баъзеи аз шумо аллакай аз паси худ пайравони хешро ба пеш бурда истодаед. Баъзеҳо ба наздикӣ ба ҷодаи сарварӣ қадам ниҳодаанд. Дигарон бошанд, аз паси касе равонанд, вале орзу доранд, худашон дар сафи пеш бошанд. Нобоваста ба ҷой ва мақоми шумо дар зиндагӣ, сирру асрорҳои нагузарандае, ки дар ин саҳифаҳо кушода шудаанд, ба шумо хизмати хуб хоҳанд кард, зеро онҳо ҳам барои касоне, ки худашон тобеъ мебошанд ва ҳам барои шахсоне, ки ба онҳо тобеъ ҳастанд, якранг судманд мебошанд.

Одамон маро барои табиати шух доштан ва ҳамчунин барои гӯшҳои чапарак, каллаи бузургу тани бемадор доштанам бо лақаби Маймун сарфароз гардонидаанд. Қади ман паст буда, бадафт мебошам. Касоне, ки маро бори аввал мебинанд, симои ман онҳоро ҳайратзада мекунад – онҳо интизори он набуданд, ки одами аз ҳама тавонои мамлакат метавонад тоссар, бадафт ва пакана бошад. Баъзеҳо маро бадафттарин сарвар дар таърихи Ҷопон ном мебаранд!

Бигузор ҳарчӣ мехоҳанд, гӯянд. Сарфи назар аз шӯҳрати баднамотарин ҳокими олӣ, дар ҳаёти ман, одамони зиёде буданд, ки содиқона ба ман хизмат мекарданд, барои он ки ман низ ба онҳо сидқан хизмат менамудам. Ин аст “сирри садоқату вафодорӣ”, ки дар бораи он баъдтар ҳикоят хоҳам кард.

Эҳтимол шуморо он ҳодиса дар бораи он ки роҳи муваффақонаи ман ба қуллаҳои сарварӣ дар асоси мафҳумҳои ибтидоии садоқат, сипосгузорӣ, меҳнати суботкорона ва қатъият дар амал сохта шудааст, ба ҳайрат оварад. Ин принсипҳо то андозае тривиалӣ ба назар мерасанд, ки дар нигоҳи аввал “сиру асрор” ҳисобида намешаванд. Вале кам касоне пайдо мешаванд, ки қувваи аслии онҳоро дарк намоянд ва камтар аз ин одамон медонанд, ки онҳо асоси

кодекси самурай, маҷмуаи қоидаҳои рафторро, ки садҳо сол боз эҳтиром мекунанд, ташаккул медиҳанд. Кодекси самурай на танҳо бахши муносибат бо яроқро фаро мегирад, ки ман аз ин беҳад миннатдорам, зеро дар таърихи Ҷопон ҳамчун бадтарин ҷанговар шӯҳрат доштам! Вале дар аслиҳахонаи ман яроқи дигар, ки дар ҳақиқат дорои қувваи даҳшатнок мебошад ва номи он – ақлу идроки ман аст, вуҷуд дорад. Ва маҳз барои ҳамин, шумо метавонед маро самурае, ки шамшер надорад, ном баред.

Дар тамоми роҳҳои расидан ба қуллаҳои сарварӣ ман ин қоидаҳоро бечуну чаро иҷро мекардам, онҳо беҳтарин ёрдамчиёни ман буданд. Дарсҳои сарварӣ, ки ман он замон азхуд кардам, то ҳанӯз моҳияти худро гум накардаанд, кодекси самурай бошад, ба талаботи сарварон дар Ҷопон ва берун аз сарҳадоти он ҷавобгӯ мебошад.

Ман дар оилаи деҳқони камбагал дар деҳаи Накамура[1], воқеъ дар вилояти Оварӣ ба дунё омадаам. Беаслу насаб, бадафт, ки ба маймуни камбағал шабоҳат дорад, – ин манам: Хидэёсӣ, писарбача маймун. Падарам дар синни ҷавонӣ ин дунёро тарк кард. Бо падари угай мо доимо ҷанҷол мекардем.

Ман маълумот гирифта натавонистам, барои гирифтани ягон касб омӯзонида нашудам ва аз ягон бартарию имтиёзҳои табақаҳои асилзода бархӯрдор набудам. Вале ман ба андозаи ҳадди аксар кӯшиш мекардам, ки аз он камтарин хубиҳое, ки насибам гардида буд, истифода барам. Бартарияти ман ин камбағалӣ буд, зеро маҳз он бароям кумак кард, ки моҳияти мубориза барои зиндагиро, ки одами табақаи поёнӣ маҷбур аст, пеш барад, дарк

1. Имрӯз Накамура, ин ноҳияи шаҳри Нагоя, яке аз марказҳои бузурги Ҷопон ба шумор меравад, ки дар он дафтари асосии корпоратсияи «Toyota» ҷойгир аст.

намоям. Наваду панҷ фоизи онҳое, ки дар ин муҳориба иштирок мекунанд, аскари пиёда, одамоне мебошанд, ки дар зинаҳои поёни ҷамъият қарор доранд. Ман ба хубӣ дарк менамоям, ки онҳо худро чӣ гуна ҳис мекунанд ва дар бораи чӣ фикр мекунанд, зеро худам ҳам як замоне яке аз онҳо будам. Маҳз барои ҳамин, ман тавонистам моҳирона вафодории онҳоро ба даст орам, шавқу завқи онҳоро бедор намоям ва онҳо бо хушнудӣ ба хотири ман ба ҳама кор омода ҳастанд. Дар ин ҷода ягон ҷаноби асилзода баробар шуда наметавонад. Оё онҳое, ки доимо хӯрок ва сарулибос ва сарпаноҳ доштанд, метавонанд онҳоеро, ки ин ҳама чизҳоро ҳеҷ вақт надоштанд, дарк намоянд?

Камбудиҳои аз ҳама калонтарини ман (дар аввал ман чунин мепиндоштам) ин қади паст ва бадани бемадор ба шумор мерафтанд. Дар овони ҷавонӣ аз ҳама бештар мехостам самурай шавам, вале барои ин ба ман қувваю чолокӣ намерасид. Дар асри ҷангҳои тӯлонӣ ҳар як княз барои ҳимояи ҳокимияти худ маҷбуд буд артиши хешро ташкил намояд, бинобар ин, аксаран аскаронро аз ҳисоби деҳқонон ҷамъ мекарданд. Онҳое, ки аз ҷумлаи мо бо қувваи хуби чисмонӣ фарқ намекарданд, ба артиш шомил шудан мушкил буд. Ман ҳеҷ гоҳ аз шамшер моҳирона истифода бурда наметавонистам. Дилхоҳ ронини[1] лоғар ба осонӣ метавонист дар задухӯрдҳои кӯчагӣ косахонаи сари маро зада шиканад! Бинобар ин, ман базудӣ дарк кардам, ки агар мехоҳам сари худро дар болои китфонам нигаҳ дорам, на бадани худро, балки бояд шуури худро инкишоф диҳам. Барои ҳамин ман самурае шудам, ки бисёртар ба ақл умед мебандад, на ба силоҳ. Ман аз шамшер дида, санъати роҳбарӣ ва аз найза дида, мантиқро авлотар

1. Самурае, ки ҷаноб надорад. Дар баъзе мавридҳо ронинҳо ба ҳайси аскари кироя хизмат мекарданд.

донистам. Муносибати ман ба сарварӣ бароям имконият дод, ки бар ҳарифонам ғолиб оям. Ҳазорон самурайҳо аз паси ман бе дудилагӣ худро ба обу оташ заданд, барои ман ҳам аҳли табақаи поёнӣ ва ҳам асилзодаҳо ҳаёти худро дареғ надоштанд. Ман ба ҳамаи онҳо барои қурбониҳояшон бениҳоят сипосгузорам. Миннатдорӣ бошад, тавре шумо мебинед, асоси сарварии бомуваффақиятро ташкил медиҳад.

## Сарварон бояд сипосгузор бошанд

Таърихи зиндагии ман оғози хоксорона дорад. Дар баробари нодорию камбағалӣ, бесаводӣ ва аз нажоди номдор набудан, ман пастқомат, заиф ва бадафт будам. Вале ман нагузоштам, ки ин камбудиҳо тақдири маро муайян намоянд. Маро чунин як хоҳиши пурҳарорати зиндагӣ фаро гирифта буд, ки шабеҳи онро ками андар кам дар дунё вохӯрдан мумкин аст.

Сарфи назар аз он ки ман дар оилаи чоряккор таваллуд шудаам, кӯшиш мекардам сарвар шавам ва ният доштам нагузорам, ки номукаммалиям садди роҳам гарданд. Дар замири дил ҳамеша медонистам, ки имкониятҳои ман зиёдтар аз он аст, ки дигарон дар бораи он фикр мекунанд.

Падарам дар аввал деҳқон буд, баъд дар артиши қабилаи Ода аскари пиёда шуд ва сипас дар муҳорибае ӯро маъюб карданд. Барои он ки зиндагонии хоксоронаро пеш барад, модарам маҷбур шуд ҳамчун мардикор кор кунад. Баъди вафоти падар, вақте ман ҳафтсола будам, модар ба марде бо номи Тикуами, ки аввал деҳқон ва баъдтар аскари Ода шуда буд, ба шавҳар баромад.

Ман модари худро, ки ҳаёти вай занҷираи имтиҳонҳои сангин буд, ниҳоят дӯст медоштам. Ҳатто ҳангоми бачаи хурд буданам, ман сангинии азиятҳои ӯро ҳис мекардам

ва тақдири маро кушишҳо барои сабук кардани бори ғаму ташвиши вай муайян намуд, вале танҳо баъд аз он ки ман бори дигар сабабгори расонидани дарди бештаре шудам.

Гап дар сари он меравад, ки ман бачаи шӯху ҷангара будам. Ман мактабро бад медидам, санг партофтану ҷангбозиро дӯст медоштам. Ба модарам назорат кардан аз болои ман ниҳоят мушкил буд, барои ҳамин ғамхорӣ оид ба тарбия ва донишомӯзиро ба роҳибҳои маъбади буддой ба умеде, ки дар он ҷо интизомам беҳтар мешавад, вогузор намуд. Вале ман насиҳатҳои муаллимонро сарфи назар карда, рӯзҳои дароз дар кӯчаҳо овора шуда, мегаштам, бо найзаҳои аз дарахти бамбук сохташуда гурбаҳои бемаконро шикор намуда, бо шамшери чӯбин бо шапалакҳо ҷанг мекардам. Дере нагузашта, роҳибҳо аз баҳри ман гузаштанд. Онҳо гуфтанд, ки ҳатто худи Буддо тоқати назорат бурдан аз болои Хидэёсиро надорад ва маро ба хонаамон фиристоданд.

Баъди баргаштан ба оила ман алаф медаравидам ва ба моҳигирӣ машғул шудам, то ки ба модарам барои таъмини рӯзгор кумак расонам, вале бисёр вақт гуруснагӣ мекашидем. Бадии кор дар он буд, ки ман бо падарандарам, ки маро аз рӯйи одат химча меномид, муносибати хуб надоштам. Дар яке аз рӯзҳо модарам қарор дод, ки ба ин феълу рафтори ман дигар тоқат кардан наметавонад.

Хидэёсӣ, – гуфт ӯ, – чун ту намехоҳӣ дарс хонӣ ва роҳибҳо дигар намехоҳанд бо ту машғул шаванд, ман бо ҳамсояҳо маслиҳат кардам, ки туро ба шогирдӣ қабул намоянд, то ки аққалан ягон касбро аз худ намоӣ.

Ман ба шунидаҳои худ бовар накардам, зеро модарамро ягона ҳамфикри худ меҳисобидам.

Ту чӣ гуна метавонӣ бо ман чунин рафтор намоӣ? – пурсидам ман. Баъди шунидани ин суханон, ӯ гиря намуд

ва маро ончунон сахт ба оғӯш гирифт, ки қариб буд нафасгир шавам.

Ман тарс аз он дорам, ки агар минбаъд низ ту ба падархондат эрод гирӣ, натиҷааш ба хубӣ анҷом намеёбад. Ягон рӯз вай худро идора карда наметавонад ва туро то мурданат мезанад. Ман дигар ин гуна рафтору муносибати шуморо тақат карда наметавонам. Аз барои Худо, аз ту илтимос мекунам, ин хонаро тарк намо. Ман бо тамоми вуҷудам, дилу ҷонам пазмонат мешавам, вале ту бояд равӣ.

Не! Ман рафтан намехоҳам! Модар, ман туро дӯст медорам!

Хидэёсӣ, маро бодиққат гӯш кун, – бо садои гиряолуд гуфт ӯ.

Барои он ки дар ин дунё зиндагӣ намоӣ, бояд замин ва пул дошта бошӣ. Ман намехостам бори дигар ба шавҳар бароям, вале моро зарур буд, ки зинда монем. Акнун ту бояд худат ғамхорӣ худ бошӣ.

Ин охирин маротибае набуд, ки ман маҷбур будам хонаи бароям азизро ба талаби модарам барои таҳсил, тарк намоям. Манзараҳои ба ин монанд борҳо такрор шудаанд ва ҳар дафъа бо натиҷаҳои якхела анҷом ёфтаанд. Модар зораю тавалло мекард, ки барои худам ҷойи хубро пайдо намоям. Барои омӯзиши касби нав ман ба оилаи дигар мерафтам, вале ба гузашти якчанд моҳ маро аз он ҷо пеш мекарданд ва боз ба хона бармегаштам. Модар маро таънаю маломат мекард ва аз маъюсию ноумедӣ ашки талх мерехт. Вале ин ҳама панду насиҳатҳои ӯ аз як гӯш даромада, аз гӯши дигар баромада мерафтанд ва орзу мекардам, ки хизматгори самурай шавам.

Рӯзе ман қарори қатъӣ қабул намудам.

Модар, ман барои ёфтани роҳи худ дар зиндагӣ ба таври доимӣ хонаро тарк мекунам, гуфтам ман.

То он вақте ки шуҳратманд нашавам, ба хона барнамегардам.

Сарфи назар аз он ки он вақт ман ҳамагӣ понздаҳ сол доштам, қатъияти дар чашмонам будаpo дида, модарам ба беҳӯда будани эътирозаш боварӣ ҳосил кард.

Ҳангоме, ки бо чашмони пурашк маро гусел мекард, ӯ ба ман халтаи вазнини пур аз тангаҳои мисинро дод, ки он барои харидории биринҷ барои як сол басанда буд. Модарам ба хубӣ медонист, ки ба навҷавоне, ки дар танҳоӣ дар кишвар овораю саргардон мешавад, чи гуна хатарҳо таъқиб мекунанд ва тарс аз он дошт, дигар ҳеҷ гоҳ бо ҳам вонамехӯрем. Бинобар ин, вай тамоми пулҳоеро, ки барои мерос ба ман пешбинӣ шуда буданд, ба ман дод. Ин маблағ назар ба он пулҳое, ки деҳқонони соҳиби корбуда, ба фарзандонашон медоданд, зиёдтар буд. Ӯ барои сарфа кардани ҳар як пули сиёҳ, аз бароварда сохтани кучактарин хоҳишу талаботи худ даст мекашид. Банохост барои худ дарк кардам, ки то чӣ андоза вай маро дӯст медорад ва барои ин чӣ қурбониҳое накардааст. Барои аввалин бор маро ҳисси сипосгузории самимона фаро гирифт. Ҳамон рӯз ман бо роҳи ноҳамвор, ки маро аз деҳаи худамон ба берун аз он мебурд ва ман ҳеҷ гоҳ он ҷо набудам, қарор қатъӣ қабул кардам, ки барои осон кардани зиндагии модарам тамоми корро анҷом медиҳам. Ман ба зинаҳои боло роҳ меёбам ва ӯро аз азоби меҳнати пурмашаққат дар саҳро озод намуда, барояш чунин шароите муҳайё хоҳам сохт, ки дар бораи он танҳо орзу мекард.

Сипосгузорӣ дар вуҷуди ман чунин майлу хоҳиши боздоштанашавандаеро бедор кард, ки худ ба қуллаҳо бирасам ва ба дигарон кумак намоям. Сарфи назар аз ақидаи маъмулӣ, моҳияти сарварӣ аз ин иборат аст, ки ба дигар одамон хизмат намоӣ, на ин ки аз хидмати ди-

гарон истифода барӣ. Ба онҳое, ки кӯшиш доранд дигаронро барои аз қафояшон рафтан ҷалб намоянд, зарур аст, "асрори сипосгузорӣ"-ро азхуд намоянд: *сарварон бояд сипосгузор бошанд.*

## Сарварон бояд аз дигарон бештар кор кунанд

Рафтан аз хонаи волидайн аз оғози ҳаёти нав ва ҷустуҷӯи кор далолат медод. Дар Киёсу, аввалин нуқтаи истгоҳ дар ҷараёни сафар, ман қисми зиёди маблағи меросро барои хариди сузан барои дӯхтани матоъҳои пахтагин сарф намудам. Сӯзанҳо нархи гарон доштанд, вале бурдани онҳо назар ба халтаи тангаҳо осон буд ва ҳамеша ба онҳо харидор ёфтан мумкин буд. Дар он замон Ҷопон ба матоъҳои пахтагин талаботи зиёд дошт – онҳо на танҳо барои дӯхтани либос истифода мешуданд, балки барои таъмини талаботи низомӣ равона карда мешуданд. Ман ният доштам, ки сузанҳоро ба дӯзандагони деҳотӣ ва оилаҳои самурайҳо фурӯшам.

Ҳаёти савдогари майдафурӯши оворагард, махсусан барои навҷавони понздаҳсола сангин аст. Баъди чанде охирин пасандози худро сарф кардам ва ҳама гуна корро – фаррошӣ, аробакашӣ ва ғайраро маҳз ба хотири шикамро бо ғизо пур кардан, иҷро менамудам. Ман дар зери осмони кушод хоб мекардам ва рӯзҳои дароз чизе намехӯрдам. Баъзан ман ҳатто гадоӣ мекардам!

Гоҳ-гоҳе бароям муяссар мегашт, ки барои муддати кутоҳ ва бар ивази маблағи ночизе кор ёбам. Худро дар даҳҳо шуғл озмудам, ба ҳайси дуредгар, чалаксоз, моҳигир, маъдангудоз, даравгар, ёрдамчии ангиштсӯз, савдогари равған, чархчӣ ва дигар касбҳо, ки ҳоло дар ёдам нест, кор кардам. Ман ба таври мукаммал санъати бозори тиҷоратро азбар кардам, фаҳмидан ва дарки хоҳиши харидорон ва

корфармоён, пай бурдани кайфияти оммаро ёд гирифтам. Ба ман муяссар гашт, ки шоҳиди олиҳимматӣ ва хасисӣ, сипосгузорӣ ва палидӣ, ҷавонмардӣ ва аҳдшиканӣ гардам. Рафтори одамонро дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, аз ҷумла тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида намуда, маҳорати хешро дар самти шинохтани хислати онҳо фасеҳ ва мукаммал мекардам. Бо мурури замон маҳорати ворид шудан ба асроргоҳи замири инсонӣ баланд гардид ва муайян намудани талаботи намояндагони табақаҳоро ёд гирифтам ва боварии онҳоро ба даст овардам.

Вале орзуи самурай шудан чун пештара аз дурнамои ноил шудан ба маҳорати баланд дар касбҳои аҳли табақаи поёнӣ, бештар ҷалб мекард. Бинобар ин, ман ба Сунпу[1], ба қасри сулолаи Имагава, сулолаи тавонои самурайҳо, ки се вилоятро дар соҳили Укёнуси Ором идора мекард, раҳсипор гаштам. Барои ба он ҷо расидан, маро зарур омад, ки чанд ҳафта бо роҳҳои беҳадду канори Баҳри шарқӣ – роҳи асосии нақлиётӣ, ки Ҷопони ғарбӣ ва шарқиро мепайвандад, қадам занам. Дар ҷараёни қадамзамзанӣ дар ин роҳ, ман такрор ба такрор андешаи чӣ гуна аз княз Имагава илтимоси худро барои ба кор гирифтан дар майнаи сарам чарх мезанондам.

Як замоне, вақте ман дар болои пул истироҳат доштам, аз паҳлӯям вассали қавми Митсусита савори асп гузашта рафт. Ӯро Наганори[2], ном мебурданд ва вай вазифаи мудири қалъаро ба ӯҳда дошт. Баъдтар вай ҳикоят кард, ки

1. Сунпу ба вилояти Сидзуока мутобиқат мекунад.
2. Аз рӯйи анъана қабул шудааст, ки аввалин самурае, ки Хидэёсӣ хизмат кардааст, Матсусита Юкутсуна будааст, аммо аз рӯйи ақидаи нависанда Киямӣ, далелҳои асоснок имрӯз имкон медиҳанд исбот намоем, ки аввалин ҷаноби Хидэёсӣ Матсусита Гэндаэмон Наганорӣ буд.

вақте маро аввалин бор дид, нафаҳмид, ки ман кӣ ҳастам: одам шабеҳи маймун ё маймуни ба одам монанд!

Ҷавон, ту аз куҷоӣ? – аз боло ба поён нигоҳ карда пурсид Наганорӣ.

Аз деҳаи Накамура, ки дар вилояти Овари воқеъ аст, – ҷавоб додам ман, – ба ҷониби шарқ барои дарёфти кор ба мулки самурай равонам.

– Наганорӣ қоҳ–қоҳ зада хандид.

– Кӣ чунин паканаи лоғарро ба кор мегирад?

– Шумо ҳам на он қадар ба ҷаноб шабоҳат доред.

Он чи ки шакли зоҳирии ман ба шумо маъқул нашуд, ҳанӯз маънои онро надорад, ки он ба дигарон маъқул намешавад!

Баъди шунидани мазамммати истеҳзоомези ногаҳонӣ, вай дубора қоҳ–қоҳ зада хандид ва баъд пурсупоси маро идома дод. Ман тавонистам диққати узви сулолаи обрӯманди самурайро ба худ ҷалб намоям!

Наганорӣ маро ба қалъаи Матсусита бурд ва ба дигар вассалҳо ҳамчун "писарбачаи ширинкор" муаррифӣ намуд. Намуди зоҳирии ман хандаи пуравҷи онҳоро ба амал овард ва дар ин миён ҳарисона хурмоюю меваи шоҳбулутро хӯрда, ба тарафи ман мепартофтанд. Онҳо низ маро Маймун гуфта ҷеғ мезаданд. Ба зудӣ ҳама бошандагони қалъа медонистанд, ошпазҳо бошанд, дар як рӯз ду маротиба то сер шуданам ғизо медоданд.

Маҳз ба ин минвол ҳаёти ман дар қабилаи Матсусита оғоз ёфт. Матсусита вассали қабилаи Имагава ба шумор мерафт, ки онро генерали номдор ва ҳомии санъати ҳарбӣ Ёсимото идора мекард. Дар ибтидо маро ба вазифаи дорандаи шиппак, ки дар давоми рӯз аз паси ҷанобаш ба ҳама ҷо меравад, пойафзолашро мепӯшонаду мекашад ва ҳамзамон дигар супоришҳои зиёди кучакро иҷро мена-

мояд, қабул карданд. Баъдтар мақоми маро то вазифаи камердинер баланд карданд. Дар ин вазифа ман аз болои ҳолати гардеробҳои ҷанобҳо назорат мебурдам ва дар пӯшидан ва кашидани либос ба онҳо ёрӣ мерасонидам. Дар ниҳояти кор ба ман супориш дода шуд, ки мудирии анборҳоро ба ӯҳда гирам.

Бинобар сабаби он ки ман кори худро ба таври олӣ анҷом медодам, маро хизматгори арзишманд меҳисобиданд. Княз Матсусита дар робита ба ин, лоиқ донист, ки ман насаби авалини худ – Накамура ки аз номи шаҳри зодгоҳиям бармеояд, дошта бошам[1].

Ман фавқулодда аз нақши нигаҳдори анбор ифтихор мекардам. Ман саги посбониро ба ҷойи кор оварда, тамоми кӯшиши худро ба таъмини амнияти амвол равона кардам. Баробари ба ин вазифа таъин намудани ман ҳодисаҳои дуздие, ки пеш рух медоданд, тамоман қатъ гардиданд. Ин кор ва дигар вазифаҳо ба ман маъқул буданд, на танҳо барои он ки аз нодории таҳқиромез халос шудам. Ҳар як супориши навро агар қабеҳ ҳам бошад, онро як зинаи боло ба мансаби навбатӣ меҳисобидам. Бинобар сабаби он ки ман аз ҷиҳати ҷисмонӣ ягон бартарие надоштам, қарор додам, ки ягона роҳи фарқ кардан ин тамоми маҳорати худро дар кор нишон додан аст.

1. Дар он замон деҳқонон ва шаҳрвандони табақаи поёнӣ аксаран насаб надоштанд, фақат ном доштанду халос. Доштани насаб нишонаи мавқеи соҳибимтиёзӣ шуморида мешуд, бинобар ин, тағйир ёфтани вазифа ва ё мақоми иҷтимоӣ аксаран ба иваз шудани насаб оварда мерасонид. Барои мисол, Хидэёсӣ баъди таваллуд номи Хиёсиро гирифта буд (баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки номи аслии вай Хийсимару буд), вале дар марҳилаҳои гуногуни пешравӣ дар мансаб ӯ бо номҳои Токитиро, Накамура Токитиро, Киносито Токитиро, Хасиба Тикудзэн, Ками Хидэёсӣ ва Тоётоми Хидэёсӣ машҳур буд. Тез-тез иваз шудани ном ҳатто хонандагони ҷопониро парешонҳол мекунад, бинобар ин, дар китоб ман танҳо номи Хидэёсиро истифода бурдам.

Аммо одамони бегонаро, ки дар муҳлати кутоҳ соҳиби мансаб мешаванд, касе дӯст намедорад. Боре хизматгори ҳасуде маро ба duzdidani кадом чизи кучаке аз анбор гунаҳгор кард. Дигарон бошад, ба ин гуноҳ айбҳои дигарро илова карданд ва дар ниҳояти кор Наганорӣ ба ман гуфт, ки ту нафрати тамоми хизматгорони Матсуситаро ба худ равона кардаӣ. Барои ман раҳмаш омада буд, вале ӯ наметавонист ба хотири ман тамоми нотавонбинонро аз кор хориҷ кунад. Бинобар ин, ӯ маҷбур шуд аз баҳри ман гузарад.

Вақте ман эътироз карда, қасам хӯрдам, ки гуноҳ надорам, Наганорӣ хашмгин шуда, маро беҳайё номид. Ман сахт гиря кардам ва қалъаи Матсуситаро тарк намудам. Дар ин замон ман ба 18 солагӣ қадам ниҳода будам. Аз кор хориҷ шудан барои ман изтироби сангин буд, вале маъюсӣ ба зудӣ ғайб зад. Ман бовар доштам, ки ҳатман ягон нафар ба хизматҳои ман баҳои сазовор медиҳад. Илова бар ин, ба дарки он ноил гаштам, ки хафа шудан аз гардишҳои тақдир беҳӯда аст. Ягона чизе, ки дар чунин ҳолат метавонад фоида биоварад, ин дарси ибрат гирифтан аз таҷрибаи рӯзгор аст.

Чандин сол баъдтар, вақте ба комёбиҳои назаррас ноил шудам, барои фикр кардан вақт ёфтам ва ба худ гуфтам, ки чӣ гуна метавонам одамонеро дар наздашон худро қарздор ҳисоб мекунам, онҳоеро, ки дар ҷавонӣ ба ман кумак кардаанд, ба таври шоиста сипосгузорӣ намоям. Қарор додам Наганорӣ, вассали қабилаи Матсуситаро, ки маро ба кор қабул карда буд ва баъд маҷбур шуд аз кор хориҷ намояд, пайдо кунам. Мехостам ба ӯ барои дастгирияш дар оғози фаъолиятам сипосгузории амиқ баён намоям. Чун худи ӯро пайдо накардам, писари вай, Юкутсинуро бо замини калон сарфароз кардам ва ба вай унвони князро

додам. Ман ҳамаи он корҳоеро, ки аз дастам меомад анҷом додам, то ки ба кори хуб, бо амали нек ҷавоб диҳам.

Коршоямии аз ҳад зиёд ба онҳое, ки чизе надоранд, имконият медиҳад, ки аз онҳое, ки соҳиби имтиёзу мавқеъ мебошанд, пеш гузаранд. Ин аст "асрори ҷидду ҷаҳд": *сарварон аз дигарон дида, бояд бештар меҳнат кунанд.*

## Дар лаҳзаҳои мушкил ҷасурона амал намоед

Баъди аз даст додани ҷойи кор дар қабилаи Матсусита, ба худ қавл додам, ки интихоби ҷаноби оянда, танҳо дар асоси қарори бошууронаи худам анҷом хоҳад ёфт, на ин ки чун пештара зимни вохӯрии тасодуфӣ, ки пештар дар болои купрук ба амал омада буд. Аммо барои амалӣ кардани ин фикри худ бояд ба хизмати кӣ ҳозир шавам?

Дар вилояти Оварӣ, ки дар он ҷо таваллуд ёфтаам, князи ҷавон Ода Нобунага ҳукмронӣ мекард. Дар даврони ҷавонӣ падарам дар артиши падари вай Нобухиде хизмат мекард. Барои ҷасорат дар муҳорибаҳо вассалҳо ба княз Нобунага тахаллуси "оташаки ҷанг" дода буданд. Шӯҳрат ва ҳамчунин мушоҳидаҳои худро ба назар гирифта, қарор додам, ки княз Нобунага ба ман на танҳо кордиҳандаи муносиб, балки устоди сазовор хоҳад буд.

Баъди он ки ман ӯро ба ҳайси ҷаноби нав интихоб намудам, мушкилӣ ба миён омад: диққати вайро чӣ гуна ба худ ҷалб намоям? Ман саропо одами боғайрат будам, вале ман ягон гуна шаъну эътибор, аз қабили унвони сулолавӣ ва шуҳрати ҷанговариро надоштам. Ягона соҳаи фаъолият, ки ман худро дар он дилпурона ҳис мекардам, – тиҷорат буд. Ба ҳайси савдогари ботаҷрибаи оворагард ман ба таври хеле хуб арзиши аслии бозории молу хизматрасониҳоро медонистам. Ба ғайр аз ин, кайҳо дида будам, ки самурайҳое, ки ин гуна чизҳоро барои ҷалби диққати худ нораво

медонистанд, аксар вақт қурбонии оҷизи савдогарони ҳиллагару маккор, ки бе душворӣ онҳоро фиреб медоданд, мешуданд. Ба туфайли камбағалии худ медонистам, ки ҳар як тангаро чӣ гуна метавон сарфа кард. Э кош, воситаи таъсир кардан ба ҷаноби Нобунага вуҷуд дошта бошад! Ман қарор додам, ки бо хоҳиши худ оид ба ҷудо намудани ҷойи кор дар ташкилоти вай ба княз муроҷиат намоям, зеро умедвор будам, ки чунин шахс бояд дар одамҳо ҷасуриро қадр намуда, сифатҳои корчаллониро аз сулолавӣ дида баландтар гузорад. Ман ҳақ баромадам! Барои он ки корам бештар омад кунад, бо хизматгори қалъаи Ода шинос шудам ва ҷиҳати амалӣ гаштани нақшаам – дар бораи ба куҷо ва кай рафтани княз Нобунага ба ман хабар доданаш ба ӯ сад тангаи мисӣ (тамоми пулҳои дар ихтиёр доштаамро) додам. Ин маблағгузорӣ беҳтарин дар ҳаёти ман ба шумор рафт.

Шоми баҳори соли 1554, дар сарҳади вилоятҳои Оварӣ ва Мино ман дар паси буттаи назди дарвозаи бузурги хонаи яке аз оилаҳои асилзода, ки княз Нобунага тез-тез меҳмон мешуд, пинҳон шудам. Ин кӯшиши сеюми ман буд, ки омадани князи ҷавон ва аҳли рикоби вайро поида меистодам. Маротибаи аввал аспи вай қабл аз он ки ман ба паҳлӯи роҳ парида бароям, бо суръати баланд гузашта рафт. Дар дафъаи дуюм, ман номашро гирифта, ҷеғ задам, вале борони сахти ногаҳонӣ сухани муборакбодии маро пахш намуда, сару рӯ ва либосҳоямро тамоман тар кард.

Он бегоҳ бахт ба рӯйи ман хандид. Вақте княз Нобунага аспи даванди худро дар назди дарвоза нигоҳ дошт, ман парида ба роҳи ифлос баромадам ва чунон паст таъзим кардам, ки абрувонам ба замин расида буд, хитоб кардам:

– Ҷаноби Нобунага ман ба шумо хизматгузории худро пешниҳод менамоям!

Сарвари қабилаи Ода ба ман бо нигоҳи ҷиддӣ назар афканд.

– Аз ин мебарояд, ки ту мехоҳӣ ба ман хизмат кунӣ? – беэътиноёна пурсид ӯ.

– Бале, чунин аст, ҷаноби Нобунага, тасдиқ кардам ман. – Мехоҳам.

– Ин маймуни майдаяк фикр мекунад, ки метавонад шахси фоидаовар шавад, – андешамандона гуфт ӯ.

– Аниқтараш ин фақат андешаронӣ буд на савол, вале ман ба ҳар сурат ҷавоб додам. Ман сари худро бардошта, рост ба чашмони вай нигоҳ кардам.

– Бале, ҷаноб. Фикр мекунам, ки метавонам, – бо эҳтиром, вале бо оҳанги қатъию дилпурона нидо кардам.

Генерал мағрурона сарашро боло кард.

– Дар ин сурат, маро хотиррасон намоед, – ба надимони худ муроҷиат карда гуфт, ки – ҳамасола барои нигоҳ доштани ҳар як нафари шумо ман чӣ қадар харҷ мекунам?

Нобунага интизори он нашуд, ки касе аз онҳо ҷуръат карда, ҷавоб медиҳад. – Як одам дар як сол яксаду панҷоҳ килограмм биринҷ истеъмол мекунад. Ҳамчунин ба ин мисо[1], намак, сабзавот, лубиё, моҳӣ ё гушти сайд як маротиба дар даҳ рӯз, хароҷот барои нигаҳдории ошхона ва овардани маводи хӯрокворӣ аз рӯйи ҳисоб бо биринҷ ба сари ҳар нафаре, ки ман кироя мекунам, яксаду биступанҷкилогаммӣ илова намоед. Ба болои ин, боз арзиши ду баста либос дар як сол, як миқдор пули майда барои даъвати хонумҳо ва истеъмоли машруботро илова намоед, дар маҷмуъ ҳатто чунин хурдакак ба мисли ин маймун, ки

1. Мисо – ин хамираи лубиёи соя мебошад. Биринҷ ва шурбои мисо асоси ғизои ҷопониҳоро ташкил медиҳад. Имрӯз ҳам аксарияти ҷопониҳо дар як рӯз ду ва ҳатто се маротиба шӯрбои мисоро истеъмол мекунанд.

дар пеши пойи ман дар даруни лой хазида истодааст, дар як сол чорсаду биступанҷ килограмм биринҷ хоҳад гирифт!

Суханони ӯ бисёр аскарони пиёдаро маҷбур кард, ки чашм ба замин дӯзанд. Ин ҳарфҳои ба ҳама шинос маънии онро дошт, ки кайфияти сарвари онҳо хуб нест.

– Ту дар бора чӣ гуфтанӣ дорӣ, Маймун? – нешдорона гуфт княз Нобунага. – Оё хизматрасониҳои ту метавонанд ин ҳама хароҷотро талофӣ кунанд?

– Бале ҷаноб, – бе дудилагӣ ҷавоб додам ман. – Хизмати ман ин хароҷотро ду баробар... на, балки се баробар талофӣ мекунад.

– Чӣ гуна ту ин корро анҷом доданӣ ҳастӣ? – лаҷоми аспро фушурда, наъра кашид генерал.

Ҷавоби ман дилпурона садо дод.

– Аз ҳисоби сарфакорӣ, ҷанобӣ ман. Ман ба ҷойи се кас кор хоҳам кард.

Аз ин рӯз санаи расмии хизмати ман дар назди княз Нобунага оғоз гардид. Дар рӯзҳои аввал ман хизматгори оддӣ будам, вале дар ин вазифа дер кор накардам.

Як амали ҷасурона тақдири маро тағйир дод ва метавонад қисмати шуморо низ тағйир диҳад. Ба одаме, ки баъди бист сол гузаштаро ба ёд оварда, аз истифода набурдани ягона имконияташ, ки метавонист зиндагиашро дигар кунад, ниҳоят дер афсӯс мехӯрад, монанд нашавед. Он ягона имкониятро бо ду даст дошта гиреду ҳаргиз сар надиҳед!

Барори кор ҷасуронро ҳамроҳӣ мекунад. Сарварон бояд бидуни тарс "асрори боҷуръатиро" истифода баранд: *дар лаҳзаҳои мушкил ҷасурона амал намоед.*

## Тамоми ҳастиятонро ба сарвар бубахшед

Ҳамроҳ шудан ба қабилаи Ода марҳилаи қатъӣ дар роҳи ташаккулёбии ман ҳамчун сарвар ҳисобида мешавад.

Княз Нобунага бароям имконият фароҳам овард, ки ба комёбӣ муваффақ шавам, зеро вай ба судмандии ман дар корҳои ба ҷанг алоқаманднамуда, баҳои баланд дод. Ман шахси дар ҳама кор ҳозири вай, яъне одаме шуда будам, ки метавонад тамоми супоришҳоро иҷро намояд.

Дар рӯзҳои аввали хизмати худ дар назди княз Нобунага ками андар кам бароям муяссар мегашт, ки шаб орому осуда хоб равам. Хизматгор ҳамеша бояд омода бошад, ки дилхоҳ супориши ҷанобашро иҷро намояд. Маро зарур буд пешбинӣ намоям, ки кай ба сари вай (шаб ё рӯз) хоҳиши рафтан ба шикор бо лочин ё сайругашт бо асп меояд, то ки қаблан тамоми чизҳои заруриро омода намоям. Гузашта аз ин, вай саисхонаи калон дошт ва ман бояд донам, ки имрӯз хоҳиши зин задани кадом аспро дорад ва пагоҳ кадомашро мехоҳад савор шавад. Зарурияти зикр кардани он нест, ки феъли княз Нобунага аспи нари ваҳширо ба ёд меовард!

Вазифаи ман ниҳоят серташвиш буд, вале чандин баробар кӯшишҳои сарфшударо талофӣ мекард. Ба ғайр аз хизмат кардан ба княз Нобунага, ман метавонистам аз болои оилаи калони Ода ва намояндагони обрӯманди дигар оилаҳо назорат барам. Бароям мушарраф гардид, ки ба ҷараёнҳои сиёсӣ ва дасисаҳои он, ки дар асри ҷангу ҷидолҳо ба таври васеъ паҳн гардида буд, дахолат дошта бошам. Вале, аз ҳама муҳим он буд, ки ба туфайли меҳнати пайваста, бароям муяссар гардид худро шоистаи боварии сарвар нишон диҳам. Ман ҳамеша кӯшиш мекардам, назар ба дигарон се маротиба зиёд кор кунам!

Ҳамчунин ба мисли бисёре аз атрофиён ба Нобунага низ маъқул буд маро Маймун ном барад ва вақте синну солам аз чил гузаша буд, Калламуши кал гуфта садо мекард. Шакли зоҳириам ҳамеша маро шарм медоронд, вале

сарварон бояд камбудии худро ба афзалияти худ табдил дода тавонанд. Дар яке аз рӯзҳо ҳангоми шикори княз Нобунага бо шоҳин паррандаи ваҳшӣ аз дасти миршикор бадар рафта, дар болои нӯги дарахти баланд печида дармонд.

– Маймун, – фармон дод Нобунага, паррандаро озод намо!

Ман ҳеҷ гоҳ аз иҷрои супоришҳои унвони аз ман баландтар саркашӣ намекардам ва ифтихор аз он дорам, ки ҳамеша онро бо омодагӣ ва хушнудӣ анҷом медодам.

– Итоат мекунам, ҷанобам! – гулӯ дарронда аррос задам ман. Баъд аз ин, ба шимпанзе тақлид намуда, дағалона ба ҷониби дарахт қадам зада, ба танаи дарахт часпида боло баромадан гирифтам. – Ман маймуни кучаке ҳастам, ки ба зудӣ ҳамаи гуна супоришҳоро иҷро менамояд!

Аз ишваю ноз ва карашмаи ман хандаи баланди княз Нобунага ва тамоми атрофиён ба гирду атроф паҳн шуд. Шухтабъӣ ва омодагии ҳамешагии расонидани хизмат – сифати ивазнашавандаи ҳар нафаре мебошад, ки кӯшиш дорад сарвар шавад.

Боре, дар яке аз рӯзҳои сарди зимистон дар назди хаймаи ситод дар даст шиппакҳо интизори княз Нобунага будам. Сарфи назар аз он ки бениҳоят хунук хӯрда будам, барои он ки шиппакҳо гармии худро нигоҳ доранд, онҳоро ба оғӯш гирифта будам. Вақте ҷаноби Нобунага аз хайма берун баромада дид, ки ман чӣ гуна барои бароҳатии вай ғамхорӣ мекунам, ниҳоят мутаассир гашт. Баъд аз ин, ман сазовори вазифаи баландтар гаштам.

Садоқат ба дигарон, садоқати онҳоро ба шумо ба вуҷуд меорад. Танҳо касе, ки худаш ба каси дигар вафодор аст, метавонад ба унвони сарварӣ талабгор бошад. Агар шумо барои он ҷидду ҷаҳд карда истодаед, ки одамон аз паси

шумо раванд, “асрори вафодорӣ“-ро ёд гиред: *тамоми ҳастиятонро ба сарвар бубахшед.*

## Сардорон, зердастон ва самурайҳо

Одамони беор ба ин андешаанд, ки сипосгузорӣ, меҳнати суботкорона, қатъият ва вафодорӣ мафҳумҳои оддӣ мебошанд ва онҳо сазовори таваҷҷӯҳ нестанд. Аммо шумо оламро ба мушоҳида бигиред. Шумо ҳатман хоҳед дид, ки одамони ношукр, маъмулан бадбахт мебошанд. Шумо боз ҳам мебинед, ки меҳнати собитқадамона шарти аз ҳама асосии комёбӣ мебошад, барори кор бошад, ҷасуронро ҳамроҳӣ мекунад. Шумо ҳамчунин мушоҳида хоҳед кард, ки вафодорӣ ба волидайн, сардорон ва зердастон садҳо баробар талофӣ мешавад.

Шояд баъзеҳо фикр намоянд, ки ин принсипҳои оддиро бояд танҳо пайравон риоя намоянд, на ин ки сарварон. Вале онҳое, ки ҷидду ҷаҳд доранд, дигаронро аз паси худ баранд, бояд хизматгузориро ёд гиранд. Ҳамзамон онҳое, ки ният доранд аз болои дигарон фармонравоӣ кунанд, худро идора карда тавонистанро бояд ёд гиранд. Бинобар ин, риоя кардани принсипҳои сарварӣ ҳам ба сарварон ва ҳам ба зердастон манфиатнок аст.

Сипосгузорӣ, вафодорӣ, меҳнати суботкорона ва қатъият дар амал. Ин калимаҳо ба осонӣ рӯйи забон меоянд. Аммо ин принсипҳо рӯҳи самурайро обутоб ва асоси сарвариро ташаккул медиҳанд. Аз онҳо пайравӣ намоед ва тавре ман кардам, шумо ҳам ҳаёти худро тағйир хоҳед дод.

# 2

## САРВАРРО ЧӢ ГУНА БОЯД ИНТИХОБ КАРД ВА ХУД ЧӢ ТАВР МЕТАВОНЕД КОРНАМОӢ НИШОН ДИҲЕД

Интихоби сарваре, ки пайравӣ аз он воқеан ҳам судманд аст, ин қарори аз ҳама муҳимми ҳар як ҷавон дар ҷодаи пешравӣ дар мансаб ба шумор меравад. Акнун ман дар бораи он ки вақти ба ҳайси ҷаноб интихоб кардани княз Нобунага аз кадом меъёрҳо истифода бурдам ва кадом воситаҳо ба ман имкон доданд, ки дар ҷараёни хизмат корнамоӣ кунам, ҳикоят мекунам. Асрори маро омӯзед ва шумо ҳам метавонед он кореро анҷом диҳед, ки ман кардам!

### Сарвари дурандешро интихоб намоед

Агар шумо, чун ман, фаъолияти худро аз сифр оғоз менамоед, бояд донед, ки гарави пешравии шумо дар мансаб метавонад интихоби ҳамон сарваре бошад, ки меарзад ба он хизмат намоед. Ба ман омад кард ва ташкилотеро интихоб намудам, ки онро сарвари ҷавони ояндадори Ода, Нобунага, ки муаллим ва пуштибони ман гардид, роҳбарӣ мекард. Қадру қимати княз Нобунага аз тахминҳои ман

баландтар баромаданд. Баландшавии босуръати вай дар ин дунё ба ман имкон дод, ки ҳамроҳи ӯ баланд шавам.

Баъзе одамон зимни андешаронӣ он қадар дур мераванд, ки дастовардҳои маро дар маҷмӯъ ба тасодуфи неке, ки тақдири маро бо княз Нобунага пайваст кардаст, рабт медиҳанд. Вале онҳо некбахтиро бо кори мақсаднок омехта менамоянд. Онҳо дар ҳама чизу амал омади корро мебинанд, вале истодагарӣ ва ҷидду ҷаҳд ва ҳамчунин андешаи солимро дар интихоби сарвар мушоҳида намекунанд.

Барори кор ба ҳама соҳаҳои зиндагӣ таъсир мерасонад, вале муайян кардани мақсадҳо ва сафарбар кардани қувваҳои ҷисм ва рӯҳ барои ба даст овардани комёбӣ, аҳамияти муҳим дорад. Оё ман аз тақдир барои пайдо кардани имконияти ба хизмат дохил шудан дар назди княз Нобунага сипосгузор ҳастам? Албатта! Вале ин имкониятро танҳо як барори кор маънидод карда намешавад. Ман дар бораи он ки кадом нафар имконияти муттаҳид кардани мамлакатро дорад, ҳамаҷониба фикр кардам ва қабл аз он ки княз Нобунагаро аз ҳама довталаби имконпазир ба вазифаи сёгуни оянда шуморам, якчанд номзадро бодиққат баррасӣ намудам. Ана он меъёре, ки ман дар ин кор истифода бурдам. Шумо рафтори боақлонаеро анҷом хоҳед дод, агар онҳоро ҳамчун барои интихоби кордиҳандаи ояндаатон истифода баред.

1. То кадом андоза сарварояндабин аст?

2. То кадом андоза вай андешаҳои пешқадам дорад?

3. Ба чӣ сарвар аҳамияти бештар медиҳад – самаранокӣ ё асилзодагӣ?

4. Оё андозаи ташкилотҳои вай ба мақсадҳои шумо мувофиқат мекунанд?

Фаъолияти княз Нобунага ба орзуи тахти ҳокимияти ҳокими ягона муттаҳид намудани Ҷопон ва хотима

гузоштан ба асри ҷангҳо тобеъ шуда буд. Маҳз ҳамин ба кишвар ва мардум зарур аст. Ноустуворӣ ба фардоро метавонанд сокинони дилхоҳ кишвари дунё ҳис кунанд, вале ҳеҷ кас ба мисли деҳқонони ҷопонӣ дар асри хунрезии даҳшатнок сузу гудози онро эҳсос накардааст. Барои ин онҳо асоси заруририро доштанд. Ин ҳақиқатан ҳам рӯзҳои сиёҳ буданд. Сарвар – ин шахсест бо диди равшан, даврони беҳтар, метавонад манзараи ҳаёти ояндаро тасвир намояд ва дар қалби дигарон тухми боварӣ корад. Князь Нобунага маҳз аз ҷумлаи ҳамин гуна одамон буд.

Боз як сифати диққатҷалбкунандаи ҷаноби нави ман ин ҷавонии вай буд. Вақте ман акнун ба хизмати вай дохил шуда будам, ҳаждаҳсола будам, князь Нобунага бошад, нав ба бистуяксолагӣ қадам ниҳода буд, бинобар ин, боварӣ доштам, ки ӯроояндаи тӯлоние дар пеш аст. Мутобиқати ҷавонӣ ва дурандешӣ яқин гарави комёбист.

То он вақте ки ман ба қабилаи Ода ҳамроҳ шудам, рафтори ҷасурона ва худсару ноустувори Нобунага бисёр одамон, аз ҷумла аъзои ташкилоти худашро маҷбур кард, ки ба мӯътадилии вазъи рӯҳии ин одам шубҳа кунанд. Бадхоҳон дар байни худ ӯро беақл меномиданд, вале ман медонистам, ки князь ба ҳарчӣ гунаҳгор кардан мумкин буд, аммо на ба беақлӣ. Ӯ қоидаҳои анъанавии рафторро бад медид ва аз замони худаш пеш гузашта буд. Нобунага дар Ҷопон аввалин сарлашкаре буд, ки артиши доимиро таъсис дод. То ин замон сарлашкарон дар ҷамоатҳои деҳот марказҳои доимии сарбозгирӣ доштанд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ сарбозгирии деҳқононро ба қушунҳои ихтиёрӣ ба роҳ мемонданд. Дар асри ҷангҳо ҳаштод фоизи аскаронро деҳқононе ташкил мекарданд, ки дар ҳаёти кишвар чунин нақши муҳиме мебозиданд, ки сарлашкарон қоидаи нонавиштаи худдорӣ кардан аз муҳорибаҳо дар мавсими

кишту кор ва ҷамъоварии ҳосилро риоя мекарданд. Княз ин анъанаро сарфи назар мекард ва ба таври қатъӣ таносуби шумораи деҳқонон ва аскарони касбиро тағйир дод: каме бештар аз ҳаштод фоизи аскарони артиши ӯро ҳарбиёни касбӣ ташкил медоданд. Нигоҳдории артише, ки аз талаботи хоҷагии қишлоқ вобаста нест, омили калидии бартарии ҳарбии вай гардид ва ӯ бо тарзи анъанавии зиндагӣ он чунон истодагарона мубориза мебурд, ки гӯё бо душманонаш онро бурда истода бошад!

Княз Нобунага муаллифи чандин навигариҳо гардид. Назар ба ҳамзамононаш, ӯ хизматгоронашро аз намояндагони табақаҳои гуногун ва минтақаҳои ҷуғрофӣ интихоб мекард. Дар масъалаи кироям одамон вай ба маҳорати онҳо афзалият медод, на ба сулола, мукофотро низ аз рӯйи натиҷаи кор медод, на аз руйи унвон. Овозаҳо дар бораи муносибати нави Княз Нобунага оид ба кироям хизматгорон бисёр одамони бомаҳорати кунҷу канори кишварро ба худ ҷалб намуд.

Ба ғайр аз ин, ӯ нисбати пешбурди ҷанг муносибати неортодоксалиро интихоб намуд ва базудӣ бартарии технологияҳои навро тақдир карда, тактикаи истифодаи оммавии аслиҳаи оташфишонро аз худ кард. Дар муҳорибаи назди Нагасино[1] княз се ҳазор нафар тирандози бо милтиқ мусаллаҳро гузошт, – дар он ҳангом истифодаи тирандозии якҷоя дар чунин миқёс ҳодисаи бемислу монанд буд, ҳатто барои Аврупо.

Бесаводӣ ва аслу насаби паст ба ман имкон надоданд, ки дар ташкилотҳои бузурги аз ҷониби князҳои олимансаб идорашаванда ба кор дароям. Вале ман ба вазъияти

1. Аскарон маъмулан бо аркебузҳо мусаллаҳ буданд. Аркебуза милтиқи фитилӣ буда, яке аввалин намудҳои аслиҳаи оташфишон мебошад ва пеш аз мушкет пайдо шудааст.

мавҷуда некбинона назар карда, мулоҳиза намудам, ки дар табақаи андозаи худ ба корманди нав барои ба роҳ мондани муносибати бевосита бо роҳбарият осонтар хоҳад буд. Ман чунин ҳисоб кардам, ки агар тавонам худро ба хубӣ нишон диҳам, дар ташкилоти зудинкишофёбанда ба ман имконияти бештари ба даст овардани мансаб пайдо мешавад.

Ҳар қадаре, ки ман бо князь Нобунага аз наздик шинос мешудам, ҳамон қадар бовариии ман ба он, ки вай ҳамон сарвариояндадоре буд, ки ба он хизмат кардан меарзад. Шумо мехоҳед болобароии худро бо нордбони мансаб идома диҳед? Дар ин сурат аз "асрори дурандешӣ" истифода баред: *сарвари дурандешро интихоб намоед.*

## Тамоми қувваро барои иҷрои супориши ҷорӣ равона созед

Ман фаъолияти худро дар назди князь Нобунага аз вазифаи барандаи шиппак оғоз намуда будам, чуноне ки дар назди Наганора, аввалин самурай дар ҳамин мансаб хизмат кардам. Вале Нобунага сарвари ғайриоддӣ буд: дар масъалаҳои амалиёти низомӣ, идораи заминҳои ишғолшуда, бурдани музокироти дипломатӣ ё роҳбарии кормандони поёнӣ ӯ ба салоҳиятнокии тобеъони худ бовар дошт ва ба онҳо иҷозат медод, ки уҳдадориҳояшонро ба фикри худашон дар сатҳи хеле хуб иҷро намоянд. Баъди қабули қарор ӯ бо овози омирона фармони кутоҳ дода, ба зини асп парида савор гашта, аз чашми омма дур мешуд. Ҳамзамон ба издиҳоми хизматгорон имкон медод, ки худашон қарор қабул намуда, дар вақти муқарраршуда иҷрои супоришро таъмин намоянд. Дар мавриди мавҷудияти услуби барқосои роҳбарият, нигоҳ доштани суръати

муқаррашуда, ниҳоят мушкил буд, ҳатто дар замонҳои ниҳоят беҳтарин ҳам!

Фаъолнокии шабонарӯзӣ тарзи маъмулии ҳаёт дар қалъаи Ода буд, бинобар ин, хонаро барои зиндагӣ дар наздикии дарвозаҳои асосӣ интихоб намудам. Бурёе, ки дар фарши хокӣ паҳн карда шуда буд, бароям вазифаи рахти хобро иҷро мекард, вале истироҳат дар чунин шароит имкон медод, ки тамоми рафтуоӣ ва ҳаракатҳои княз Нобунага назорат карда шавад ва базудӣ тамоми хоҳишҳои вай иҷро гарданд – ҳатто бигузор ин ҳама давутозҳо имконияти истироҳати шабонаро ба орзуи иҷронаванда мубаддал гардонад!

Хизматгорони дигар ба вазифаи ман мағрурона ва бо такаббур муносибат мекарданд, вале ман аз мавқеи худ ифтихор доштам ва барои иҷрои вазифаҳои супоридашуда тамоми ҳастиамро равона мекардам. Тарзи рафтори ман оддӣ буд: тамоми қувваро барои иҷрои супориши ҷорӣ равона соз. Ҳамагуна супориш, ҳатто аз ҳама ночиз, ки аз ҷониби каси болотар аз ту дода шудааст, масъулияту фидокориро талаб менамояд. Қисми зиёди ӯҳдадориҳои ман аз иҷро намудани хоҳишҳои шахсии княз Нобунага иборат буд ва ман бо ҳар роҳ кӯшиш мекардам, ки диққати вайро ба серғайратии худ ҷалб намоям. Масалан, як дафъа субҳи барвақт дар қалъа сухтор ба амал омад. Ман пештар аз садо додани бонги хатар бедор шудам ва дафъатан ба ҷониби саисхона давидам ва шиҳакашии ҳаросони аспҳоро шунидаму дар байни забонаи оташ суробҳои одамони ба воҳимаафтодаро дидам. Княз Нобунага базудӣ либосҳояшро пӯшида, ба ҳавлии дохилӣ фаромад. Дар он лаҳза вақте қаду қомати вай аз дохили дуди ғафс берун омад, ман бо аспи омодашуда дар рӯ ба рӯяш пайдо шудам.

Ҳангоми савори асп будан ва роҳбарӣ кардан ба корҳои наҷотдиҳӣ барой вай қулайтар буд.

Дафъаи дигар княз Нобунага дар ҳавои тумани қабл аз субҳ бо чанд тан аскарон барои анҷом додани ҳамлаи ногаҳонӣ ба дидбони пешоҳанги душман ба роҳ баромад. Вақте аспи вай дарвозаҳоро резачорпо тохта баромад, ӯ суроби одами танҳоро дар болои асп мушоҳида кард, ки дар паси деворҳои қалъа бетоқатона интизори ҷанобаш буд.

– Кӣ ҳаст дар он ҷо? – бонг зад ӯ.

– Ин манам, Хидэёсӣ! – садои ҷавоб баромад. Ман тавонистам нишонаҳои ҳамлаи омодашударо ошкор намоям ва қарор додам, ки дар ин кор ҷаноби худро ҳамроҳӣ намоям. Аз зоҳиршавии чунин ҷасорат дар хизматгор, ки вазифадор нест дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок намояд, княз дар ҳайрат монда буд, вале ман қотеъона қарор дода будам, ки аз ҳудуди вазифаҳои муқарраршуда берун бароям. Аз интизориҳо берун баромадан – ин шиори ман барои тамоми ҳаёт аст.

Княз Нобунага шикор бо лочинро дӯст медошт ва ҳар вақте дилаш мехост, аз пайи он мерафт. Вақте ки паррандаи хоҳишаш пайдо мешуд, ба ҳавлии дохилӣ ворид мешуд ва паррандаи ваҳширо ба рӯйи дасташ нишонда, фарёд мезад. “Дар ин ҷо ягон кас ҳаст?” Дар чунин ҳолатҳо княз ҳатман ҷавоби маро мешунид: “Ман дар ҳамин ҷо, ҷанобам!” Баъди чанд вақт ҷанобам ба он одат кард, ки Маймун ҳамеша дар паҳлӯяш пайдо мешавад, фақат ӯро садо кардан даркор. Ман ҳеҷ гоҳ имконияти иҷро кардани хоҳиши князро аз даст намедодам, бигузор ҳатто он аз овардани об, тоза кардани пайраҳа аз алафҳои бегона ё кофта пайдо кардани гунҷишки паррондашуда иборат бошад.

Як бегоҳ дар ҷараёни амалиёти низомӣ княз Нобунага бо ҳамроҳии аскарони худ дар қароргоҳи сайёр истироҳат дошт. Ҳама гирду атрофро тумани воҳиманок фаро гирифта буд, чунон ғафс, ки ҳатто дар масофаи дасти дарозкарда чизе дида намешуд. Княз Нобунага медонист, ки аскарҳои аз тарафи шаб посбониро ба ӯҳдадошта, метавонанд беҳолу бемадор шаванд, аз ин рӯ қарор дод ҳушёрии онҳоро санҷад. Ва дар ин лаҳза ногаҳон бохабар шуд, ки касе дидбонгоҳҳоро давр зада, фарёд мекунад: “Посбонҳо хоб нараванд!“, “Посбонҳо хоб нараванд!“

Ин мувофиқати аҷоиб ҳар шаб расо дар соати Асп[1] идома меёфтанд. Княз Нобунага, ки ҳисси кунҷковияш бедор шуда буд, қарор дод, кӣ будани дидбони асрорангезро муайян намояд. Албатта, ин ман будам! Ҳушёрии ман ба княз чунон таъсир кард, ки вай мансаби маро баланд кард.

Сарварони муваффақ “асрори худфидоӣ”: – *тамоми қувваро барои иҷрои супориши ҷорӣ равона созед*–ро ба хубӣ дарк мекунанд.

## Қобилияти табии худро истифода баред

Одамон бештари вақт ҳайрон мешаванд, ҳол он ки ками аз онҳо ҷуръат пайдо карда мепурсанд, ки барои чӣ ба ин ҳама сифатҳои пасти ҷисмониям тавонистам дар бахши хизмати ҳарбӣ ба ин комёбиҳо ноил гардам. Агар ҳақиқати гапро гӯям, ман аслиҳаро ба тавре, ки зарур аст, истифода бурда наметавонам. Бинобар ин, ба ҷойи он ки шамшерро алвонҷ диҳам ё найзаро ба кор барам, қарор додам, агар бо донаҳои чӯти ҳисобкунаки механикӣ корро ба роҳ монам, аз ман фоидаи бештаре хоҳад буд, зеро дар

1. Маъмулан дар Ҷопон шабонарӯз ба дувоздаҳ соат тақсим мешавад. Соати Асп аз соати 23:00 то соати 01:00 давом мекунад.

ин кор истеъдоди баланд доштам. Дар ин маврид ба князь Нобунага пешниҳод кардам, ки ба ман вазифаи таъмин кардани ҳезумро вогузор намояд.

Гумон аст, ки чунин вазифаи ниҳоят дур аз олами самурайҳо ба мисли захиракунандаи ҳезум вуҷуд дошта бошад. Ин мансаби ноаён, назарногир ва эътибори баланд надошта буд. Хизматгорони дигар ба ин касб бо нафрат нигоҳ мекарданд; ба назари онҳо ғамхорӣ нисбати ошхонаи қалъа дарди сар менамуд ва ба он ҷо кормандони ниҳоят кундфаҳмро равон мекарданд.

Вале ман ҳис мекардам, ки метавонам вазъи молиявии хонаводаи Одаро аз ҳисоби кам кардани хароҷоти он беҳтар намоям. Ҷаноби Нобунага аз ҳамзамонони худ бо он фарқ мекард, ки одамонро барои хизматҳои ғайринизомӣ қайд ва бо мукофотҳо мушарраф мегардонид, ҳамчунин кӯшишҳои зердастонро барои инкишофи қобилияти табии қадр мекард. Ман тавонистам дар байни ҷамъи кормандон фарқ кунам, зеро Нобунага арзиши хизматгороне, ки на танҳо бо дастонашон балки бо сарашон нағз кор мекарданд, эътироф менамуд.

Имконияти нишон додани он, ки ман ба чӣ қодир ҳастам, баъди ба қалъаи Киёсу кӯчидани князь Нобунага ва ба мушкилоти ҷиддӣ мубаддал гаштани таъмини ҳезум пайдо шуд. Ҳезум барои омода кардани ғизо, гарм намудани хонаҳо зарур буд, нархи он сол то сод баландтар мешуд.

Аввалин иқдоме, ки ба ҳайси захиракунандаи нави ҳезум оғоз кардам, ин омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳарҷи сӯзишворӣ буд. Нахуст, барои муайян кардани теъдоди ҳезум, ки ҳамарӯза барои омода кардани ғизо истифода мешавад, ба ошхона рафтам.

– Субҳ ба хайр! – бо хушнудӣ ба кормандони ошхона, ки ба шахси бегонаи чеҳраи маймундошта назари нобо-

варона карданд, салом додам. – Ман омадам, ки ба шумо каме кумак кунам! – бовар кунонидам онҳоро.

Ман ҳамон лаҳза ба шустан ва пухтани биринҷ барои омода кардани шурбо шурӯъ кардам ва дар ҷараёни ин кор теъдоди ҳезуме, ки сӯзонида мешаванд, муайян намудам. Кормандони ошхона яқин кори худро хуб медонистанд ва софдилона меҳнат мекарданд.

– Офарин, – гуфтам ман. – Ҳамин тарз кори худро идома диҳед. Шумо ягон тарошаи хушкро беҳуда сарф намекунед.

Баъд аз ин, ман ба омӯхтани масъалаи таъмин кардани сӯзишворӣ машғул шудам. Масъули собиқ, ки аз даст додани вазифааш хашмгин буд, маро бо хусумати ошкоро пешвоз гирифт. Ӯ одами қадбаланд ва дарундор буд, як чашмаш намедид. Ҳушҳолона табассум намуда, чунин вонамуд кардам, ки норозогии ӯро мушоҳида накарда истодаам ва то он ҷое, ки имкон буд, ниҳоят боадабона салом додам.

– Салом, муҳтарам. Номи ман Хидэёсӣ. Ба ман супориш додаанд, ба тайёр кардани ҳезум машғул шавам, вале дар ин кор чизеро намедонам. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки маро бо нозукиҳои ин кор шинос намоед?

– Яъне, ту нақша дорӣ оид ба камбудиҳои ман ба княз хабар расонӣ, – ғур–ғур карда гуфт он мард.

– Ман ҳатто дар зеҳнам чунин мақсад надорам! – содиқона барошуфта гуфтам.

– Дар маҷмӯъ, он чизе, ки ба ман зарур аст, – ин донистани он аст ки, шумо чӣ гуна ҳезумро харидорӣ намуда, ба қалъа меоред.

Собиқ таъминкунандаи ҳезум бидуни майлу рағбат маро ба нозукиҳои ин кор шинос кард ва ман фаҳмидам, ки вазъи ин бахши фаъолият ниҳоят бад аст. Аввалан,

ӯ ягон нақшаи дақиқи захира кардан надошт ва хариди ҳезумро бетартибона ба роҳ монда буд. Дуюмин, бастани шартномаҳо бо таъминкунанда ба шахсони зердаст вобаста карда шудааст. Бор то ба қалъа расида омаданаш аз дасти якчанд миёнарав мегузаштааст.

“Ҷойи тааҷҷуб нест, ки нархҳои ҳезум ба мисли хамири хамиртурушдор тез баланд мешаванд! – фикр кардам ман. Магар имкон надорад, ки аз миёнаравҳо даст кашида, ҳезумро мустақиман аз истеҳсолкунандаҳо харидорӣ кунанд?”

Зимни ҳаракат ба ҷониби осиёб ва андешидани нақшаи худ оид ба харидории мустақим, ман диққати худро ба дарахтони зиёди хушкшуда, ки ҷангалро ифлос кардаанд, равона сохтам. Ногаҳон фикри аҷибе аз хаёлам гузашт. Ман аз роҳ баргашта, ба хонаи арбоби деҳа шитофтам.

– Ба андешаи шумо, дар қаламрави деҳаатон чанд адад дарахтони хушкшуда мавҷуд ҳаст? – пурсидам аз арбоби деҳа. – Оё шумо ба мо имкон медиҳед, ки онҳоро бе пул гирифта барем? – Агар шумо онҳоро ба қалъа худатон биёред, ман барои ҳар як дарахти хушкшуда якчанд ниҳоли сабзи ҷавон медиҳам.

Мӯйсафеди зирак баъди дар зеҳнаш ҳисоб кардани он ки ин одами ношинос ба аҳли деҳа чӣ манфиате оварда метавонад, табассум намуд. Ӯ ба онҳо дар бораи пешниҳоди ман нақл кард ва деҳқонон бо ҷону дил ҳезумҳоро рост ба қалъа меоварданд. Дере нагузашта князь Нобунага маро ба назди худ даъват кард.

– То ҷое, ки мефаҳмам, ту тарзи нави захира кардани ҳезумро фикр карда баровардӣ, – пурсид вай.

– Бале, ҷанобам, – ҷавоб додам ман. – Таҳвили мустақими ҳезум ба қалъаи Киёсу бароямон ягон арзише нахоҳад дошт. Вале барои ниҳолҳои ҷавон пул додан зарур мешавад.

Аз рӯйи ифодаи чеҳраи князь Нобунагӣ ман метавонистам гӯям, ки вай дар бораи чӣ фикр мекунад: “Ин одам аз дигар хизматгорони ман фарқ мекунад”.

Агар шумо саъю кӯшиш доред, сарвар шавед, “асрори тафовут”:–ро аз худ кунед, *хоҳиши фарқ кардан дар дил мепарваред, маҳорати табииатонро истифода баред.*

## Манфиатҳои худро ба манфиатҳои сарвар тобеъ намоед

Аз ҳама нобакори ашадӣ дар таърихи қабилаи Ода яке аз тавонотарин ҷанговар Митсухидэ[1] буд. Як замоне мо бо ӯ бародари ҳамяроқ будем, ҳозир ман ҳатто ба номи вай лаънат мехонам.

Митсухидэ, ба мисли ман, вассали князь Нобунага буд ва бо ҳамин монандии мо анҷом меёфт. Митсухидэ маълумоти хеле хуб гирифта буд ва аз донишмандии худ ифтихор дошт. Вай иштибоҳотро намебахшид ва хеле кам зарофатгӯйии худро намоиш медод. Коршиноси соҳаи санъати ҷангӣ Митсухидэ доимо барои такмил додани маҳорати худаш ғамхорӣ мекард ва мувофиқи мақсад барои ба даст овардани он кӯшишу ғайрат мекард.

Дар муқоиса бо ӯ ман дағал, одами камсаводи ҷоҳил ба назар мерасидам. Ман бо омодагии яксон бо шухиҳои худ асилзодаҳо ва намояндагони табақаҳои поёнии ҷамъиятро хурсанд мекардам. Ҳамчун аскар ман боиси ханда ва истеҳзои дигарон будам. Аммо ба ҷойи он ки бо роҳи худтакмилдиҳӣ шӯҳратро ба даст оварам, ҳаёти худро ба хидмати сарвари худ бахшидам.

1. Дар ин ҷо нуқтаи назари Хидэйошӣ пешниҳод карда мешавад. Бархе муаррихон рафтори Мисухидеро якранг баҳо намедиҳанд.

Барои мисол, ҳамин ки ман хизматгори княз Нобунага шудам, дафъатан омӯзиши кордиҳандаи нави худро оғоз кардам. Ҳар як амали вай барои ман намунаи ибрат буд ва кӯшиш мекардам аз онҳо барои худ дарси судманд бигирам. Бо он ҷидду ҷаҳди аз ҳад зиёд, ки ман кӯшиш мекардам ҷанобро дарк намоям, бароям имкон дод, ки ба таври пурра хулқу атвор, ҳусни таваҷҷӯҳ ва ҳисси нафрати ӯро омӯзам. Ва ҳар қадар, ки ман ӯро бештар мешинохтам, вафодории ман нисбат ба вай ҳамоно зиёдтар мегашт.

“Ҳамлаи обӣ”-и машҳури қалъаи Такаматсу дар соли 1582 амиқии вафодории маро нишон дод. Дар ҷараёни муҳосира ба сарам фикри ҷудо кардани ҳимоятгарони қалъа аз таъминкунандагони озуқаворӣ ва мадади ҳарбии иттифоқчиён омад. Дар натиҷа ҷараёни оби дарёи наздиктарин дигар карда шуда, калъа ва заминҳои гирду атрофро зери об кард. Ин санъати ҷанг мағлубшавии Такаматсуро таъмин кард, вале ба ҷойи он ки шахсан қалъаро ғасб намоям, ба княз Нобунага пайғом фиристода, пешниҳод кардам, ки ба ҷойи муҳориба ҳозир шуда, роҳбарии артишро ба ӯҳда бигирад ва ғолибиятро ба номи худ сабт намояд. Ман усули аз ҳама боэътимоди муваффақ шудан ба пешравиро аз худ кардам. Яке аз роҳҳояш ин аст: ончунон ғамхорӣ бояд кард, ки ҷанобат дар ҳама ҳолат хуб ба назар расад.

Ҳамзамон, Митсухидэ манфиатҳои сарвари худро қурбонии ғурури хеш кард. Вақте ман муҳосираи Такаматсуро идома медодам, княз Нобунага ба Митсухидэ ва сездаҳ генерали худ фармони ҳамла ба дигар қалъаҳоро равон кард. Тибқи анъана, номи Митсухидэ ба ҳайси номдору ашрофзода дар ҳуҷҷат дар ҷойи аввал меистод, аммо бо кадом сабабе дар мобайни рӯйхат ҷойгир карда шудааст. Аз ин пештар ҳам аллакай дар байни вай ва княз Нобунага чунин ихтилофоти тезутунд ба миён омада буданд, аммо

акнун ин ҳодисаи тасодуфиро таҳқири шахсӣ шуморида, онро қатраи охир дар паймонаи пур аз об ҳисоб кард. Ӯ мухолифи фармон амал карда, ба сӯйи Киото равон шуд ва дар он ҷо хиёнаткорона ҷаноби моро ба ҳалокат расонид ва баъд аз ин кӯшиш кард худро сёгун эълон намояд.

Ин хиёнати маккорона мамлакатро ба ларзиш овард ва боиси бесарусомониҳо дар хонаи Ода гардид, вале ман ҳушёрию солимии ақлро нигоҳ доштам ва қасам ёд кардам, ки қасос мегирам. Ман фавран бо душманон сулҳи муваққатӣ бастам ва баъд аз ин бо юриши босуръат қушунҳои худро ба ҷанги зидди Митсухудэ бурдам ва қувваҳои вайро торумор кардам. Дар охири муҳориба Митсухудэ аз майдони ҷанг фирор кард ва аз ҷониби гурӯҳи деҳқонон бо шамшер пора–пора карда шуд.

Баъдтар ман шуморо ба таври муфассал бо "юриши ҷаҳиши бузургтарин", ки бо мақсади қасос гирифтан барои куштори княз Нобунага ва ҳамчунин бо он ки чӣ гуна ҳодисаҳои минбаъда маро ҳокими олии кишвар карданд, шинос менамоям. Ҳоли ҳозир бошад, "асрори хизмат кардан": *манфиатҳои худро ба манфиатҳои сарвар тобеъ намоедро* дар хотир нигоҳ доред.

## Биниш ва интихоб

Вақте ман ҷавон ва соддалавҳ будам, фикр мекардам, ки сарварон – ин одамоне ҳастанд, ки доимо қарорҳои дуруст қабул мекунанд. Вале тавре таҷрибаи зиндагӣ нишон дод, ҳатто сарварони бузург низ дар ин ҷода ба хатогӣ роҳ медиҳанд. Ин лаҳза ман ҳақиқатро дарёфтам: сарварони бузург метавонанд ба иштибоҳ роҳ диҳанд, вале онҳо ба дурустии мақсади ниҳоӣ шубҳа надоранд. Диди возеҳ ва дурусти оянда, ки метавонад ба қалби пайравон умедворӣ ва боварӣ ҷойгир намояд, хислати фарққунандаи сарва-

рони асил ба шумор меравад. Эътимоди княз Нобунага ба зарурияти мутаҳид сохтани Ҷопон, ба табдил ёфтани вай аз феодали оддӣ ба сюзерени олӣ, аз мудири даҳҳо нафар ба фармонравоӣ миллионҳо нафар мусоидат намуд. Возеҳӣ ва кувваи ин биниш барои ноил шудан ба қуллаҳои ҳокимият ба ман кумак карданд.

Дар хотир дошта бошед: одамоне, ки шумо барои пуштибонӣ интихоб мекунед, ба маҳруки ҳаётатон назар ба коре, ки қарор додаед ҳастии худро бахшед, таъсире бештар мерасонанд. Моил будан ба аз ҳад зиёд нишон додани моҳияти кор ва камарзиш шумурдани аҳамияти одамон хоси ҷавонон аст. Бароятон маслиҳат медиҳам, ки ба чӣ кор машғул буданатон кам аҳамият диҳед ва бештар ба он диққати худро ҷалб намоед, ки ба кӣ хизмат мекунед.

Ман сарвари Ода Нобунагаро интихоб кардам. Шумо киро интихоб мекунед?

# 3

# ЧӢ ГУНА МЕТАВОН КОРИ ИМКОННОПАЗИРРО ИҶРО КАРД

Ман ба мавҷуд будани амали "ғайриимкон" бовар надорам. Дар тӯли ҳаёти худ маҷбур шудам бисёр, аз назари аввал, корҳои ғайримумкинро анҷом диҳам. Акнун ман метавонам бигӯям, ки вазифаи асосии ҳар як сарвар, – ин амали ғайримумкинро имконпазир кардан аст. Вале чӣ тавр?

## Барои иҷрои ҳар як супориш бо устувории қатъӣ муносибат намоед

Ман маҳз барои он тавонистам ба бисёр чиз ё дастовард ноил шавам, зеро аз қабул ва амалӣ сохтани қарорҳои худ наметарсидам. Ман ҳамеша ҳамин гуна амал мекардам, гӯё аз иҷрои бомуваффақияти супориши ҷорӣ тамоми ҳаёти ман вобаста бошад, – ва гоҳо чунин рӯй медод!

Барои он ки ба чизе ё дастоварде ноил шавӣ, боварии қатъӣ зарур аст. Одамон ба зудӣ сабабҳоеро, ки душвориро ба монеаи бартарафнашаванда мубаддал мегардонад, пайдо мекунанд. Онҳо худро бо он бовар мекунонанд, ки масоили дар назди онҳо истода, ниҳоят мушкил мебо-

шад ва комёбӣ номумкин аст. Охир, чӣ зарурате аст, ки дар оғози кор мавқеи маъюсиро ишғол намоӣ? Беҳтар он нест, ки ба ҷойи ин дар бораи чӣ гуна ба мақсад расидан, андеша кунӣ?

Устувории қатъӣ иродаро обутоб дода, онро ба дос, ки метавонад ҳама гуна монеаҳои сари роҳро даравида партояд, мубаддал мегардонад. Сарварони бузург бовар доранд, ки ҳама корро анҷом дода метавонанд. Ин аст “асрори далерӣ“: *барои иҷрои ҳар як супориш бо устувории қатъӣ муносибат намоед.*

## Кӯшиш кунед сарвар бошед, на сардор

Одаме, ки аз шумо тарсу ҳарос дорад, фармонҳоро иҷро мекунад, вале ҳеҷ гоҳ вафодор намешавад. Инро дар хотир дошта бошед: агар шумо худро аз кормандонатон баландтар мегузоред, ҳамин ки тақдир аз шумо рӯй гардонад, онҳо низ айнан ҳамин амалро анҷом медиҳанд. Одамоне, ки ман аз паси худ бурдам, агар хоҳиш мекардам, ҳатто розӣ буданд, аз дарвозаи дузах гузашта раванд. Аммо агар ман бо онҳо бо нафрат муносибат мекардам, дар аввалин имконият аз ман фирор менамуданд ва дуруст ҳам мекарданд.

Агар шумо бо пайравонатон ҳамчун узви дастаи баробар муносибат намоеду онҳоро идора кунед ва бо кувваи биниши худ рӯҳбаланд созед, аз ӯҳдаи ҳама гуна монеаи ба назари аввал рафънашаванда, мебароед. Ман инро вақте фаҳмидам, ки княз Нобунага фармони барқарор кардани девори қалъаи Киёсуро бароям дода буд.

Вақте ба қаламрави заминҳои княз Нобунага қувваҳои пуриқтидори Ёсимото, раҳнамои қабилаи Имагава ва ҳокими вилоятҳои соҳилҳои шарқӣ ҳуҷум кард, ман бисту як сол доштам. Ҳамон сол тӯфонҳои шадид як қисми де-

вори сесадметраи сангин ва заминҳоеро, ки қалъаи Киёсу дар иҳотаи он қарор дошт ва қароргоҳи мо дар дохили он ҷойгир буд, вайрон кард. Агар қушунҳои Ёсимото то анҷом ёфтани таъмири девор ба қалъа наздик мешуданд, метавонистанд ҳамаи моро мисли рамаи гӯсфандон сар зананд.

Князь Нобунага барои ҳарчӣ зудтар анҷом додани барқароркунии девор панҷсад нафар ҷудо намуд. Бо вуҷуди ин, вақт гузашта истода буд, вале кор пеш намерафт. Ба андешаи вассалҳои калонсол, ҷосуси фиристодаи Ёсимота барои он ки корҳои барқароркунии девор тӯл кашанд, як қисми коргаронро бо додани пора ба тарафи худ моил кардааст. Князь Нобунагаи бағазабомада сардори сохтмонро ба наздаш даъват намуда, аз вай сабабҳои таъхирёбии корҳоро талаб намуд, вале ӯ ба таври нафаҳмо худро сафед карда, тамоми гуноҳро ба зердастони худ бор кард.

Баъди бозгашт ба коргоҳи сохмонӣ, сардор кормандонро ба беақлӣ ва танбалӣ гунаҳгор кард. Онҳо баъди шунидани сели маломат суръати корро аз пештара дида, сусттар карданд. Сардор чӯберо ба даст гирифта, бо доду фарёд, адабатро медиҳам гуфта, аз қафои корманди дар наздашбуда медавад, вале он коргар, ки ниҳоят чусту чолок буд, тез ғайб мезанад сардори бечора бошад, аз хастагӣ ба зудӣ нафастанг мегардад.

То ин вақт ман ҳатто унвони аскари пиёдаро соҳиб нашуда будам. Сарфи назар ба дастовардҳои муайян дар самти кам кардани харҷи сӯзишворӣ, ман расман ҳанӯз хизматгори оддӣ ба ҳисоб мерафтам. Бинобар ин, бароям иҷозат дода намешуд, ки дар ҳалли проблемаҳои идоракунӣ иштирок намоям, дар бораи ибрози андеша оид ба масъалаҳои стратегӣ, ҳоҷати гап ҳам нест.

Бо вуҷуди ин, ман ғайрирасмӣ нақша доштам тамоми корҳои аз ман вобастабударо анҷом диҳам, то ки ба князь Нобунага дар муттаҳид сохтани Ҷопон ва хотима бахшидан ба асри ҷангҳо кумак расонам.

Таҳти садоҳои тақ-тақи болғаҳо, ки дар гирду атроф паҳн шуда буданд, князь Нобунага савори аспи худ қад-қади девори қалъа гаштугузор дошт ва рафти корҳои сохтмониро назорат мекард. Ба зӯр роҳ рафтани коргаронро дар дохили ҷангал дида, хашму ғазабаш авҷ гирифт.

– Сабил монад! Онҳо ҳатто аз чор як қисми корро иҷро накардаанд!

– Тарс аз он дорам, ки ин кор аз бииамон набарояд, махсусан дар чунин замони нооpом, – ғур-ғур кардам ман.

– Бо чунин деворе, ки мо дорем, Ёсимото метавонад ҳатто пагоҳ қалъаро забт намояд.

– Маймун, каме пештар ту чӣ ғулдур– ғулдур карда гуфтӣ? – мароқ зоҳир кард князь Нобунага.

Ман ҷаҳида пеш гузашта, таъзими паст кардам ва интизори шаллоқи сахт шудам. Дар он замон аксар вақт ман забону даҳони худро хомӯшу пӯшида нигоҳ дошта наметавонистам.

– Канӣ такрор кун! – фармон дод князь Нобунага.

Барои густохии худ узр хоста, суханони пештар гуфтаамро такрор намудам ва баъд аз ин мулоҳизаҳои хешро оид ба чӣ гуна беҳтар кардани барқарорсозии девор баён кардам.

– Корҳои бузург, – гуфтам ман, – ҳеҷ гоҳ бе рӯҳбаландии маънавӣ амалӣ намешаванд; ба ҷойи одамонро бо додани ҷазо таҳдид кардан, шояд беҳтар аст, ки ба коргарон вақти истироҳат дода, бо обу ғизои хуб таъмин намуда, илова ба музди рӯзбайъ барои пеш аз муҳлат анҷом додани корҳо мукофот ваъда карда шавад?

– Яъне, ту фикр мекунӣ, ки метавонӣ корро беҳтар ба роҳ монӣ, – ғур-ғур кард княз Нобунага. – Аҷиб, чӣ гуна ту ин корро анҷом медиҳӣ. Хайр, майлаш, дар ҳама ҳолат, бадтар наҳоҳад буд! Мо нуқтаи назари туро дар давоми се рӯз санҷида мебинем ва агар ба чизе ноил нашавӣ, калтаки усто бароят ҷазои аз ҳама сабук хоҳад буд.

Ӯ бо ишора фаҳмонид, ки сӯҳбат анҷом ёфт ва аспро маҳмез зада, қалъаро тарк кард.

Баданамро арақи сард фаро гирифт. Вақте ки густохона ба кордиҳандаи худ чӣ гуна ҳарчӣ тезтар анҷом додани корро тавсия додам, тақдири худро ба гарав мондам. Номадаи кор ба ман ҳадди аққал ҷазо бо калтак ва ё аз он бадтарро таҳдид мекард. Дар гузашта истифодаи амалҳои қатъӣ бароям фоида овардаанд. Оё он бори дигар такрор хоҳад шуд?

Баъди баргаштан ба манзили худ, ман тамоми шаб дар бораи супориши додашуда, фикр кардам. Дар ниҳояти кор бо қаламу коғаз мусаллаҳ шуда, нақшаи муфассали таҷдиди деворро тартиб додам ва чӣ гуна рӯҳбаланд кардани коргарони беташаббусро фикр карда баромадам.

Рӯзи дигар ҳамаи панҷсад коргарон дар назди девор ҷамъ шуданд. Одамоне, ки ба меҳнати сангин одат кардаанд, онҳо дар зиндагӣ мушкилоти зиёдеро дидаанд ва бо тарзи гуфтору рафтори назокатона фарқ намекарданд. Аз рӯйи қиёфаи тираи онҳо равшан буд, ки коргарон сарзаниши навбатиро барои таъхир андохтани корҳо интизор буданд. Аз вазифа озод кардани сардори сохтмон ва ба ҷойи вай таъин намудани ин хизматгори лоғар, Хидэёсӣ, ноумедии онҳоро дучанд кард.

– Барои чӣ ин тоифаро ба мо сардор таъин кардаанд? – коргарон дар байни худ сӯҳбат мекарданду норозигии ошкори худро баён менамуданд.

Княз Нобунага барои анҷоми кор ба ман ҳамагӣ се рӯз муҳлат дод, вале тамоми рӯзи якумро ман танҳо ба ду чиз бахшидам: шинос кардани одамон бо нақшаи корҳои дарпешистода ва ташкили зиёфат барои тамоми дастаи корӣ. Дар ҷараёни пешниҳоди дастур диққати асосиро ман ба сабабҳои шитобкорӣ дар барқароркунии девор равона сохтам.

– Тавре шумо медонед, дар кадом замони хатарнок мо зиндагӣ мекунем, – ба болои саҳни тахтагини омодакарда баромада, фарёд кардам. Ба қади паст нигоҳ накарда, ман медонам чӣ кор кунам, ки маро шунаванд.

– Хабар дар бораи он ки як девори қалъаи мо ва як қисми садди қалъа фурӯ рафтааст, бешубҳа, ба гӯшҳои душманон расидааст. Агар имрӯз ба хоки мо ҳамла мекарданд, мо наметавонистем қалъаро ҳимоя намоем, тамоми онҳое, ки дар Киёсу қарор доранд, аз ҷумла шумо ва оилаҳои шумо ба марги ногузир маҳкум мешуданд. Ана барои ҳамин мо бояд ҳарчӣ зудтар ин корҳоро анҷом диҳем!

Ман нақшаи қалъаро ба ду симчуб овезон карда, чӣ гуна анҷом додани корҳоро муфассал фаҳмонидам. Барои анҷом додани ҷараёни корҳо, ман панҷсад коргаронро ба даҳ бригада, ки бояд бо ҳамдигар мусобиқа намоянд, тақсим кардам.

– Ба ҳар узви бригада, ки аз ҳама дида, тезтар кор мекунад, княз Нобунага илова ба музди рӯзбайъ – мукофот ба андозаи панҷсад тангаи мисин муқаррар кардааст, – эълон намудам ман. Ба ғайр аз суръати иҷрои корҳо ҳамчунин ба сифати онҳо баҳо дода мешавад. Кори бепарвоёна ба амали ҷосуси душман баробар карда шуда, ҷазои сахт дода мешавад.

Бо ишораи ман гурӯҳи аскарони пиёда сандуқи вазнинро, ки бо тангаҳои мисин пур карда шуда буд, баровярда, ба зӯр ба болои чалаки чӯбин гузоштанд.

– Дар бораи ин чӣ андеша доред? – садоямро баланд карда гуфтам ва дастонамро ба даруни сандуқ даровярда, имкон додам, ки тангаҳо ҳангоми аз байни панҷаҳо шоридаиашон, садо бароранд. – Кӣ мехоҳад сазовори мукофот шавад?

Дар издиҳоми коргарон ҳайҳуйи баланд барангехта шуд.

– Ман медонам, ки шумо чӣ гуна бо ҷидду ҷаҳд кор кардед, бинобар ин, вақти боқимондаи рӯз метавонед истироҳат кунед, – идома додам ман. – Княз Нобунага барои шумо ғизо ва нӯшокии зиёд ҷудо кард, бинобар ин, метавонед меъдаҳои худро пур намоед!

Ин суханон бо нидоҳои таҳсин пешвоз гирифта шуданд ва чунин қабули хуш имкон дод, ки дастуру маслиҳат дар фазои рӯҳбаландии умумӣ анҷом ёбад. Бо вуҷуди он ки вақт аз нисфирӯзӣ гузашта бошад, ҳам фармудам тантанаро оғоз намоянд ва худам дар байни коргарон, ки аз рӯйи қад базӯр то китфи аксари онҳо баробар мешудам, гаштугузор намуда, даъват карда, гуфтам, ки ҳар қадар дилашон мехоҳад аз ғизою нӯшокиҳо истеъмол намоянд.

Аз ҳамин лаҳза онҳо маро бо диди дигар қабул карданд. То ин субҳ коргарон маро фақат хушомадгӯй княз Нобунага ҳисоб мекарданд. Вале акнун онҳо дар симои ман сарварро диданд, ки худро бо онҳо баробар медонист ва кӯшиш ҳам намекард, ки бартарияти худро нишон диҳад. Сардори пешинаашон бошад, фақат дашном мекард, дастур медод ва таҳдиди ҷазо менамуд; бо тафовут аз вай ман барои ба таври осонфаҳм шарҳ додани мақсади кор ва муфассал баён намудани нақшаи амал вақтро дареғ

намедоштам. Ман бо ин одамон ҳамчун шахсони ҳамвазн муроҷиат мекардам ва фикр мекардам, ки онҳо сазовори шарҳу эзоҳ ва ҳамчунин мукофоти иловагӣ барои анҷом додани кори хуб мебошанд. Агар сарвар мехоҳад, ки барои ба даст овардани мақсад одамонро рӯҳбаланд намояд, ӯ бояд ба онҳо манзараи диди худро тасвир намояд.

Дар қисмати боқимондаи рӯз ба ҷуз нӯшидан, хандидан ва суруд хондан дигар коре накардем. Ман бо коргарон чақ-чақ карда, ба онҳо сакэ мерехтам, барояшон ғизо пешниҳод мекардам ва аз ҳамаашон даъват ба амал овардам, ки тамоми қувваро барои кори пагоҳ равона созанд. Баъди пур кардани қадаҳҳои онҳо, чанд маротиба дар мавзӯи хиёнаткорӣ сӯҳбат намудам, кӯшиш кардам баланд ҳарф занам, то ки ҳама шунаванд.

– Княз Нобунага хуб медонад, ки ба қалъаи Киёсу ҷосусҳо ворид шудаанд. Агар шумо хуб кор кунед, вай гуноҳҳоятон мебахшад. Вале онҳое, ки коргурезӣ мекунанд, ҳамчун душманони қабилаи Ода сари худро аз даст медиҳанд.

Сарфи назар аз он ки коргарон баъди нӯшидани сакэ ширакайф шуда, ақлашон тира гашта буд, маънои гуфтаҳои болоро хуб дарк карданд.

Ман аз маҳорати роҳбарӣ кардани бригадаҳои коргарон ифтихор мекунам. Бисёре аз сардорон бидуни дарк кардани амали хеш, ба зердастони худ аз боло ба поён нигоҳ карда, доимо бартарияти худро ба онҳо хотиррасон менамоянд. Чунин муносибат ҳисси озурдагиро зинда карда, аксуламали манфиро ба вуҷуд меорад. Ман барои коргарони худ роҳбари сахтгир будам, вале ҳеҷ гоҳ кӯшиш намекардам, худро аз онҳо баландтар гузорам. Ба ҷойи ин, ман бо онҳо ҳамчун дустони ҷонӣ зиндагӣ мекардам.

Вақте рӯзи дигар коргарон дар майдони сохтмон пайдо шуданд, ман аллакай дар паҳлӯи сандуқи чӯбини пур аз тангаҳо истода будам.

– Мукофот ғолибонро интизор аст. Ҳама аз пайи кор! – бо овози баланд даъват кардам ман.

Он чизе, ки баъд аз ин ба амал омад, ҳатто маро ҳам ҳайрон кард. Одамон ягон дақиқаро аз даст надода, бо рӯҳбаландии бузург аҳлона ба кор часпиданд. Кор ҷӯшида рафт. Майдони сохтмон аз ҷойи кори вазнини якранг дида, бештар ба майдони варзиш монанд шуда буд. Ҳар як одам тамоми диққатро ба иҷрои ӯҳдадориҳояш равона карда буд.

Либоси оддии коргариро ба бар карда, аз як бригада ба бригадаи дигар мегузаштам ва коргаронро ба сарфи кӯшишу ғайрати бештар даъват мекардам. Ба туфайли кӯшишҳои фидокоронаи онҳо, мо тавонистем барқарорсозии истеҳкомро ҳамагӣ дар муддати се рӯз, бо назардошти рӯзе, ки ба таҷлили ид сарф шуда буд, ба анҷом расонем! Баъд аз он, ки таъмири девор бомуваффақият анҷом ёфт, ба аъзои бригадаи ғолиб мукофотро супоридам ва шахсан ба ҳар яки онҳо миннатдорӣ баён намудам.

Баъди баргаштан ба қалъа ва дидани он ки корҳои барқарорсозӣ анҷом ёфтаанд, княз Нобунага ба чашмони худ бовар накард. Ӯ нигоҳашро ба ҷониби ман нигаронид ва табассуми камнамо чеҳрааш пурнур кард.

– Корро хуб анҷом додӣ, Маймун.

Аз таърифи сарвар хушҳол гашта, таъзим намудам.

Бароям маълум буд, ки ӯ ба таври арзанда истеъдодҳои маро баҳо дод ва чунин андеша кард: “Хидэёсӣ одамест, ки қодир аст ҳама корро иҷро намояд.“

Барои корнамоӣ дар мансаби сардори сохтмон, ман дар ниҳояти кор вазифаам ба дараҷаи аскари пиёдагард

баланд бардошта шуд. Ба ман муяссар гашт, ки аввалин қадамро дар ҷодаи расидан ба қуллаҳои сарварӣ гузорам.

Оё Шумо фаҳмидед, ки “асрори ба даст овардани пайравони вафодор дар чист”: *кӯшиш кунед сарвар бошед, на сардор.*

## Шабакаи шиносоии шахсиро васеъ намоед

Дар қитъаи замине, ки чизе корида нашудааст, ягон чиз намерӯяд. Пурқувваттарин дарахти булут ба чангу ғубор мубаддал мегардад, агар замин бо шираи худ онро ғизо надиҳад. Онҳое, ки дар ҷодаи баромадан ба қуллаҳои сарварӣ маҷбуред бо эшон сару кор дошта бошед, аз охирин аскари пиёда сар карда, то амалдори пуриқтидор – ин заминаест, ки дар он маснади шумо мисли гул мешукуфад (ё хушк гашта, нобуд мешавад). Муносибати худро бо одамоне, ки дар роҳҳои пурпечутоби зиндагӣ вомехӯред ва ба шумо кумак мекунанд, беҳтар намоед.

Моҳияти робитаҳои шахсиро ман дар ҷараёни сохтмони қалъачаи Сунomата дарк кардам. Бори дигар ман натавонистам забони тези худро нигоҳ дорам, аммо ин дафъа дар сурати нокомӣ дар кор ҳам забон ҳам сари худро аз даст медодам.

Соли 1566 князь Нобунага ба вилояти ҳамсоя Мино ҷангро шурӯъ кард, вале бо муқовимати сахти онҳо рӯ ба рӯ шуд. Ӯ қарор дод, ки ягона воситаи ба даст овардани ғалаба – ин бунёди қалъа дар Сунomата мебошад.

Деҳаи Сунomата дар сарҳади вилоятҳои Оварӣ ва Мино, дар минтақаи ботлоқзор, ки се дарё ба ҳам мерезанд, воқеъ гардидааст. Ин беҳтарин мавзеъ ба шумор мерафт ва аз ин ҷо ба вилояти Мино ҳуҷум оғоз кардан мумкин буд.

Ягона мушкилот дар он буд, ки деҳа дар қаламрави душман қарор дошт.

Княз Нобунага ду маротиба ба генералҳои худ фармон дод, ки қалъа созанд, вале ҳарду дафъа ба нокомӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дар ҷараёни ақиб зада рондани ҳуҷуми душман онҳо он қадар одамонро аз даст доданд, ки замини гирду атрофи майдони сохтмон аз рехтани хуни одамон сурх шуда буд. Княз Нобунага вассалҳои худро ҷамъ карда, эълон кард, ки мехоҳад кӯшиши сеюмро барои сохтмони қалъа оғоз намояд, вале хоҳишмандони амалӣ намудани ин ният пайдо нашуданд. Чунин беҷуръатӣ ба княз маъқул нашуд.

– Мо бояд қалъаро дар Суномата бунёд намоем! – садо баланд кард Нобунага. – Наход дар байни шумо чунин як одаме набошад, ки иҷрои ин кори муҳимро ба ӯҳда бигирад? Бо шумо чӣ ҳодиса рӯй додааст? Наход, ки ягон кас қадаме ба пеш намонад?

Ягон кас аз ҷойи худ наҷунбид. Ин ҳолат князро ба ғазаб овард.

– Сабил монад! Буздилҳо! Ва шумо шарм накарда, худро одамони Ода меҳисобед?

Ва дар ин ҳолат ман худро дошта намавонистам.

– Ман омодаам ин корро ба ӯҳда гирам, ҷанобам.

Княз Нобунага якбора баргашт, то ки ба ман нигоҳ кунад.

– Ту, Маймун, пештар худро хуб нишон дода будӣ, вале он вақт дар болои сари ту найзаҳо ҳуштак намекашиданд! Ин дафъа ҳама кор ба ранги дигар сурат мегирад.

Ҷавоби ман саршор аз ҷасорату бебокӣ буд.

– Ман ҳамаашро мефаҳмам, ҷанобам. Ман қодир ҳастам ин супоришро иҷро намоям ва шуморо ба ҳеҷ ваҷҳ дар ҳиҷолат намегузорам.

Ҳушбахтона, дар айёми ҷавонӣ бароям муяссар шуда буд, чанд маротиба ба Суномата биёям ва ин маҳал бароям ниҳоят ошно буд. Баъзан аз бекорӣ, худ ба худ имкониятҳои стратегии онро баҳо медодам, албатта, ҳеҷ вақт интизори он набудам, ки дар ин мавзеъ қалъа хоҳам сохт. Ва ниҳоят, дар синни сисолагӣ супориши аз ҳама мушкил ва имконияти аз ҳама беҳтарин ҷиҳати корнамоӣ дар пешравии маснади худро ба даст овардам.

Дар қадами аввал ман гурӯҳи кашшофиро барои назорат бурдан аз паси ҷойивазкунии душман ва аз Сунomata ба дигар самт ҷалб намудани диққати генералҳои он ба қалъаи Инабаямаи қабилаи Сайто равон кардам. Баъд аз ин, ман ба ҷустуҷӯи дарахтбурони касбӣ ҷиҳати захира намудани ғӯлачӯбҳо, заврақчиён барои интиқол додани тахтаҳо аз тариқи дарё ба поён, дуредгарон ва бригадирҳо ва ҳамчунин оҳангарон барои тайёр намудани асбобу анҷомҳо машғул шудам.

Шарти калидии ба зудӣ сохтани қалъа, фикр кардам ман, ин банақшагирии ҷиддӣ, тақсимоти меҳнат – саривақт омода кардани қисмҳои алоҳида барои минбаъд бо суръати барқосо васл кардани онҳо ба шумор меравад. Барои ин кормандони ихтисоснок зарур буданд, аз ин рӯ, ман ба нақша гирифтам, ба бригадаҳои махсусгардонидашуда тайёр кардани ҷузъҳои алоҳидаи конструксияро супориш диҳам ва баъд ба чунин фикр омадам, ки барои васли ниҳоӣ, ҳамаи онҳоро ҷамъ кунам. Барои он ки суръати кор тезонида шуда, қолиби истеҳком бардошта шавад, мо дарахтони ҷангали теппаҳои гирду атрофро буридем. Дар он давраҳо усули васли конструксия аз ҷузъҳои қаблан омодашуда як чизи гушношунид ба ҳисоб мерафт.

Баъди навакак ба таҳияи нақша шурӯъ карданам, дарк намудам, ки барои гузаронидани корҳо дар чунин миқёси

калон одамон намерасанд ва ин вазъият бароям кумак кард, ки дар худ яке аз хислатҳои инсонӣ – арзандагиро кашф созам. Ҳанӯз дар даврони оворагӣ, вақте маҷбур будам бо ҳунармандони моҳир ва бо намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ сару кор дошта бошам, сари вақт тавонистам соҳиби доираи васеи дӯстон ва шиносҳо гардам.

Яке аз шиносҳои ман, Короку, роҳбари дастаи номдори роҳзанон буд ва бо ҳаёти торику ноайёни зиндагӣ аз наздик шинос буд. Вақте дар ҷайбам ҳатто як пули сиёҳ надоштам, ӯ маро муваққатан ба шогирдӣ қабул кард. Ин касб пешае набуд, ки модарам мехост, ман бо он машғул шавам, дар ҳар сурат ман дар назди Короку муддати зиёд наистодам, зеро мехостам самураи олиҳиммат шавам ва дар ҷомеа мавқеи баландро ишғол намоям. Аммо акнун он муносибатҳои дӯстонае, ки бароям муяссар гардид, бо ин одам ва аъзои дастаи вай барқарор намоям, бебаҳо баромаданд. Ӯ бо пайравони худ тавонист қариб ду ҳазор сохмончиёнро биёрад, ки онҳо дар сохтмони истеҳком дар Суномата ба мо кумак карданд.

Ба туфайли доштани чунин доираи васеи шиносҳо иншооти қалъа дар моҳи сентябри 1566 ба анҷом расонида шуд. Аз рӯйи ривоятҳо, ман онро дар як шабонарӯз сохтаам. Ин сафсатаи маҳз аст! Кор дар ин сохтмон шаш ҳафтаро дар бар гирифт. Ба ҳар ҳол, дар он рӯзҳо дар амал татбиқ намудани чунин лоиҳаи бузург дар чунин муҳлати кӯтоҳ номумкин ба назар мерасид. Князь Нобунага комёбии маро қадр кард, вазифаи маро то дараҷаи генерал боло бурда, супориш дод, ки ба се ҳазор нафар аскар роҳбарӣ намоям. Ман бо пирӯзӣ ба қалъаи Киёсу баргаштам, вале ҳеҷ гоҳ оғози роҳи хоксоронаи болоравӣ дар мансаб, ҳамчунин он одамонеро, ки дар ин роҳ ба ман кумак карданд

ва ба туфайли онҳое, ки ин комёбӣ имконпазирам гардид, фаромӯш намекардам.

Ҳатто баъди ҳамроҳ шудан ба қабилаи Ода ман таҳкими алоқаҳоро бо дӯстони солҳои пешин идома медодам. Илова бар ин, кӯшиш мекардам бо ҳама самимона муносибат намоям, ҳамеша дар одамон сифатҳои хубро ҷустуҷӯ мекардам ва онҳоро қадр менамудам. Маҳз барои ҳамин, ҳар вақте ба ман кумак зарур шавад, одамон барои ёрӣ ҳозир мешуданд. Ҳамзамон ман як сирри муҳимро барои худ кашф кардам. Шиносоӣ пайдо кардан бо одамон ҳамеша баъди бо онҳо нӯшидани якчанд қадаҳ сакэ осон мегардад. Ҳамин ки бароям маълум мегашт, ки дар кимкуҷое шабнишинӣ дар назар аст, ҳатман кӯшиш ба харҷ медодам, дар он иштирок намоям. Баъзеҳо маро хушомадгӯй меҳисобиданд, вале аксари одамон ба ман самимона муносибат мекарданд.

Агар шумо ният доред, соҳиби пайравони вафодор шавед, “асрори алоқаҳо”– ро аз худ намоед: *сармояи аз ҳама арзишманди худро зиёд ва шабакаи шиносоии шахсиро васеъ намоед.*

## Омодагии ҷиддӣ бинед ва далерона амал намоед

Аз болои касе роҳбарӣ накунед, – хоҳ сохтмончиён бошанд, хоҳ аскарон, дар хотир дошта бошед, – ҳар як супориши “иҷронашуда” ду чизро талаб мекунад: омӯзиши ҷиддии масоили дар назди шумо истода ва анҷом додани амалҳои қатъӣ.

Одамоне, ки маро беандеша ва ҳардамхаёл ҳисоб мекунанд, онҳо намебинанд, ки ман чӣ гуна ин амалҳои қатъиро ба таври ҷиддӣ омода месозанд. Дар давраи ҷанг ман

ҳамеша кӯшиш мекунам, душманро омӯзам, ҷиҳатҳои бақувватӣ ва заифии онро донам. Танҳо баъд аз таҳлили дақиқ ва ҳамаҷонибаи вазъият, нақшаи муфассали зарба ба душманро тартиб медиҳам. Илова бар ин, дарсҳои гузаштаро фаромуш намекунам. Масалан, баъди генерал шуданам, ду солро ба муҳосираи қалъаи Микки сарф кардам, зеро муҳофизини он захираи зиёди хӯрокворӣ, об ва дигар чизҳои зарурӣ доштанд. Ин таҷриба бароям дарси муҳим гардид ва махсусан дар ҷараёни фаъолият, вақте княз Нобунага ба ман фармони аз одамони қабилаи Морӣ тоза кардани қалъаи Тоториро дод, кумак кард.

Баҳори соли 1581, қабл аз он ки ба қушунҳо фармон дар бораи оғози муҳосираро диҳам, ба гирду атрофи вилояти Тоттори тоҷирони ҷавон ва пухтаро бо супориши бо нархи ниҳоят баланд харидорӣ кардани биринҷ фиристодам. Вақте ба кумондонони нируҳои душман маълум гашт, ки дар шаҳр биринҷ бо арзиши баланд харидорӣ мешавад, онҳо захираҳои шахсии худро ба фурӯш бароварданд. Ҳарисии зиёд монеи он гардид, фикр намоянд, ки чаро тоҷирони шаҳрҳои дигар ногаҳон барои биринҷ нархи афсонавӣ медиҳанд! Баъд аз ин, бо бист ҳазор аскар қалъаи Тотториро ба муҳосира гирифтам. Мо хати дувоздаҳкилометраи девори қаторчӯб, хандақ ва хоктеппаро, ки ҳатто муш ҳам аз онҳо гузашта наметавонист, бунёд кардем. Дар майдончаҳои боло, ки баъди ҳар ҳазор қадам бурҷи сетабақа сохта шуда буданд, гулханҳои ишоратӣ афрӯхтем. Мо дарёҳоеро, ки қалъаро иҳота карда буданд, бо купруки поядор банд кардем, то ки садди роҳи убури завраққоро гирем. Нерӯҳои ёрирасони душман кӯшиш карданд ба ҳарбиёни худ кумак расонанд, вале қувваҳои баҳрии мо тамоми соҳилҳои шимолиро муҳосира карда, қалъаро дар ҳолати танҳоӣ гузоштанд. Муҳофизини Тот-

торӣ маҳкум шуда буданд. Онҳо маҷбур шуда буданд, алаф, аспҳои мурда ва гушти аскарони ҳалокшударо истеъмол намоянд. Мо маҷбур нашудем, ки таслимшавии қалъаро ду сол интизор шавем.

Ба ҷойи он ки душманон беандешона несту нобуд карда шаванд, ман бо истифода аз ҳила ба онҳо ғолиб омаданро авлотар медонам. Дар чунин ҳолатҳо найрангҳоро бофта бароварда, кӯшиш мекардам, онҳоро ба чунин вазъияте рӯ ба рӯ кунам, ки маҷбур шаванд ба музокирот розӣ шуда, шартҳои маро қабул намоянд. Маҳз ҳамин таҷрибаро дар Тотторӣ истифода бурдам. Ман қувваро дар ҳолатҳои истиссноӣ, вақте макру ҳилла нокифоя аст, истифода мебарам, вале доимо кӯшиш мекунам, беҳуда хун нарезам. Агар одам танҳо ба шамшер ва найза умед бандад, ин маънии онро дорад, ки ӯ дасти қавӣ, вале ақли заиф дорад.

Гузашта аз ин, ман ҳеҷ гоҳ аз пирӯзӣ лаззат набурдаам. Ба ҷойи он ки синаро барҷаста намоям, ман роҳи сабук намудани дарду аламро ҷустуҷӯ мекардам. Кӯшиши бобарори харидани захираҳои озуқаворӣ дар Тотторӣ на танҳо душманони моро, балки деҳқонони маҳаллиро маҷбур кард, гуруснагӣ кашанд. Дарҳол баъди ишғол кардани қалъа, ман ба одамони гурусна зиёда аз панҷоҳ ҳазор килограмм биринҷ тақсим кардам. Ман тарафдори бераҳмӣ нестам. Ҳол он ки озуқавории тақсимшуда барои таъмин намудани риояи қонун аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Агар ман бо истифода аз қувваи дағал ба қалъа ҳуҷум менамудам ва кӯшиш намекардам, ки ҳар як қадами худро ба нақша гирам, ин стратегия фақат теъдоди қурбониёнро аз ҳарду ҷониб зиёд мекард. Дар тиҷорат чун дар ҷанг, сарварони оқил “асрори стратегия”: *омодагии ҷиддӣ бинед ва далерона амал намоедро,* истифода мебаранд.

## Камбудиҳоро ба арзандагӣ мубаддал созед

Ҳам сарварон ва ҳам пайравони онҳо бояд тарафи заифии худро эътироф кунанд ва онро ба тавоноӣ мубаддал намоянд. Аз ин комёбии шумо натиҷаи кор вобаста аст, тавре бо ман дар вақти муҳосираи қалъаи Такаматсу рӯй дода буд.

Соли 1582 княз Нобунага ба ман фармон дод, ки қалъаи Такаматсуро забт намоям. Қалъаро панҷ ҳазор самурайҳои қабилаи Симидзу таҳти фармондиҳии княз Мунихару ҳимоя мекарданд, ҳол он ки мо бист ҳазор аскар доштем. Ба назарам чунин намуд, ки моро ғалабаи осон интизор аст. Вале ҷавоби ради қатъии Мунихару оид ба пешбурди музокирот дар мавриди таслимшавӣ маро бесараҷом кард. Наход ман ҷузъиёти ҳалкунандаро надида мондам? Ман бо дили нохоҳам дастури ҳамларо додам ва ба зудӣ сабаби нороҳатии худро пайдо кардам: аскарони ман дар мавзеи ботлоқзор дармонданд ва ҷанговарони ашаддии Мунихару ба онҳо талафоти вазнин расониданд. Кӯшиши якуми забти қалъа аз ҷониби мо бо фалокат анҷом ёфт.

Ман, ки аз нокомии ногаҳонӣ ҳайратзада шуда будам, тамоми шаб вазъияти баамаломадаро таҳлил намуда, кӯшиш кардам роҳи ғалабаро на бо қувваи дағал, балки бо кумаки санъати стратегӣ пайдо намоям.

Ба хулосае омадам, ки мавқеи қалъаи Такаматсу онро қариб дастнорас мекунад. Қалъа дар водӣ каме баландтар аз сатҳи баҳр сохта шудааст ва бо об ва ботлоқзор иҳота гардидааст. Аз як тараф онро дарё, аз ду тарафи дигар кулҳо ҷойгир шудаанд, хандақи калони пур аз об ва хуб ҳимояшаванда дастрасӣ ба тарафи чорумро номумкин мегардонад. Тактикаи оддӣ дар ин ҷо ба кор намеояд.

Ногаҳон фикри аҷибе ба сарам омад. Агар фатҳнопазирии Такаматсу ба туфайли об ба даст меомада бошад, яқин аст, ки маҳз об барои забт кардани он ба ман кумак мерасонад! Ман дарк намудам, ки низоми беназири ҳимояи қалъа имконияти истифодаи усули то ҳанӯз номаълум – ғарқ карданро ба рӯйи мо боз менамояд. Ман метавонистам мавқеи судманди ҷуғрофии қалъаро ба проблема барои муҳофизони он ва ба бартарӣ барои худамон мубаддал созам.

Мо омодагӣ ба ҳамлаи обиро бо бунёди сарбандҳо дар гирди қалъа оғоз кардем. Ин иншооте буд бузург бо баланди якчанд метр ва дарозии се километр. Ба мо муяссар гардид, ки деҳқонони маҳаллиро ба ҳамкорӣ ҷалб намуда, ба онҳо барои ин маоши рӯзбайъ бо тангаҳои мисин муқаррар кардем ва илова бар ин, барои ба сарбанд бурда гузоштани ҳар як халтаи пур аз рег бо биринҷ музд додем. Деҳқонони қаноатманд аз пайи кор шуданд ва барои мо зиёда шашсад ҳазор халтаҳои регро омода ва ҷо ба ҷо карданд. Ба сиёсати дустдоштаи худ дар самти комёбиҳои беқурбонӣ содиқ монда, тавонистам ҳамла ба қалъаро ба лоиҳаи муқаррарии муҳандисии корҳои заминӣ мубаддал созам! Бо кӯшишҳои муштараки аскарон ва деҳқонон ин вазифаи азим дар ду ҳафта иҷро гардид.

Бо бунёди сарбанд, мо самти дарёро тағйир дода, заминҳои гирду атрофро таги об мондем ва бо ин кори худ қалъаи Такаматсуро ба кӯли сунъӣ табдил додем. Баъд аз он ки об таҳкурсии қалъаро фаро гирифт ва муҳофизини он имконияти дарёфт кардани озуқаворӣ ва қувваи низомиро аз даст доданд, базудӣ таслим шуданд. Ман ба князь Нобунага паём фиристода, аз ӯ хоҳиши омаданашро кардам, то ки аз шӯҳрати ғалаба баҳравар гардад.

Сарварони боистеъдод "асрори ивазшавии ҷойи калима": *камбудиҳоро ба арзандагӣ мубаддал созедро*, моҳирона истифода мебаранд.

# 4

# ДАР ВАЗЪИЯТИ ДУШВОРУ ХАТАРНОК ЧӢ ГУНА БОЯД АМАЛ КАРД

Ба шумо ягон вақт дар замони бӯҳронӣ зарурат пеш омада буд, ки сарвариро ба ӯҳда гирифта бошед? Дар ҳаёти худ ман чанд маротиба ба вазъиятҳои душвор рӯ ба рӯ шуда будам, вале тавре маълум гардид, онҳо дар ман сифатҳои беҳтаринро бедор мекунанд. Ин фасл нишон медиҳад, ки чӣ гуна бӯҳрон метавонад қобилияти сарвариро инкишоф диҳад.

## Барои он ки ҳамаро бурд кунед, бо ҳама чизатон таваккал намоед

Сарвар ҳамеша маҷбур мешавад таваккал намояд, баъзан ин маънои онро дорад, ки барои комёб шудан ҳама чизро гузоштан зарур аст. Ман на якбору ду бор ба чунин ҳолати ногувор афтода будам, аммо фармондиҳии қушуни аз паси қувввaҳои асосӣ ҳаракаткунанда дар вақти ақибнишинии княз Нобунага аз Канэгасака ниҳоят кори хатарнок будааст, ба ин андоза ман ҳеҷ гоҳ бо марг рӯ ба рӯ нашуда будам

То соли 1570 княз Нобунага ба мақоми ноиби сёгун комёб шуд ва қароргоҳи асосии худро дар Киото, пойтахти Ҷопон ташкил намуд. Дар ҳаштод километр ба шимолу шарқ аз Киото вилояти Этидзэн, мулки қабилаи Асакура воқеъ гардида буд. Ба монанди бисёр қабилаҳои дигар, қабилаи Асакураро ҷангҳои дохилӣ азоб медоданд, сарвари шаҳватпарасти он Ёсикагэ ба фисқу фасод ва бадмастӣ фурӯ рафта буд. Ба назар чунин мерасид, ки Этидзэн барои истило кардан, пухта расида буд.

20 апрели соли 1570 артиши мо аз Киото ба роҳ баромада, баъд аз панҷ рӯз қалъаи мутааллиқ ба Асакура, Канэгасакаро ба муҳосира гирифт. Мо медонистем, ки ҳимоятгарони қалъа ба дом афтодаанд ва ба муддати тӯлонӣ аз худ ҳимоя карда наметавонанд. Дер ё зуд қалъаи онҳо шикаст мехӯрад.

Эътиқоди қатъӣ оид ба он ки беҳтарин ғалабаҳо, пирӯзиҳои беқурбонӣ мебошандро, риоя намуда, ба княз Нобунага исроркорона тавсия додам, ки оид ба шартҳои таслимшавӣ бо сардори қалъа Кагэтсунэ музокирот анҷом диҳад. Аммо Кагэтсунэ якравӣ нишон дода, аз вохӯрӣ бо мо даст кашид. “Бисёр хуб”, – фикр кардам ман. – Агар ӯ ба назди мо намеояд, ман ба пеши вай меравам”.

Танҳо ва бе силоҳ рафтан ба лонаи душман, хатарнок буд. Кагэтсунэ метавонист ба аскаронаш фармон диҳад, ки маро аз байн баранд. Вале ман дарк кардам, ки имконияти бештари бовар кунонидани ӯ ба таслимшавӣ бароям он гоҳ пайдо мешавад, агар ба қалъа ворид шавам ва бо вай сӯҳбати як бо як анҷом диҳам.

Ҷасорати амали ман Кагэтсунэро дар ғафлат дарёфт ва ба ман муяссар гашт, ки бо додани кафолати бемамоният тарк кардани одамони вай аз Канэгасаки, ӯро ба таслимшавӣ моил кунонам. Мо ҳисоб кардем, ки ғалаба аллакай

дар дасти мост ва корҳои омодагиро барои бозгашт ба Киото оғоз намудем. Аммо тақдир нақшаҳои дигар дошт.

Дар роҳ ба Этидзэн мо сарзаминеро гузаштем, ки онро Нагамаса, додараруси князь Нобунага идора мекард. Пайвандҳои оилавиро кафолати боэътимоди иттиҳоди ду қабила ҳисобида, умед бар он бастем, ки бозгашти мо бехатар анҷом хоҳад ёфт. Вале ногаҳон хатрасони тезгарди мо паём овард, ки Нагамаса – собиқ иттифоқчии мо – пинҳонӣ бо Асакура ҳамроҳ шуда, ба мо хиёнат кард! Моро зарур омад, ки роҳи дигари бозгашт ба хонаро пайдо намоем, зеро акнун дар як вақт ба мо ду артиш ҳамла карданӣ буданд. Масъалаи оид ба таслим кардани қалъаи душман худ аз худ аз байн рафт.

Ин хабар дар ҷараёни шӯрои ҳарбӣ расонида шуд. Баъди хондани паём, князь Нобунага бодбезакро аз дасташ раҳо кард ва он ба замин афтид. Ин лаҳза рангу рӯяш сафед шуд, нигоҳашро ба осмон нигаронида, дар давоми якчанд дақиқа хомӯшона ба ким–куҷои боло зеҳн монда назар духт. Генералҳое, ки аз ду тарафи вай нишаста буданд, ноормона бо якдигар гӯшакӣ карданд.

Аз ин пештар мо ҳеҷ гоҳ надида будем, ки ҷаноби мо аз сухан гуфтан маҳрум шуда бошад.

– Ба мо хиёнат карданд, – ниҳоят хомӯширо вайрон карда гуфт ӯ. – Ман ба Киото删 бармегардам. Кӣ ҳимояи ақибгоҳи моро ба ӯҳда мегирад?

Хоҳишмандон пайдо нашуданд. Ҳама хуб медонистанд, ки ҳимояи ақибгоҳи артиши ақибнишиникунанда – супориши аз ҳама хатарнок буда ва он ба эҳтимолияти аз ҳама баланди ҳалок шудан, алоқаманд аст.

Князь Нобунага нафрати худро пинҳон надошта, вассалҳои хомӯшмондаро аз назар гузаронид. – Агар ихти-

ёриён пайдо нашаванд, – наъра зад ӯ – ман инро худам иҷро мекунам!

Ман парида аз ҷой бархостам ва гуфтам:

– Ҷанобам, шарафи фармондеҳии арергардро ба ман бовар кунед.

Княз Нобунага ба ҷониби ман баргашт.

– Фармондиҳиро ба ӯҳда бигир, Хидэёсӣ. Фақат моро дучори вазъияти ногувор накун. Ӯ маро кам бо исмам ном мегирифт, бинобар ин, вақте вай ин корро кард, бароям маълум гашт, ки ӯ дигар умеди бо ман вохӯрданро надорад. Бо вуҷуди он ки ман ҳам шубҳа доштам, ки зинда мемонам, ҷавобам қатъиёна садо дод.

– На, шуморо дар ҳолати ногувор нахоҳам гузошт, гуфтам ман. Нимашаби ҳамон рӯз княз Нобунага барои он ки бо суръати баланд ҳаракат кунад, бо дастаи на он қадар калони самурайҳои яккачин қароргоҳро тарк кард. Қувваҳои асосии Ода баъди чанде аз паси вай рафтанд ва ман бо ҳафтсад нафар одамон барои ҳимояи ақибгоҳи артиш аз якчанд ҳазор аскарони душман, ки аллакай ба мавқеи мо наздик шуда истода буданд, мондам. Аз рӯйи ҳисобу китоби ман, онҳо бо фаро расидани субҳ бояд ба ин ҷо ҳозир шаванд, бинобар ин, барои тартиб додани нақша ман ҳамагӣ якчанд соати қиматбаҳо доштам.

Чӣ гуна онҳоро бояд нигоҳ дошт, ки княз Нобунага ба ҷойи амн рафта расад? Дили ман ончунон мезад, ки гӯё мехост аз қафаси сина бурун равад, вале зарур буд оромиро нигоҳ дорам ва ҳарчӣ зудтар андешаи илоҷи корро кунам. Ман суханони Сун – тсзӣ, стратеги барҷастаи ҳарбии Чинро ба хотир овардам: “ Ҳама усулҳои пешбурди ҷанг дар заминаи фиреб ба роҳ монда шудаанд”. Ва дафъатан дарк кардам, ки чӣ корро бояд анҷом диҳам. Қабл аз он ки дигар генералҳо қароргоҳро тарк намоянд, аз онҳо хоҳиш

намудам, ливоҳои ҷангиро ба ман супоранд. Ин парчамҳои ороишдодашуда ба гули нишони Нобунага, зебо буданд ва онҳоро бо дигар чиз фарқ карда натавонистан, имкон надошт. Ман ба одамони худ фармон додам, ки онҳоро дар қуллаҳои дарахтонончунон овезанд, ки дар гирди мавқеи мо ҳалқаро ташкил диҳанд. Сипас, амр додами, ки дар гирди қалъаи Канэгасака садҳо гулхан афрӯзанд. Ранги зарди сурхтоби ларзанда ливоҳои дар шамол алвонҷдиҳандаро мунаввар мекард ва аз дуриҳо ин манзараро метавон ба гулханҳои қароргоҳи ҷойгиргардидаи артиши бузург қабул кард.

Ҳиллаву найранг кор дод. Вақте пойкӯбии сумбҳои асп ба мисли гулдуроси раъду барқ ба гӯши мо расид, душманон ногаҳон истоданд. Онҳо қарор доданд субҳро интизор шаванд, то ки қабл аз оғози ҳамла теъдоди қувваҳои моро аниқтар муайян намоянд. Офтоби рахшони субҳ барояшон кумак кард, дарк намоянд, ки монеаи дар садди роҳи онҳо истода, артиши мавҷуднабуда будааст. Аз найранги ман ба хашму ғазаб омада, аскарони пиёдаи Асакура бо доду фарёд ба мо ҳамла карданд. Вале тӯҳфаҳои ман бо ин анҷом наёфтанд.

Ман сесад аскарро дар камингоҳ пинҳон карда, чорсад аскари боқимондаро ба ду гурӯҳи баробар тақсим кардам. Пешоҳангон иборат аз дусад нафар аввалин мавҷи ҳуҷумкунандагонро ба худ қабул намуда, баъди чанде ақибнишинӣ карданд. Ягон чизи дигарро ман интизор набудам. Дастаи дуюм иборат аз дусад нафар низ ба зудӣ поймол шуд.

Аскарони душман аз фикри он ки роҳ кушода шудааст, рӯҳбаланд гардида, худро гум намуда, ба мо ҳуҷум карданд. Вале бо ишораи ман сесад тирандози дар камингоҳ дарозкашида, фарёди гушкаркунандаро баланд карда, душманро найзаборон намуданд. Ин кор ҳарорати душ-

манони моро сард намуд ва онҳо ақибнишинӣ карданд ва ба мо имконият фароҳам омад, ки ба аспҳо нишаста, ҷон ба саломат барем.

Мо танаффуси кӯтоҳе ба даст овардем, вале марг ҳамоно ба мо наздик мешуд. Барои он ки ба Киото бирасем, зарур буд аз сарзамини боз як ҳариф – роҳиб–ҷанговарони машҳури маҳзуни мазҳаби беғарази (Икко–икки) гузарем. Рӯҳониёни ин сектаи деҳқонон издиҳоми ҷандапӯш, вале бадхашми ҷанговаронро намояндагӣ мекунанд, ки аз ҷониби бемори рӯҳӣ, вале собиқ роҳиби харизматикӣ идора карда мешавад. Муътакид бар он ки дар он тарафи қабрҳо онҳоро биҳишт интизор аст, онҳо аз марг тарс надоштанд ва бераҳмона қабилаи Одаро бад медиданд.

Мутаассибони ташнаи хун, ки ба мо якбора ҳуҷум карданд, ба шабаҳҳои аз дузах бархоста монанд буданд. Вале тирандозони моҳири ман бо чунин суръат ва дақиқияте найзаборонашон карданд, ки бисёре аз ин девонаҳо қабл аз ба замин афтидани ҷасадҳои онҳо, аллакай мурда буданд. Онҳо ба биҳишт ворид шуданд ё не бароям маълум нест. Ба таври аниқ ҳаминро метавон гуфт: онҳо ин ҷаҳонро тарк карданд, мо бошем, зинда мондем.

Бори дигар маргро фиреб дода, мо тавонистем ба Киото расем, ки дар он ҷо одамон ва аспҳо аз бемадорӣ ҳамон лаҳза ғарқи хоб шуданд. Асабҳои ман таранг шуда, аз ҳадди эътидол гузашта буданд: ман худро мисли гурбае ҳис мекардам, ки тамоми нуҳ ҳаёти худро сарф кардааст ва интизори дарёфти ҳаёти даҳумаш аст!

Ба ӯҳда гирифтани ҳимояи ақибгоҳи артиш ҳангоми ақибнишинӣ аз Канэгасакӣ, ман беақлона рафтор кардам. Вале, ба туфайли зиракии худ ва барори кор ба ман муяссар гардид, ки ба комёбӣ ноил шавам. Ман дар ҳама кор таваккал кардам, ба мақсадам ноил гардам ва ба қабилаи

Ода исбот сохтам, ки суханҳои ман аз амали ман фарқ намекунанд.

Одамоне, ки ман идораашон мекардам, бовар доштанд, ки агар онҳо аз пайи ман раванд, метавонанд мавқеи худро беҳтар намоянд. Княз Нобунага хабарро дар бораи бозгашти ман бо хушнудӣ қабул намуд. Аммо баъзе генералҳои ӯ, ки аз асилзодагии худ ифтихор мекарданд, – шуҷоат ва комёбии маро бо буғзу адовати шадид пешвоз гирифтанд. Ба назари онҳо, ман якумр деҳқони беаслу насаб хоҳам монд. Вале ман нафрати онҳоро ҳамчун мукофоти ногузир барои имтиёзи сарвар шудан, қабул намудам. Дар муқоиса бо хатаре, ки ман ба он рафтам, муносибати такаббуронаи ҳарифон ночиз буд ва қобили диққат ҳисоб намерафт.

Бузургии сарвар ҳамчунин аз омодагии вай дар бартараф кардани монеаҳо иборат аст. Барои он ки дар корҳои хатарнок комёбӣ ба даст оварда шавад, зарур аст аз "асрори худро дареғ надоштан": *яъне барои он ки ҳамаро бурд кунед, бо ҳама чизатон таваккал намоед,* истифода баред.

## Аввалин шуда аз паси кор шавед, то ки онро аввалин шуда анҷом диҳед

Ман дар бораи зарурияти бо қатъият муносибат кардан ба ҳар як вазифа фикру андешаҳои худро баён карда будам. Акнун, ман дар бораи он ки то чӣ андоза муҳим будани фавран аксуламал нишон додан дар вазъияти хатарнок, он гунае, ки ман ҳангоми "юриши–ҷаҳиши бузург" амал намудам, ҳикоят мекунам.

Сабаби анҷом додани "юриши – ҷаҳиши бузург" куштори хоинонаи княз Нобунага аз ҷониби Митсухидэ буд. Ин бадкирдорӣ аввалин хатои вай буд, ки анҷом дод.

Иштибоҳи дуюмаш ин интихоби нодурусти қосид барои бурда расонидани паём ба иттифоқчиён мебошад. Баъди ба ҳалоқат расонидани сарвари мо, Митсухидэ хаткашонро бо паём дар бораи марги Нобунага ба душманони мо аз қабилаи Морӣ фиристод. Аммо дар торикӣ қосиди кундзеҳн қароргоҳи моро бо қароргоҳи қабилаи Морӣ аралаш кард ва ба даст афтод.

Мактуби дастгиршуда дар бораи марги ҷанобам, маро моту мабҳут кард. Чун фаҳмидам, ки ин корро Митсухидэ муқобили хости Осмон ва Замин анҷом додааст, ба даҳшат омада, он чунон гиря кардам, ки гӯё падарамро аз даст дода бошам. Ин лаҳза қалби ман гӯё ба санг табдил ёфта буд. Ман қасам ёд кардам, ки барои марги княз Нобунага аз душман қасос гирифта, кори бузурги оғознамудаи ӯро анҷом медиҳам.

Вале чӣ тавр? Ман ҳамин ҳоло бо муваффақият қалъаи Такаматсуро зери об кардам ва ба ҳуҷуми ниҳоии аркаи қабилаи Морӣ омода ҳастам. Ин ғалаба бояд дар кори муттаҳид сохтани Ҷопон зери ҳокимияти марказӣ нақши муҳим бозад. Вале маро зарур буд, ки барои гирифтани қасоси ҷаноби худ фавран ба ҷониби Киото ҳаракат намоям. Чӣ гуна дар як вақт ду вазифаро иҷро кунам?

Қарибиҳои субҳ бароям чӣ гуна амал кардан, маълум гашт. Агар ба одамони Морӣ маълум шавад, ки княз Нобунага кушта шудааст, онҳо рӯҳбаланд гардида, пешниҳоди собиқаи бе ҷанг таслим шуданро рад мекунанд. Бинобар ин, ман қарор додам ин хабарро эълон накунам ва таъҷилан матни шартнома оид ба сулҳи муваққатӣ тартиб додам, ки онҳо субҳи ҳамон рӯз имзо карданд. Баъд аз ин, мо қароргоҳро ҷамъ карда, сарфи назар аз шамоли сард ва боридани борон бо суръати баланд ба ҷониби Химэдзӣ ҳаракат намуда, дар як шабонарӯз яксаду даҳ километрро

тай кардем. Маҳз ҳамин гуна “юриши ҷаҳиши бузург”, ки барои гирифтани қасос аз қотили княз Нобунага равона шуда буд, оғоз ёфт.

Дар мавриди дигар вассалҳои Ода бошад, паём дар бораи марги сарвари мо онҳоро ниҳоят маъюс кард ва ба ягон амалҳои ҷиддӣ даст назаданд. Ба ҳодисаҳои ақиб назар карда, метавон гуфт, ки суръатнокӣ ва қатъият, ки ман баъди шунидани хабари марги княз Нобунага нишон додам, омилҳои ҳалкунандае буданд, ки дар кори ба қуллаи сарварӣ расидани ман кумак карданд.

Қушунҳои ман ба шаҳри Химэдзӣ, ки дар қисмати ғарбии Киото қарор дорад, аз юриши тӯлонии беист, ки зиёда аз биступанҷ соат идома ёфт, ниҳоят хастаю афгор омада расиданд. Ман анборҳои қалъаро холӣ карда, то охирин тангаро ба одамони худ тақсим намудам ва онҳо якбора ними маоши солонаи худро гирифтанд. Ин амали хуб онҳоро рӯҳбаланд кард ва баъди истироҳати кутоҳ, мо ба ҷониби Киото раҳсипор гаштем.

Дар ин миён хиёнаткор Митсухидэ қалъаи Адзутӣ, қароргоҳи пешина ва ганҷинаи княз Нобунагаро ишғол намуд. Вале баъд аз ин, ӯ ба иштибоҳи марговар роҳ дод. Митсухидэ беҷуръатӣ нишон дод, ки ин барои ҳама гуна душман хатари ҳалокатро дорад!

Митсухидэ ба кумаки чунин қабилаҳо, аз қабили Хосокава, ки бо оилаи вай риштаи ақди никоҳӣ дошт, умеди калон дошт. Аммо сарварони Хосокава кӯшишҳои княз Нобунагаро дар самти муттаҳид сохтани Ҷопон таҳти ҳокимияти як шамшер дастгирӣ мекарданд ва аз иштирок дар суиқасди хунин даст кашиданд.

Баъд аз он ки кумак наомад, Митсухидэ аз шубҳаи зиёд минбаъд надонист чӣ кор кунад ва ҳар як дақиқаи беҷуръатӣ ӯро ба ҳалокат наздик мекард. То вақте ки вай

дудила буд, ба артиши ман боз якчанд генералҳои Ода, ҳамчунин писари сеюми князь Нобунага, Нобутака ҳамроҳ шуданд. Теъдоди умумии қувваҳои мо ба чил ҳазор нафар баробар шуд, ки ин бартарияти чандкаратаи артиши моро бар қушунҳои душман таъмин намуд.

Ниҳоят Митсухидэ қарор дод, ки ӯ танҳо як роҳ дорад: тамоми қувваҳои худро дар назди Ямадзакӣ, шаҳраки хурд дар канори вилояти Киото ҷамъ намояд. Қушунҳои худро баъди дарё, дар зери борони сел саф ороста, ҳуҷуми моро интизор шуд. Кӯшиши вай дар мавриди ҷойгир намудани як қисми одамони худ дар ҷангали ҳамсоя барор нагирифт, зеро яке аз иттиҳодчиёни мо тавонист ин мавқеи судмандро пештар ишғол намояд. Вақте генералҳои ман муқовимати қаноти асосии артиши Митсухидэро шикаст доданд, ман фармон додам, ки бо тамоми қувваҳои мавҷуда ҳамла намоянд ва ошубгаронро торумор кунанд. Худи хоинро анҷоми шармандавор интизор буд: вай аз майдони муҳориба фирор кард, вале дар лой дармонд, дастгир гардид ва аз ҷониби ғоратгарон кушта шуд.

Ман оҷилан ба ҳамаи ҳокимони ҳарбӣ дар бораи он ки бароям муяссар гардид аз қотили князь Нобунагӣ интиқом бигирам, хабарнома фиристодам. Он вақт зарур буд, ин хабар ҳарчӣ зудтар паҳн карда шавад ва аҳолӣ бовар дошта бошад, ки қабилаи Ода ба мисли собиқ нируманд боқӣ мондааст. Афкори ҷамъиятӣ метавонад аз ҳама артишҳои пуриқтидор тавонотар бошад, барои ҳамин, ман ҳамеша ба обрӯю эътибори ташкилотамон аҳамияти аввалиндараҷа медодам.

Агар дар он рӯзҳои душвору хатарнок ман беҷуръатӣ нишон медодам ва вақтро аз даст медодам, ҳарифонам ғалаба мекарданд. Вале, чун ман зуд амал намудам, бартарӣ ба ҷониби мо майл кард. Дар дилхоҳ соҳаҳои ҳаёт – тиҷо-

ратӣ, маъмурӣ ё низомӣ – он сарвароне бурд мекунанд, ки “асрори бартарӣ”: *аввалин шуда аз паси кор шавед, то ки онро аввалин шуда анҷом диҳедро,* медонанд.

## Амалҳои худро бо далелҳои эътимоднок нишон диҳед

Одамон дар бораи истеъдоди фавқулоддаи ба фоидаи худам равона кардани ҳама гуна гардиши фалакро ҳикоят мекунанд. Вале, тавре бузургтарин стратеги Чин Сун–тсзӣ гуфтааст, “ҳар як муҳориба ҳанӯз то лаҳзаи оғоз ёфтанаш, ғолибаш маълум аст. Он касе, ки наметавонад нақша тартиб диҳад, қабл аз ворид шудан ба майдони ҷанг, шикаст мехӯрад.

Нақши муҳимтаринро дар ин ҷо омилҳои сиёсӣ мебозанд. Шумо бояд ҷонибдоронро ҷалб, теъдоди душманонро кам намоед ва ҳама нозукиҳои вазъиятро ба фоидаи худ мубаддал гардонед. Ва қабл аз он ки “бузургтарин юриши–ҷаҳиши – бузург”-ро анҷом диҳам, ман аз пайи ташкили иттиҳоде шудам, ки дар ниҳояти кор бартарии қувваи маро таъмин намуд.

Калиди дигари комёбӣ – ин асоснокии эътимоднокии мақсади худ мебошад. Барои мо ниҳоят муҳим буд, ки писари княз Нобунага, Нобутака, қабл аз он ки мо ба қувваҳои Митсухидэ ҳамла мекунем, ба неруҳои мо ҳамроҳ шавад. Дар ин лаҳза ба мо рамз зарур буд, ки дигаронро ба тарафи худ ҷалб намоем ва Нобутака барои ин нақш ниҳоят мувофиқ буд. Таҳти ливои ман ба майдони набард ворид шудани вай, ҷанги оддиро ба интиқоми ҷавонмардонаи писар барои қатли падари ӯ, мубаддал гардонид.

Агар шумо мехоҳед иттифоқчиёнро барои пешбурди ҷанг ё ҳамкорӣ дар бозор ҷалб намоед, "асрори ростӣ": *амалҳои худро бо далелҳои эътимоднок* нишон диҳед.

## Ноомади корро ба комёбӣ мубаддал созед

Мо наметавонем, қартаҳоеро, ки қисмат ба мо пешниҳод мекунад, интихоб намоем. Вале мо метавонем ба чунин як қароре биоем, ки чӣ гуна бо ин қартаҳо бозӣ кунем ва дар он ғолибият ба даст орем. Сарварро зарур меояд, ки мисли капитани киштӣ амал намояд. Шумо наметавонед туфони уқёнусро идора намоед. Вале шумо метавонед аз рӯйи харита роҳи киштиро муайян кунед ва он имкон медиҳад, ки натанҳо аз хатар наҷот ёбед, балки ба мақсади деринаи худ ноил гардед.

Хоин Митсухидэ мурда буд. Интиқоми ҷаноби мо, ки разилона кушта шуда буд, ситонида шуд. Вале қабилаи Ода бе капитане, ки қодир бошад онро дар мубориза ба муқобили тӯфони маккори баҳр ғалаба оварад, монда буд.

Комёбии "юриш–ҷаҳиши бузург" обрӯю эътибори маро боло бурд. Сарфи назар аз он ки Нобутака, писари сеюми князь Нобунага ба ҳайси сарвари рамзии мухолифони Митсихудэ баромад мекард, тамоми масъалаҳои банақшагирӣ ва гузаронидани шикори хоинон аз ҷониби ман ҳаллу фасл мешуданд. Баъди ғалабаи мо, бисёриҳо сарвари қабилаи Ода маро ҳисоб мекарданд, на Нобутакаро. Ва ман омодагӣ медидам он нафаре шавам, ки маро чунин меҳисобиданд.

Бо вуҷуди он ки унвони генералӣ доштам, аслу насаби паст ва мақоми доштаам имкон намедоданд, ки ба шумораи ворисони Нобунага шомил шавам. Писарони дуюм ва

сеюми ӯ – Нобукатсу ва Нобутака дер боз интизори чунин лаҳзаи қулай буданд. Онҳо фарзандони ғайриқонунӣ ба шумор мерафтанд, зеро аз канизакҳо таваллуд шуда буданд ва расман ҳуқуқи ворисӣ надоштанд. Бо вуҷуди ин, ҳарду умедвор буданд, ки аз молу мулки падар мерос бигиранд ва соҳиби унвони сёгунро соҳиб шаванд. Як гурӯҳи вассалҳои Ода Нобукатсуро дастгирӣ мекард, гурӯҳи дигар бошад, номзадии Нобутакаро афзалтар мешумурданд. Мубориза дар байни ин гурӯҳҳо, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои худ, номҳои ҳомиёни худро истифода мебурданд, бояд оғоз меёфт.

Дере нагузашта, баъд аз куштори княз Нобунага дар қалъа барои муайян кардани ворисиӣ қонунии ӯ шӯро даъват карда шуд. Барои иштирок дар машварат Нобукатсу ва Нобутака бо ҳамроҳии сарвассалҳо, ҳамчунин чор генерали қабила, аз ҷумла ман хозир шуданд.

Азбаски писарон аз ҳама бештар ба масъалаи дарёфти манфиати моддӣ ҳавасманд буданд, ба ҳама аҳли нишаст маълум гардид, ки ягон нафари онҳо аз падарашон истеъдоди сарвариро ба мерос нагирифтаанд. Онҳо дарҳол баҳсро дар бораи он ки кадоме аз онҳо ҳуқуқи бештари ишғоли ҷойи холишударо доранд, шурӯъ карданд. Бо гузашти вақт ва суханронии ҳар як иштирокчӣ ба тарафдории номзади худ тарсу ваҳм ҳамоно зиёд мешуд.

Тақдири ман дар болои мӯе истода буд. Княз Нобунага пуштибони ман, одаме буд, ки ба ман имконият дод аз гумномӣ баланд шавам ва мақоми намоёнро ишғол намоям. То он рӯзе, ки вай зинда буд, ҳасудони ман аз ҷумлаи вассалҳои Ода хусумати худро пинҳон нигоҳ медоштанд. Вале агар акнун инони ҳокимият ба дасти онҳо гузаранд, онҳо маро мисли гамбускча маҷақ мекунанд. Пешравиҳои ман дар самти баланд шудани вазифаҳои нав ба нав ки-

наву адовати махсуси Сибатаро ба амал овард. Дар синну сол вай аз ман чордаҳ сол калонтар буд ва ҳамеша маро маҳмадоно, аҳли табақаи поён меҳисобид ва ба унвони самурай нолоиқ медонист. Ӯ хеле хушҳол мешуд, агар ба ҷойи болоравӣ дар вазифа, марги маро медид. Нобукатсу ва Нобутака ҷанҷол ва ба ҳамдигар носазогӯйро идома медоданд, ман бошам, аз Сибата, ки онҳоро наззора мекард, чашм намекандам. Вай ҳамеша ришу мӯйлаби пасткардашуда дошт ва ҳоло, ки бародарони угай ҷанҷол мекарданд, Сибата каме дуртар нишаста, табассум мекард ва манаҳашро мепучид. Баъд аз ин вай пай бурд, ки ман ӯро поида истодаам, ба ҷониби ман нигоҳи мағрурона партофт. Ин лаҳза гӯё ба гарданам шамоли сарди яхин вазида гузашт, вале нигоҳамро ба дигар тараф набурдам. Ман тақрибан шунида истода будам, ки Сибата дар ҷониби муқобили охири толори пур аз одам нишаста, фикр мекард: "Соати ту ба наздикӣ фаро мерасад, Хидэёсӣ. Интизор шав – ва хоҳӣ дид, ин чӣ гуна хоҳад буд".

Ман медонистам, ки ӯ ҳақ аст, вале намехостам интизор шавам. Ман қарор додам, ки вақти амал кардан фаро расидааст. Ҳаёти минбаъдаи ман ба мавҷудияти қабилаи Ода зич алоқаманд буд. Ҳам барои ман ва ҳам барои қабилаи Ода ягона роҳи зинда мондан, – ҳоло ки ман чунин имконият дорам, ин дар вақташ омода намудани шароити зарурӣ барои ғасби ҳокимият мебошад. Ягон вақт аз ин пештар дар ҳаёти ман аз ин лаҳзаи қулайтар барои истифода бурдани вазъияти хатарнок ҳамчун имконияти созгор ва мубаддал намудани ноомади кор ба туҳфаи тақдир, пайдо нашуда буд!

Дар он муддате, ки писарон бо муштҳои худ якдигарро таҳдид мекарданд, ман ба утоқи ҳамшафати кӯдакона

ворид шуда, набераи хурдсоли княз Нобунага, Самбосиро рӯйи даст гирифта, ба толори зал даровардам.

– Ҳамсафони гиромӣ, сарзаниши шумо комилан одилона аст, вақте ҳама ба тарафи ман баргаштанд, бо овози баланд гуфтам ман. – Вале имрӯз мо барои он дар ин ҷо ҷамъ омадаем, ки қарзи худро дар назди кишвар иҷро намоем, на барои он ки мубоҳиса дар мавзӯи валиаҳдӣ ташкил кунем. Аз ин рӯ, биёед аз иброз намудани ақидаҳои шахсӣ худдорӣ намоем ва масъаларо аз рӯйи адолат ҳал кунем, тавре инро урфу одати қадимӣ талаб мекунад. Ман дар дастам ягона ворисы арзандаи княз Нобунага – набераи ӯ Самбосӣ, писари Нобутадаро нигоҳ дошта истодаам.

Нобутада ягона писари княз Нобунага буд, ки аз ақди никоҳи қонунӣ ба дунё омадааст. Бо ин суханони ман аз се генерали Ода ду нафараш розӣ шуданд, бинобар ин, аъзои шӯро ба ҷуз эътирофи Самбосӣ ҳамчун вориси қонунӣ роҳи дигар надоштанд. Бинобар сабаби он ки кӯдаки яксола худаш наметавонист идораро ба даст гирад, маро устоди ӯ таъин карданд. Дар натиҷа барои он шароит муҳайё карда шуд, ки ҷойи сарвари нави қабилаи Одаро одаме ишғод карда тавонад, ки дорои қобилияти зарурӣ бошад, на аз рӯйи аслу насаби хуб. Нигоҳи Сибата боз ҳам сардтар шуда буд, вале аз дасташ коре намеомад. Ман аз муодила омили аслу нажодро хориҷ кардам – акнун дар мубориза бо ман ҳарифонам метавонистанд танҳо ба хизматҳои шахсиашон умед банданд.

Онҳое, ки кӯшиш мекунанд зинда монанд – ва муваффақият ба даст оваранд – дар даврони хатарнок бояд "асрори зинда мондан": *ноомади корро ба комёбӣ мубаддал сохтанро,* аз худ намоянд.

## Тарсро аз байн баред

Баъд аз ба қатл расонидани княз Нобунага бисёр сарвассалҳои қабилаи Ода ба афтодарухӣ гирифтор шуда, минбаъд чӣ кор карданашонро намедонистанд. Аммо то вақте ки онҳо дар ҳолати карахтӣ қарор доштанд, ман амал кардам. Сарварони қавӣ дарк мекунанд, ки амалиёти фаъол беҳтарин даво аз беҷуръатӣ мебошад.

Дар вазъияти хатарнок одамро аксар вақт тарс карахт мекунад. Тарс ҳиссиёте табиие мебошад, ки метавонад дар паси мизи машваратҳои масъулиятноки тиҷоратӣ ва ё майдони муҳориба пайдо шавад. Оё маро ҳисси тарс фаро гирифта буд, вақте ҳангоми ақибнишинӣ аз Канэгасакӣ омодагии худро барои ҳимояи ақибгоҳи артиш изҳор карда будам? Албатта! Ман ҳам ба мисли ҳама гуна одамон аз марг метарсам. Аммо дар самти мубориза бо тарс ман бартарии зиёд доштам. Ба туфайли тарбияе, ки ман дар шароити ниҳоят сахти камбизоатӣ гирифта будам, ҳамеша дар чунин андеша будам, ки чизи аз даст медодагӣ надорам.

Дар ҳолатҳои фавқулодда одамоне, ки дар бисоти худ чизи аз даст медодагӣ доранд, метарсанд ба ягон коре даст зананд. Онҳо чӣ гуна бояд тарси худро бартараф намоянд? Бояд ба ҳодисаҳо имкон дода шавад, ки дар навбати худ равон шаванд. Тавре дар зарбулмасали қадимаи чинӣ омадааст: “Ҳамаро тасодуф идора мекунад”. Кӯшиш кунед ба мисли ман аз ӯҳдаи бӯҳронҳо бароед: ҳар чӣ мумкин аст иҷро кунед, боқимондаашро ба қисмат умед бандед. Маҳорати пахш кардани тарси карахткунанда ҳам дар майдони муҳориба ва ҳам дар ҷаҳони тиҷорат ба кор меояд.

Ба ин бовар кардан душвор аст, аммо дар ҳолатҳои фавқулодда ба сарварон осон аст, одамонро бовар кунонанд, ки аз паси онҳо раванд. Бигузор бӯҳронҳо дар симои мо сифатҳои сарвариро ошкор намоянд!

# 5

## МУЗОКИРОТ ВА ДИПЛОМАТИЯ

Аз ҳама қобилиятҳои лашкаркашӣ, ки маро машҳур кардаанд, ман бештар аз маҳорати худ дар идораи корҳои давлатӣ ифтихор мекунам. Ман ҳамеша дипломатияро аз ҷанг афзалтар медонистам. Аксарияти фатҳҳои ман бидуни хунрезӣ ба даст омадаанд, барои ҳамин бисёриҳо маро беҳтарин дипломат дар таърихи Ҷопон мешуморанд. Агар шумо мехоҳед, ки бо душманони худ бидуни буридани сарҳои онҳо созишномаи судманд ба имзо расонед, пайравӣ аз муносибати ман ба нафъи шумо хоҳад буд.

### Барои он ки чизе ба даст орӣ, аввал бояд чизе диҳӣ

Маҳорати истисноии ёфтани дили одамон бароям кумак кард, ки устоди пеш бурдани машварату музокираҳо шавам. Солҳои дар оворагардӣ гузаронидаам, ба ман зинда мондан, умед бастан танҳо ба ақли худ ва роҳ ёфтан ба ҷойи пинҳонии замири инсонро омӯзонданд.

Зиндагӣ маро маҷбур кард, ки як дарси ниҳоят муҳимро азхуд намоям: ҳатто он касе, ки ниҳоят эҳтиёҷ

дорад, вазъияти худро беҳтар мекунад, агар дар навбати аввал дар бораи ниёзҳои одамони дигар фикр кунад.

Ин принсипи фалсафӣ дар назари аввал содда менамояд, вале дар асл чунин нест. Танҳо як қисми ками одамон қодиранд худро ба ҷойи дигар одам тасаввур кунанд ва гирду атрофро бо чашмони вай нигаранд.

Ба ҳар сурат истифодаи ин принсип сарфи меҳнати махсусро талаб намекунад. Танҳо зарур аст, ки мавқеи дурусти ҳаётиро интихоб намоӣ.

Барои мисол, мавқеи ман чунин аст: ҳар дафъа, баъди вохӯрдани иттифоқчии эҳтимолӣ, аз худ мепурсам: "Чӣ кореро ман метавонам анҷом диҳам, то ки ҳузуру ҳаловати ин одам таъмин гардад?" Ва баъд ин корро иҷро мекунам!

Ба ҳама принсипи "ту ба ман, ман ба ту"ошно ҳаст. Агар шумо меҳохед ин формуларо дар ҳақиқат самаровар намоед, ҷойҳои ҷамъшавандаи онро иваз кунед ва диққати асосиро ба он равона созед, ки ба шахси дигар чӣ дода метавонед. Сарвароне, ки умед доранд иттифоқчиёнро ҷалб намоянд, нахуст бояд ба дигарон кумак кунанд, то ки он чӣ мехоҳанд дарёфт намоянд. Вале чӣ гуна метавон фаҳмид, ки ба шахси дигар чӣ зарур аст? Барои ин аз вай пурсидани "Ту чӣ мехоҳӣ" кифоя нест.

Ба шумо усули оддӣ, ки аз ду қадам иборат аст, кумак мекунад. Аввалан, кӯшиш кунед ба вазъи одами дигар ворид шавед ва вазъияти мавҷударо аз нуқтаи назари вай арзёбӣ намоед. Дуюм, ҳамаи он чизеро, ки ӯ мехоҳад нақл кунад, боддиқат гӯш намоед. Ҳамин ду қадамро иҷро намоед, ба шумо маълум мегардад, ки дигарон чӣ мехоҳанд. Ин қобилият аст ва агар онро ба тарзи зарурӣ инкишоф диҳӣ, ҳангоми зарурати сару кор доштан бо иттифоқчиён ё душманон ба миён ояд, ба шумо хизмати хуб хоҳад кард.

Дар вохӯрӣ бо Мототика, сарвари қабилаи Тёсокабэ ман маҳз ҳамин амалро таҷриба кардам.

Мототика, самурае буд, ки дар набардҳо обутоб ёфта, ба туфайли нотарсии истисноӣ тавонист тамоми ҷазираи Сикокуро фатҳ намояд. Барои таҳти як парчам муттаҳид намудани Ҷопон, ба ман лозим буд, ки ин қисмати кишварро тобеъ созам. Чун ҳамеша ман аз усулҳои дипломатӣ оғоз кардам. Ман ба Мототика хабар додам, ки агар ӯ ихтиёрона ба тарафи мо гузарад, метавонад ҳокимиятро дар ин қаламрав, ки бо чунин душворӣ ба даст овардааст, нигоҳ дорад.

Чунин пешниҳод дар таърихи стратегияи ҳарбии Ҷопон амсоли гушношунид буд. Вале, худро дар ҷойи вай тасаввур карда, фаҳмидам, ки аз ҳама бештар дар дунё ӯ мехоҳад соҳибмулки замине бошад, ки барои фатҳи он қувваи ниҳоят зиёд сарф кардааст. Дар баробари ин, кафолати иҷрои ин пешниҳодро барояш манзур намудам ва бо ин кор дафъатан эҳтимолияти то охирин сарбозаш ҷанг кардани Мототикаро кам кардам.

Дар ин ҳолат ҳам, ӯ ҳанӯз ба таслим шудан омода набуд. Баъд аз он, ки ман мукофот пешниҳод кардам, вақти бо шамшер таҳдид намудан фаро расида буд. Бо ин мақсад ба вилояти вай яксаду бист ҳазор аскар фиристодам. Чунин намоиши қувваи мағлубнашаванда барои он рӯи даст гирифта шуда буд, ки беҳуда будани муқобилиятро нишон дода, аз хунрезии бемаънӣ пешгирӣ карда шавад – ва он натиҷа дод.

Мототика муборизаи бемаънӣ ва бе умедворbooth ғалаба ба даст оварданро дарк карда, ба таслимшавии бечуну чаро розӣ шуд, баъд аз ин, ман ба ваъдаи худ вафо кардам ва роҳбари пурраи вилоятро ба ӯ бахшидам.

Муносибати эҳтиромонаи ман қалби ӯро саршор аз сипосгузорӣ намуд ва аз ин баъд вай вассали вафодор гардид. Бо душманони мағлубшуда ва маҳкумшуда ҳамчун бо иттифоқчиён муомила кардан, бароям имкон дод, ки ҳамаи чор ҷазираи асосии Ҷопонро бе хунрезӣ фатҳ намоям. Қобилияти аз нуқтаи назари душман баҳо додани вазъият имкон медод, дарк намоям, ки онҳо чӣ мехостанд ва бо камоли майл ин хоҳишҳояшонро иҷро мекардам. Сарварони хуб "асрори мубодила": *барои он ки чизе ба даст орӣ, аввал бояд чизе диҳиро*, дарк мекунанд.

## Дигаронро бубахшед

Онҳое, ки фикр мекунанд, сарварон доимо душманонро таъқиб намуда, онҳоро бо қувваи афзалиятноки худ несту нобуд месозанд, иштибоҳ мекунанд. Ба ҳеҷ ваҷҳ чунин нест! Онҳо вазъияти мавҷударо аз нигоҳи душман арзёбӣ намуда, ба таври мувофиқ амал менамоянд. Истифода бурдани қувва ва хун рехтан танҳо дар ҳолатҳои ниҳоят вазнин ва набудани дигар чора рӯй овардан мумкин аст.

Дар вақти пешравии артиши мо ба дохили ҷазираи Кюсю, манончуноне амал кардам, ки бо Мототика анҷом дода будам. Дар ин ҳолат ҳам бароям муяссар гардид, князи пуриқтидор Ёсихиса, сардори қабилаи Симадзу ва лашкаркаши барҷастаро маҷбур созам, таслим шавад.

Андаке пеш аз ин, Ёсихиса тавонист бо артиши даҳшатноки худ қариб тамоми ҷазираро ба худ мутеъ созад ва нияти додани онро надошт. Ман якчанд маротиба барояш паём бо талаби таслим шуданро фиристодам, вале онҳоро бе ҷавоб монд. Баъд аз ин ман қарор додам, артишро барои ҳамла кардан ба сарзамини вай омода намоям.

Пеш аз бо зури қувва зада даромадан, ман дар муддати чанд моҳ ба ҷазираи Кюсю ҷосусонро зери либоси

тоҷирон фиристодам. Ҳатто ман онҳоро ба ватани Ёсихиса, ба вилояти Сатсума фиристодам, ки аз он ҷо як қисми ками фиристодаҳои мо зинда бармегаштанд. Ман мехостам, ки ҷосусҳои мо дар бораи қабилаи Симадзу ҳарчӣ бештар маълумот ҷамъ намоянд. Бароям ҳама гуна маълумот шавқовар буд: устувории вазъият дар дохили оила, муносибат дар байни князҳо ва вассалҳо, баҳсҳо дар байни иттифоқчиён ва душманон, ҳамчунин харитаҳои ҷуғрофии ҷазира. Илова бар ин, ҷосусон дар дигар қабилаҳо корҳои иктишофӣ мебурданд, харитаҳои қасрҳои онҳоро тартиб медоданд, теъдоди артиш ва муносибати дуҷонибаи онҳоро бо оилаи Симадзу муайян мекарданд.

Танҳо баъд аз ба даст овардани маълумоти мукаммал, ман корро оғоз кардам. Таърихшиносон ин амалиётро барқвор ном бурданд, вале дар асл бошад, қабл аз он амали кашшофии ҷиддӣ ва ҳаматарафа анҷом дода шуд.

Дар байни генералҳои худ Ёсихиса князи обрӯманд ва шӯҳратпараст Акидзукиро махсус таъриф мекард. Ҷосусони мо хабар доданд, ки ӯ дигар вассалҳоро даъват менамояд, ки то охир мубориза баранд. Барои он ки шахси аз ҳама золим дар урдугоҳи душман аз байн бурда шавад, ман қарор додам, аз вай шурӯъ намоям.

Артиши генерал Акидзукӣ ҷасурона меҷангид, вале наметавонист дар муқобили неруи аз ҷиҳати шумора ниҳоят зиёд истодагарӣ кунад, бинобар ин, мулки вай ба дасти мо гузашт. Баъд аз он ки қувваҳои асоси ман қалъаи оилаи вайро муҳосира карданд, Акидзукӣ барои эълон намудани таслимшавии пурра ва бечуну чаро ба наздам ҳозир шуд.

– Шумо метавонед ҷони маро нигоҳ доред ё фармон диҳед, ки худамро ба ҳалокат расонам, – гуфт ӯ. – Ман ба тамом дар ихтиёри Шумо мебошам.

Овози Акидзукӣ қавӣ буд ва ман медонистам, ки ӯ ба қавлаш вафо мекунад, вале мушоҳида кардам, ки дастонаш каме меларзанд. Ҳатто самурайҳо вақти мурдан саросема намешаванд.

Бо ишораи ҷунбонидани сар нишон додам, ки мақсадашро фаҳмидам ва баъд бо эҳтиром аз ӯ пурсидам, оё ба ман мумкин аст, бастаи асбоби чойнӯшӣ, ки дар оилаи вай аз насл ба насл мегузарад, бубинам. Ӯ, ки шавқу завқи маро ба маросимҳои анъанавии чойнӯшиҳои ҷопонӣ медонист, ин бастаи асбоби чойнӯшро бо худ оварда буд, ҳамон лаҳза ҳамчун туҳфа ба ман тақдим кард.

– Шумо ниҳоят меҳрубон ҳастед, – гуфтам ба ӯ.

– Майли муқовимат кардан бо ман, барои чунин самурайи асил чун шумо, ин амали табиист. Акнун баъди таслимшавии Шумо, ман мехоҳам, ки дар байни мо ягон хусумат боқӣ намонад. Заминҳои Шумо таҳти ҳукмронии худатон боқӣ мемонанд ва чун ҳарвақта метавонед минбаъд онҳоро идора намоед.

Баъди шунидани ин суханҳо Акидзукӣ, ки интизори фармони иҷро кардани оини худкушӣ буд, забонаш аз сухан гуфтан монд. Аксуламали сарварони артиши ман, ки хунхории онҳо аксар вақт бар қобилияти хоксоронаи давлатӣ бартарӣ доштанд, айнан чунин буд. Вале ман кайҳо азхуд карда будам, ки дипломатияро бояд на танҳо пеш аз ғалаба, балки баъди он ҳам истифода бурд. На ҳар кас қодир аст, дар худ хоҳиши шикастани гардани душмани сарнагунгаштаро фурӯ нишонад ё артиши аз пирӯзӣ мастгаштаро аз таъқиби рақибон нигоҳ дорад. Сарварони аслиро бо ин сифату хислатҳо мешиносанд.

Хабар дар бораи он ки Акидзукии мағлубшуда идораи мулки худро идома медиҳад, дар байни князҳои ҷазираи Кюсю бо суръати фавқулодда паҳн шуд. Баъди ин, хабарҳо

оид ба таслимшавӣ аз ҷониби дигар генералҳо пайдо шуданд. Онҳо низ ба мисли Акидзукӣ ба ман бастаи асбоби чойнӯшӣ ва арзишҳои оилавиро тақдим намуданд. Ҳамагӣ дар муддати як ҳафта баъди ҳамлаи мо ба Кюсю тактикаи ғайриоддии ман ба он оварда расонид, ки қисмати зиёди фармондеҳони Симадза аслиҳаро ба замин гузоштанд. Аммо моро зарур буд, ки бо душмани аз ҳама даҳшатнок – бо худи Ёсихиса биҷангем.

Ман ба ин вохӯрӣ омодагии ҳамаҷониба дидам ва зери байрақи худ чоряк миллион аскарро ҷалб намудам. Дар муқоиса бо артиши ман қувваҳои вай ниҳоят ночиз менамуданд.

Ёсихиса бо маҳорати фавқулодда ҷанг мекард, вале дар ҳар сурат ман ғалабаи қатъӣ ба даст овардам. Ӯ байрақи таслимшавиро баланд намуда, ба қароргоҳи мо бо сари тарошида ва либоси сафеди роҳиб ҳозир шуд ва бо ин нишон дод, ки Роҳи Ҷанговарро тарк мекунад.

Собиқ ҳукумрони тамоми ҷазираи Кюсю омода буд сари сарбаланди худро дар назди ман хам кунад. Вассалҳои ман муҳофизони ӯро ба хаймаи ман роҳ надоданд, бинобар ин, танҳо ва бе шамшер ворид шуд.

– Ёсихиса, дар паҳлӯи ман бишинед, – ба курсии паҳлӯи худ нишон дода, гуфтам ман. Ман шамшерро аз камари худ гирифта, онро дар масофаи дасти дарозкардашуда аз самураи тавоно, ки ҳамагӣ чанд соат пеш душмани марговари ман буд ва санъати усулҳои ҷанги даст ба гиребони ӯ аз ман бартарии зиёд дошт.

– Барои он ки муҳофизони ман яроки шуморо мусодира карданд, узр мехоҳам, – узр хостам. – Баъзан онҳо ӯҳдадориҳои худро бо ҷидду ҷаҳди зиёд иҷро мекунанд. Илоҷи дигар нест. Кӯшиш мекунам, сарзаниш кардани онҳоро фаромӯш накунам. Ҳозир бошад, – илова намудам

ман ва ба шамшер ишора карда – агар хоҳед метавонед яроқи маро гиред.

Ёсихиса ҳатто аз ҷояш наҷунбид.

– Мо ҳарду медонем, ки тибқи талаботи кодекси самурай шумо бояд муред, – гуфтам ман. – Вале замона дигар мешавад. Ва чун ман бояд Ҷопонро ба фарорасии Соли нав омода созам, кумаки Шумо зарур аст. Хаёлҳои хомро аз саратон дур кунед, Ёсихиса, – ба пеш хам шуда, ба ӯ чашм духтам. Ин рӯз аллакай наздик аст. Хуб нахоҳад шуд, агар шумо дар байни онҳое, ки ин рӯзро мебинанд, набошед. Ба ғайр аз ин, – ба қафо такя карда, идома додам ман, – агар ба сарам чунин андеша ояд, ки танҳо дар асоси як комёбии дар майдони муҳориба бадастоварда сарвари қабилаи бузурги Симадзуро аз байн барам, номи худро ба шармандагии покнашаванда ғарқ хоҳам кард. Ман барои нобуд кардан ҷанг намекунам; мақсади ман – ба ошубгарон додани имконияти ба тақдир тан додан аст.

– Генерал Ёсихиса, таслимшавӣ ва пушаймоние, ки нишон додед, ба назар гирифта, қарор додам, ҳаёти Шуморо нигоҳ дорам ва бароятон ҳуқуқ диҳам, ки дар оянда вилоятҳои асосии ҷазираро идора намоед.

Ёсихиса, ки аз тааҷҷуби зиёд аз сухан гуфтан монда буд, якчанд дақиқа хомӯш нишаста монд. Ва ниҳоят, вақте ки барояш муяссар гардид, худро ба даст гирад, ӯ танҳо чунин гуфт:

– Лутфан эҳтиромоти беандозаи маро қабул фармоед.

Аз ҳамон рӯз сар карда, вай эътимодтарин иттифоқчии ман гардид.

Муаррихон раҳмдилии ҳайратангезонаи маро нисбат ба собиқ душманонам қайд кардаанд. Аммо, бояд қайд намоям, ки иқдомҳои маро манфиатҳои амалӣ идора мекарданд. Дар акси ҳол тартиботро дар вилоятҳои дурдаст

чӣ гуна метавон таъмин кард? Ман метавонистам тамоми намояндагони қабилаи Симадзаро нобуд созам, вале идораи ин ҳама молу мулкро ба кӣ бовар мекардам? Иваз кардани онҳо бо одамони чунин қавми арзанда ва мӯътабар ғайри имкон аст, кӯшиши таъмин намудани тартибот бо воситаи ҷойгир намудани кувваҳои низомии худӣ дар ҳар як вилоятҳои ишғолкарда, ниҳоят гарон хоҳад буд.

Нисбати худ сахтгир бошед, вале нисбати дигарон нармдилу меҳрубон. Раҳмдилӣ вафодориро ба вуҷуд меорад. Бо истифода аз "асрори олиҳимматӣ": *дигаронро бубахшед ва маҳорати сарвариро* инкишоф диҳед.

## Барои он ки бовариро ба даст оваред, ба дигарон бовар кунед

Баъд аз он дарк кардам, ки ба дигарон бовар карда, чӣ гуна қувваро метавон ба даст овард, бе муҳофиз ба назди душманони эҳтимолӣ рафтан ба ман маъқул шуд. Маҳз ин муносибатро ман ҳангоми вохӯрӣ бо Кагэкатсу, сардари қабилаи Уэсугӣ, ки соҳиби вилояти Этиго дар шимолу шарқи Киото ба шумор мерафт, истифода бурдам.

Дар тамоми Ҷопон ба мисли Кагэкатсу дигар ҷанговари ниҳоят некахлоқ набуд. Олиҳимматӣ ба мисли арзишҳои оилавӣ аз ҷониби сарварони оилаи Уэсугӣ аз насл ба насл дода мешуданд.

Мо бо Кагэкатсу ба воситаи қосид паёмҳои дӯстонаро мубодила мекардем, вале ҳеҷ гоҳ шахсан вонахӯрда будем. Акнун маро зарур буд аниқ намоям, ки вай иттифоқчии ман хоҳад буд ё душмани ман, ки маҷбур мешавам ӯро мағлуб намоям. Муқовимати низомӣ бо ин стратеги барҷаста метавонист солҳо идома ёбад ва ҷони одамони зиёдро аз байн барад. Ба ҷойи ин, умед доштам, ки ин

корро дар муддати якчанд рӯз ҳал намоям. Барои он ки Кагэкатсуро бовар ҳосил кунонам, ки ба ман бовар кардан мумкин аст, ман бояд исбот кунам, ки ба вай боварӣ дорам. Баъзан сарваронро зарур аст бо хавфи аз даст додани ҳаёт сулҳро ҷустуҷӯ намоянд. Бо нигоҳ доштани махфият, ман бо ҳамроҳии даҳҳо нафар ҳамсафарон ба ҷониби шимол ба сарҳади кӯҳии вилоятҳои Эттю ва Этиго равон гаштем. Аз он ҷо бо ягона роҳи дастраси байни вилоятҳо роҳ пеш гирифтем: бо харсангҳои лӯнда пӯшонида шуда, аксаран роҳи душворгузари соҳил, ки тӯфони шадиди зимистон бо қувваи аз ҳад зиёд мавҷҳои баҳри Ҷопонро ба харсангҳои нишеби замини назди соҳил оварда мезад. Бешубҳа ва беҳӯда нест, ки ин роҳ номи "Ҳар кас масъули худаш ҳаст"-ро нагирифтааст.

Дар охири гузаргоҳ қалъаи соҳилӣ истода буд, ки комменданти он Суга, яке аз капитанҳои бовариноки Кагэкатсу буд. Номи худро ифшо накарда, қосиди хешро бо хоҳиши додани иҷозат барои ворид шудани сафири Хидэёсӣ ба қалъа фиристодам. Суга ба хоҳиши мо ҷавоби рад дод, баъд аз ин, қосиди ман ӯро розӣ кунонид, ки аз қароргоҳи мо дидан намояд.

Акнун тааҷҷуби вайро тасаввур намоед, вақте дар қароргоҳ худи Маймунро дарёфт!

– Ман худи Хидэёсӣ мебошам, – хабар додам ба ӯ.

– Ман ба князь Кагэкатсу кори муҳим дорам, бинобар ин, аз шумо хоҳиш мекунам, маро ба қароргоҳи вай роҳнамоӣ намоед.

– Шӯҳрати Шумо пешопеши худатон меояд ва хушнуд аз онем, ки шумо бо ташрифи худ моро сарфароз гардонидед, – ҷавоб дод Суга. Вале ман ваколати қонеъ гардонидани хоҳиши Шуморо надорам. Ин масъаларо танҳо худи князь Кагэкатсу ҳал карда метавонад. Ман наметавонам

ба Шумо имкон диҳам, ки роҳи худро идома диҳед. Агар Шумо кӯшиши бо воситаи кувва зада даромаданро кунед, ман маҷбур мешавам, ҳатто бар ивази ҷони худам пеши роҳи қувваҳоятонро бигирам.

– Хеле хуб гуфтед, – ҷавоб додам ман. – Тавре мебинам, рӯҳияи Кагэкатсу ба вассалҳои он гузаштааст. Ман аз садоқати Шумо ба княз ба ваҷд омадам. Хоҳишмандам он чуноне кунед, вазифаатон аз Шумо талаб мекунад; қосидро ба назди ҷанобатон равон намоед, ман бошам, интизори ҷавоби вай мешавам.

Баъди гирифтани хабар дар бораи таҳти ҳимояи чанд нафар ногаҳон пайдо шудани ман, Кагэкатсу фавран ҷаласаи сарвассалҳои худро даъват кард, то ки нақшаи амалро баррасӣ намояд. Аксарияти мушовирон бо исрор куштани маро талаб карданд ва ин амалро ягона роҳи осони халос шудан аз душмани эҳтимолӣ ҳисобиданд, ки қисмат аз ақл маҳрум намуда, барои ба дасти мо афтидан, равона кардааст. Аммо як самурайи ҷавон бо номи Наоэ сифатҳои барҷастаи сарварӣ нишон дода, далелу бурҳонҳои хешро ба муқобили ақидаҳои сарвассалҳо баён кард.

– Он чӣ ки Хидэёсӣ ба назди мо бе муҳофизон омадааст, – гуфт ӯ, – ин нишонаи беақлӣ нест, балки шаҳодати эҳтироми амиқе аст, ки вай нисбати княз Кагэкатсу дорад, мебошад. Агар вай бо одами ғайри ҷавонмард сару кор медошт, ҳеҷ гоҳ ба чунин хавф ба ҷонаш роҳ намедод. Танҳо обрӯю эътибори баланди ҷаноби мо сабабгори ба чунин қарор омадани вай мебошад. Агар мо аз боварии Хидэёсӣ суистифода карда, ӯро ба қатл расонем, он гоҳ хиёнати мо ҳамчун доғи ношустанӣ дар аъмоли наслҳои ояндаи мо навишта хоҳад шуд.

Онҳое, ки пештар аҳли ҷаласаро ба куштани княз Хидэёсӣ даъват карда буданд, чашмонашонро поин намуданд, Наоэ суханашро идома дод:

– Бигузор ҷаноби мо ба олиҳимматӣ ҷавоби олиҳимматона диҳад. Бигузор бо Хидэёсӣ мулоқот намояд ва хоҳем дид, ки то куҷо онҳо ба ҳамдигарфаҳмӣ мерасанд. Агар бо кумаки сухан ҳамдигарфаҳмӣ ба даст оварда натавонем, мо вақти зиёде дар ихтиёр хоҳем дошт, то ки шамшеру найзаро ба кор барем, вале он ҳам танҳо баъди зиндаю саломат ба назди қабилааш баргаштани Хидэёсӣ.

Княз Кагэкатсу бо пешниҳоди Наоэ розӣ шуд ва бо ҳамроҳии ҳамагӣ понздаҳ ҷанговар ба вохӯрӣ ҳозир шуд. Мо дар вақти кӯтоҳ ба ҳусни тафоҳум расидем ва Кагэкатсу аз натиҷаи музокирот ончунон қонеъ гашт, ки худаш дар роҳи бозгашт моро аз тариқи гузаргоҳи “Ҳар кас масъули худаш ҳаст”, гусел намуд.

Яке аз таърихнависон баъд аз ин навишта буд: “Хидэёсӣ хайрандешии худро, ки дар он ҳатто ишорае ба ғайритабиии будани он дида намешуд, нишон дод. Ҳеҷ кас фикр карда наметавонист, ки вай бе муҳофизон ба мулки душмани эҳтимолӣ ҳозир мешавад. Ин рафтори ӯ ба Кагэкатсу таассуроти ниҳоят бузург ба вуҷуд овард. Кагэкатсу қарор дод, ки бо шахсе сару кор дорад, ки назар ба вай бузургтар аст ва ба хулосае омад, ки ҷанг кардан бо Хидэёсӣ камоли беақлӣ хоҳад буд”[1].

Бечуну чаро ба дақиқияти таърихнавис бовар кардан зарур нест. Вале дар ин маврид муаррих сад дар сад ҳақ ба ҷониб аст!

Таҷрибаи ман нишон медиҳад, ки боварӣ кӯшиши аз ҷониби ҳама анҷом додани амалҳои бешарафона, ба ҷуз

1. Уолтер Денинг – таърихшинос, муаллифи китоби “Ҳаёти Тоётоми Хидэёсӣ”.

одамони ниҳоят бадахлоқро пахш мекунад. Маҳз дар ҳамин маънии принсипи ба ҳама маълуми “Некӣ бар бадӣ ғолиб меояд” ифода меёбад.

Мехоҳед душманони эҳтимолиро ба иттифоқчиён табдил диҳед? Дар ин сурат, бикӯшед ҳарчӣ бештар “асрори эътимод”-ро истифода баред: *барои он ки бовариро ба даст овареd, ба дигарон бовар кунед.*

## Афкори ҷамъиятиро ташаккул диҳед

Барои он ки дар шоҳроҳи сарварӣ ба комёбӣ ноил шавам, аз бисёр ҷиҳат бароям мутахассисони иттилоотиям мусоидат карданд. Ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ зимни омодагӣ ба муҳориба дар назди Ямадзака нақши ҳалкунанда бозид. Дар ин ҷо мо Митсухидэи хоинро, ки риштаи умри княз Нобунагаро разилона канда буд, баъди таъқибу дастгир кардан, несту нобуд кардем.

Дар ҷараёни омодагӣ ба муҳориба, тамоми қувваро ба он равона кардам, ки иттиҳоди мо мустаҳкам гардад. Ба ин хотир, ба ҳама дӯстон ва душманон паём фиристодам. Ба онҳо чунин навиштам:

– Ба ҳеҷ ваҷҳ хавотир нашавед: княз Нобунага ва фарзандони вай дар ибодатхонаи Хоннодзӣ аз марг наҷот ёфтанд ва дар айни замон ба онҳо ягон хатар таҳдид намекунад.

Бешубҳа, ахбор дурӯғ буд ва ин дурӯғ ногузир бояд фош гардад. Вале барои як муддати вақт он хоҳиши иттифоқчиёни эҳтимолиро, ки мехостанд ба артиши Матсухидэ ҳамроҳ шаванд, аз байн бурд. Баъзе аз онҳо баъдтар ба мо ҳамроҳ шуданд ва ман онҳоро бо мукофоту инъомҳо сарфароз гардонидам. Сарварон бояд натанҳо бо кумаки пӯлод, балки бо тилло ҳам ғалаба ба даст оваранд!

Баъди комёбии мо дар муҳорибаи назди Сидзугатакэ ба ҳамаи генералҳои кишвар, оид ба ғалаба паём фиристодам. Ҳар як феодали низомӣ, сарфи назар аз унвон ва ҳатто онҳое, ки дар вилоятҳои дурдаст монда буданд ва анҷоми муҳориба ба онҳо таъсир нарасонида буд, ин санадро гирифт, ки дар он чунин омада буд: "Ҳокимони тамоми вилоятҳои шимолӣ, аз ҷумла, Этиго ва ҳамаи вилоятҳои шарқӣ, минҷумла Мусасӣ ба Хидэёсӣ ҳамроҳ шуданд".

Ин нома ҳам аз ахбори дурӯғ иборат буд. Вилоятҳои Этиго ва Мусасӣ ҳанӯз ҳам таҳти назорати шуришгарон қарор дошт. Вале ҳокимони вилоятҳои дурдаст, ки оид ба вазъият дар заминҳои гӯшаю канори кишвар чизе намедонистанд, моил буданд ба чунин маълумотҳо бовар кунанд. Мақсади мо осон буд: бовар кунонидани ҳарифон ба муқовимати бефоида.

Сарвар вазифадор аст, изҳороти ошкоро, баланду овозадор намояд ва бо худнамоишдиҳӣ машғул шавад. Феодалҳои низомии Ҷопон аз рӯйи анъана бо фиристодани телеграмма ба иттифоқчиён ва аъзои оила иктифо мекарданд, вале ман аввалин шуда, ба ҳар сӯ равон кардани паёмро оғоз кардам.

"Асрори афкори ҷамъиятӣ" имрӯз ба мисли чандин асри пеш ҳамоно бебаҳо боқӣ мемонад. Агар Шумо мехоҳед аз низоъу ихтилофи наздикомада ё ҳаёҳуи тиҷоратӣ суд бардоред: афкори ҷамъиятиро бо кумаки иттилоот ташаккул диҳед.

## Ваъдаҳои худро иҷро намоед

Обрӯю эътибори одаме, ки дар ҷараёни музокирот ҳамеша худро самимӣ нишон медиҳад, ба ман кумаки бебаҳо расонидааст. Сарварон вазифадоранд бовиҷдонии

худро намоиш диҳанд ва ваъдаҳои додаи худро ба ҳар қимате, ки бошад, иҷро намоянд.

Дар асри ҷангҳо бисёр генералҳо ҳамчун шайтони маккору ширинзабон ном бароварда буданд. Бар хилофи онҳо, ман ҳамеша кӯшиш мекардам ба ваъдаҳои худ вафо намоям, ҳатто агар барои ин кор зарурияти ба хатар рӯ ба рӯ шудан ҳам ба миён ояд. Ҳанӯз вақте дар хизмати Нобунага қарор доштам, ҳаёт бароям як дарси ниҳоят муҳиму оқилона дод. Ин ҳодиса вақте ба амал омад, ки ман аввалин бор мехостам қобилияти дипломатии худро нишон диҳам: феодалҳои низомии қабилаи Сайто, ҳокимони вилояти Биттюро бовар мекунонидам, ки ба иттифоқи қабилаи Ода дохил шаванд.

Арки қабилаи Сайто, истеҳкоми кӯҳии қалъаи Инабаяма фатҳнопазир ҳисобида мешуд. Вале дар оғози соли 1564 ҷосусон ба мо хабар оварданд, ки дар дохили қабила барои ба даст овардани ҳокимият муборизаи шадид авҷ гирифта истодааст. Андешаи он ки мунокишаҳои дохилӣ барои ҳамла кардан шароити хуб фароҳам меорандро ба назар гирифта, Нобунага ба ман фармон дод, ки аз байни соҳибони дигар қалъаҳо дар ин вилоят иттифоқчиёнро, ки барои ҳуҷум намудан ба Инабаяма ба мо ҳамчун пойгоҳи қулай хизмат намоянд, пайдо кунам.

Ҳамчун тоҷири оворагард тағйири либос намудам, зеро ин нақшро ман ба осонӣ ва хеле олӣ иҷро карда метавонистам, тамоми заминҳои вилояти Биттюро саросар тай намуда, пинҳонӣ бо ҳар як феодал вохӯрӣ анҷом додам. Ин музокироти пинҳонӣ, ки дар фазои шиддатноки дасисаҳои дохилиқабилавӣ баргузор мегардид, фавқулодда хатарнок буданд: танҳо як иштибоҳи кучак ба марги ман оварда мерасонид. Аммо вақте ман тавонистам якчанд генерали

Сайтоторо бовар кунонам, ки ба тарафи мо гузаранд, хавф садҳо баробар талофӣ карда шуд.

Аз ҳама бештар бароям зарур омад, ки кӯшишу маҳорати худро барои ба ҷониби Ода моил кунонидани Дзиродзэмон, сармуҳофизи қалъаи Унума равона созам. Ман тавонистам ба қалъаи Унума ворид шавам ва бо додани пора дили одами заруриро ёфта, барои мулоқот бо Дзиродзэмон иҷозат гирифтам. Вале ӯ, қабл аз он ки ман пешниҳоди худро барояш то охир баён намоям, фармон дод, ки маро ба зиндон партоянд! Ягона тасаллои дилам метавонист он бошад, ки ман дар он ҷо танҳо набудам. Дар паси милт-милт кардани машъал дидам, ки дар дохили хонаи маҳбусӣ ман танҳо нестам, одамеро дидам, ки занҷирбанд буд ва бештар ба устухонбанди одам монандӣ дошт. Қабурғаҳояш аз паси либосҳои пора-порашудааш намоён буданд, ришаш бошад қариб ба фарш мерасид. Агар ӯ барои ба ман нигоҳ кардан сарашрро намебардошт, фикр мекардам, ки вай аллакай мурда аст.

– Шумо чанд вақт боз дар ин ҷо ҳастед? – пурсидам ман. Вай оҳи чуқур кашида, чашмонашро нимпӯш намуд ва дар бораи саволи ман андеша кард.

– Оҳ, – баъди як дақиқаи андеша кардан, вай оҳ кашид, – Се сол шуд.

– Посбон! – парида ба пой хеста дод гуфтам ва дари ҳабсхонаро задан гирифтам. – Эй, посбон, ман бояд ба шумо як чизи ниҳоят муҳимро гӯям!

Ба туфайли он ки дар сухан гуфтан усто будам, тавонистам посбонони зиндонро бовар кунонам, ки дар ин ҷо хатогии нобахшидание рух додааст. Ба ман супориш дода шудааст, ки хабари таъҷилиро ба Дзиродзэмон расонам ва ӯ баъди хондани он нисбати ҳамаи гунаҳгороне, ки садди роҳи сари вақт расидани ин паём шудаанд, ба хашм

омада, ҷазо муқаррар мекунад, ҳатто агар дар ин кор бо баъзе нофаҳмиҳо худаш ҳам гунаҳгор бошад.

– Шумо ку намехоҳед дар ин зиндон ҷойи маро гиред? – пурсидам аз посбонон, вақте онҳо нобоварона ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Дар ин сурат, тез давида рафта ба Дзиродзэмон бигӯед, ки ман мехоҳам бо ӯ мулоқот кунам!

Хушбахтона, мулоқоти дуюми ман бо сарвари Сайто назар ба сӯҳбати якум хуб гузашт. Мулоқоти мо то гирифтани овозҳоямон идома ёфт, вале ба ҳар ҳол, ман тавонистам ӯро бовар кунонам, ки бо шарти ба ӯ додани ҳуқуқи идора кардани сарзамин ва молу мулкаш барои садоқат ба қабилаи Ода қасам ёд намояд.

Мо, ҳамроҳ ба қалъаи Киёсу баргаштем ва ман умедвор будам бубинам, ки чӣ гуна князь Нобунага бо хушҳолӣ вассали навро қабул менамояд. Ба ҷойи ин, ӯ бо қарори худ маро моту мабҳут кард ва таассуроти маро дар бораи адолату инсоф тамоман тағйир дод.

Князь Нобунага Дзиродзэмонро бо сардӣ қабул намуда, бо ишора фаҳмонд, ки монеи рафтани вай намешавад ва маро ба утоқи ҳамсоя даъват кард.

– Дзиродзэмон ҷанговари ботаҷриба аст, номи вай ба ҳама маълум мебошад, – гуфт князь Нобунага. – Оё ба вай бовар кардан мумкин аст? Агар ӯ одами ҷасур мебуд, дар назди мо сар хам намекард. Агар вай тарсончак бошад, дар ин сурат аз вай фоида нест. Кӣ медонад, ки кай дар вай хоҳиши ба дигар тараф гузаштан пайдо мешавад? Бикуш ӯро!

Сарфи назар аз он ки ман ба худсарӣ ва тағйирёбии кайфияти князь Нобунага одат карда будам, ин фармони вай маро ҳайрон кард.

Чӣ гуна ман метавонам одамеро ба қатл расонам, ки бо чунин мушкилӣ моилаш кунонидам,ки барои садоқат

ба Шумо қасам ёд кунад ва бо ихтиёри худ маро то қалъаатон, ҷаноби олӣ ҳамроҳӣ намояд? – эътироз кардам. – Агар мо Дзиродзэмонро ба қатл расонем, худро ҳатто аз умедвории бовар кунонидани дигар князҳои Сайто барои ҳамроҳ шудан бо мо, маҳрум мекунем. Муносибат бо иттифоқчиёни эҳтимолӣ барои ҳамеша вайрон хоҳад шуд. Ҳар яки он ба ҷойи ҳамроҳ шудан ба ҳокимияти мо, то қатраи охирин мубориза бурданро афзалтар хоҳад донист!

Вале далелҳои пешовардаи ман ба вай таъсир накарданд.

– Имрӯз ман майли гӯш кардани маслиҳатҳои туро надорам, Маймун. Дзиродзэмонро ба қатл расон!

Фармоише, ки дафъаи дуюм дода мешавад, ниҳоӣ мебошад ва кӯшиши идома додани муҳокимаи фармони князи Нобунага комилан метавонад ба саразтанзании дукарата анҷом ёбад. Дар давоми солҳои хизмат ба княз борҳо ба якравии вай бовар ҳосил кардаам ва ҳанӯз ба ман муяссар нашудааст, ки муқобили талаби ҷанобам амал намоям. Мавқеи ман дар зинаи мансабҳои қабила ҳанӯз ҳам баланд набуд, бо вуҷуди он ки княз Нобунага аксар вақт ба маслиҳатҳои ман гӯш дода, онҳоро ба инобат мегирифт, ман то ҳол мақоми шахси бовариноки асосии ӯро нагирифта будам. Ва инак, дар ин лаҳза ман ба масъалаи душвор рӯ ба рӯ шуда будам: ба ваъдаи худ вафо накунам ва ба қатли шахси бегуноҳ роҳ диҳам ё ба сарвари худ саркашӣ намояму сари худро зери зарба гузорам. Ақли ман дар байни ин ду намуди номақбул овораю саргардон мегашт ва сахт кӯшиш мекардам, то ки роҳи холосиро ёбам.

Дар нимашаб ба утоқи барои меҳмонон, ки дар он Дзиродзэмон хоб буд, пинҳонӣ ворид шудам.

– Ман ваъда дода будам, ки агар Шумо ба тарафи мо гузаред, ягон тори мӯйятон аз саратон кам намешавад,

– бо овози паст гуфтам. – Аммо бо сабабҳои номаълум княз Нобунага фармони ба қатл расонидани шуморо дод. Ман наметавонам ба фармони ҷанобам итоат накунам ва ҳамзамон наметавонам қасами ба Шумо додаамро вайрон кунам. Барои ман танҳо як роҳи халосӣ мондааст: ба ҷойи ҳаёти шумо, ҷони худро нисор кунам. Маро ба ҳалокат расонед ва княз гумон хоҳад кард, ки дар ҷараёни иҷрои фармони вай кушта шудам. Дар ин сурат шумо метавонед ба озодӣ бароед ва ман ба ваъдаи додаам вафо мекунам.

Дзиродзэмон воқеан ҳам аз суханҳои гуфтаи ман моту мабҳут шуда буд ва пеш аз он ки чизе бигӯяд, чанд сония хомӯш монд.

– Пешниҳоди иваз кардани ҷони Шумо ба ҷойи ҳаёти ман ба дараҷаи олӣ поквиҷдон буданатонро исбот менамояд. Вале ман наметавонам он кореро, ки аз ман хоҳиш карда истодаед, анҷом диҳам. Агар ман чунин як самурайи ҷавонмарду боҳиммат чун шуморо ба қатл расонам, номи худро бо бадномию шармандагӣ олуда хоҳам кард. Ҳеҷ чиз, ҳатто марг наметавонад маро маҷбур кунад, ки ба ин амали ноҷавонмардона даст занам.

– Дар ин сурат, фавран ин ҷойро тарк кунед! – гуфтам ман. – Як қисмати роҳро ман бо Шумо тай хоҳам кард, барои он ки дар сурати зарурӣ тавонед маро ҳамчун шахси гаравгон истифода баред.

Оҳиста ва бесадо шамшерҳои худро ба рӯйи фарш гузошта, ҳамроҳ бо Дзиродзэмон аз қалъаи Киёсу берун шудем ва ӯро ба ҷойи бехатар бурда расонидам.

Баъд аз он ки дар фирор карданаш ман ба ӯ кумак кардам, бовар доштам, ки тамоми қаҳру ғазаби княз Нобунага ба сари ман хоҳад рехт ва ӯ бароям фармон медиҳад, ки сеппукуро анҷом диҳам, яъне ба сифати муҷозоти анъанавӣ барои рафтору кирдори бахшиданашаванда, худам

шикамамро бо шамшер пора кунам. Сипас, самурайи дигар сарамро аз танам ҷудо мекунад[1].

Вале аз рӯйи андешаи солим, ман қарор додам, ки аз он ки маро ба қатл хоҳанд расонид, фоидае ба даст намеояд. Маймуни сар аз тан ҷудокардашуда наметавонад на ба княз Нобунага фоида оварад ва на ба он коре, ки мо ҳарду қасам ёд кардем барои он хизмат кунем. Ва бинобар ин, барои он ки дар назди княз Нобунага худро сафед кунам, як таърихи душворфаҳму мушкилро дар бораи он ки чӣ гуна ба Дзиродзэмон муяссар гардид, фирор намояд, иншо кардам.

Воқеаҳои минбаъда нишон доданд, ки ин дурӯғ ба ман кумаки бебаҳо расонид. Овоза дар бораи он ки вассали княз Нобунага барои ба ваъдаи худ вафо кардан, ҳаёти худро зери хатар гузошт, бо суръати баланд дар тамоми гирду атроф паҳн шуд ва ин ба баланд шудани боварии оилаи асилзодаҳо нисбати ман мусоидат намуд. Ҳатто якчанд самурайи шуҷоъ хоҳиш баён карданд, ки вассали ман шаванд!

Баъд аз ин ҳодиса кӯшишҳои ман дар ҷодаи ҷалби иттифоқчиён рӯз то рӯз бо комёбӣ анҷом меёфтанд ва дере нагузашта, чор қалъаи калидӣ дар вилояти Биттю ба ҷониби Ода пайвастанд. Сарварони ҳақиқӣ дарк мекунанд, ки омили муайянкунандаи рафтору кирдори онҳо бовиҷдонӣ бояд бошад. Агар мехоҳед иттифоқчиёнро ҷалб кунед, "асрори бовиҷдонӣ" – *ваъдаҳои худро иҷро намоедро*, истифода баред.

1. Берун аз қаламрави Ҷопон маросими сеппуку бештар бо номи харакири машҳур аст. Ҳарду калима бо иероглифҳои якхелаи кандзӣ ифода меёбанд (иероглифҳои чинӣ, ки дар хати ҷопонӣ истифода мешаванд).

## Интиҳои асри ҷангҳо

Князь Нобунага сарвари обрӯманд ва устоди барҷаста буд. Вале ба ӯ ҳисси одоби муомила ва ҳикмати давлатдорӣ намерасид; вай заминҳоро бо қувваю зурӣ забт ва одамонро бо кумаки тарсу ҳарос идора мекард.

Се сол баъд аз ба ҳалокат расидани князь Нобунага ман тавонистам аз нисф зиёди мулкҳои аз ҳама сераҳолӣ ва бойи Ҷопонро таҳти назорат бигирам, аз он ҷумла зиёда аз шаст ҳазор километри квадрати сарзаминро, ки дар он князь Нобунага ҳеҷ гоҳ ягон зарра таъсир надошт. Ин амал метавонад ҳамчун беҳтарин далели услуби бартарии сарварӣ, ки на дар заминаи таҳдид ва кувва, балки дар асоси музокирот ва дипломатия ба даст омадааст, хизмат намояд.

Асри ҷангҳо анҷом ёфт. Асоси низоми нав дипломатия хоҳад буд, на қувваи дағал. Дар оянда сарварони бузург дар бахши тиҷорат, фаъолияти сиёсӣ, ҳатто дар ҷабҳаи низомӣ – шахсони ҳарбӣ нахоҳанд шуд. Онҳо сиёсатмадор хоҳанд буд.

# 6

# ОДАМОНРО ЧӢ ГУНА МЕТАВОН ЗАВҚМАНД КАРД

Вазифаи завқманд кардани пайравон аз ҷониби сарвар бояд ҳамарӯза, дар ҳама давраи таърихӣ ҳал гардад. Он чизе, ки сарвар метавонад анҷом диҳад, аз ҳама муҳимаш кумак кардан ба дигарон дар дастрас кардани он чизе, ки ман онро одати ғалаба кардан меномам. Ин маънии онро дорад, ки ба одамон кумак расонида шавад, то ки онҳо маззаи комёбиро ҳис кунанд, бигузор ҳатто як ҳиссаи ночизи онро. Вақте одамон дар ягон кори хурд ба комёбӣ ноил мегарданд, ин боварии онҳоро ба он мустаҳкам мекунад, ки дар оянда аз ӯҳдаи вазифаҳои душвортар баромада метавонанд. Тухмиҳои дастовардҳои хоксорона нешҳои ғалабаҳои бузург ба бор меоранд: дар ташкилоте, ки кормандони боғайрат ва дилпур зиёданд, дар майдони муҳориба ё дар муборизаи рақобатӣ барои ба даст овардани ғалаба имконияти бештар доранд. Бо мурури замон ман ба самурайҳои ҷавон омӯзонидани панҷ принсипҳои муҳими сарвариро, ки ба ман дар вақташ устодони хирадмандам дар азхуд кардани онҳо кумак карда буданд, шурӯъ кардам.

## Ҷангро танҳо ҳамон вақт оғоз намоед, ки барои ғалаба дар он шароит муҳайё шуда бошад

Ҳамаи сарварони Ҷопони феодалӣ тарзу усулҳои пешбурдани ҷанги лашкаркаши афсонавии Чин Сун–тсзиро омӯхтаанд. Ӯ ҳамеша мегуфт, ки ба муҳориба танҳо ҳамон вақт ворид шудан мумкин аст, ки тамоми шароитҳо барои ба даст овардани ғалаба омода шуда бошанд. Аз нигоҳи аввал ин қоида аён аст, вале иҷро кардани он на ҳамеша осон мебошад. Дар асри ҷангҳо танҳо ба каме аз князҳо муяссар гардидааст, ки насиҳатҳои Сун–тсзиро дар амал татбиқ намоянд. Аммо ман тавонистам онро дар ҷараёни омодагӣ ба муҳориба дар назди Сидзугатакэ дар ҳаёт татбиқ созам.

Баъди қатли князь Нобунага намояндагони муътабари қабила дар ҷаласи шӯро ҷамъ омаданд, ки вориси ӯро интихоб намоянд. Ман номзадии набераи князь Нобунага, ба ҳайси вориси ягона, хунӣ ва қонунӣ Самбосаро пешниҳод кардам. Шӯро ҳуқуқҳои ӯро эътироф кард, вале баъзеҳо норозӣ монданд, махсусан Нобутака, писари сеюми ғайриникоҳи князь Нобунага, ки барои ба раёсати ҳокимият ворид шудан, талошу ҷидду ҷаҳд дошт.

Нобутака навҷавони сустирода буд ва аз худи вай ягон хатаре барнамеомад, вале дар паси ӯ ҳомиёни пуриқтидор истода буданд ва ӯро ба мисли лухтак идора мекарданд. Лухтакбози асосӣ ҳарифи куҳнаи ман дар қабилаи Ода генерал Сибата буд. Сибата ҳамеша ба ман ҳасад мехӯрд ва дар шахсияти Нобутака симои калидиеро медид, ки метавонад ба комёбиҳои ман хотима бахшад. Нобутака ва тарафдорони вай бар зидди ман сӯиқасд омода карданд, вале ман нақшаҳои онҳоро пай бурда, чораи зарурӣ андешидам. Ҳол он ки душманон то он лаҳзае, ки дер шуда

буд, чизеро пай набурданд, ман дар муҳориба то аз ғилоф берун шудани аввалин шамшер ғалаба кардам. Тавре Сун–тсзӣ гуфта буд, "артиши ғалабаовар нахуст шартҳои ҷангро дарк мекунад ва баъд муҳорибаро меҷӯяд; артиши шикастхӯрда аввал меҷангад ва баъд ғалабаро меҷӯяд".

Қушуни на он қадар бузург бо истифода аз бартарии муайяни тактикӣ қодир аст бар қувваҳои бузурги душман ғалаба кунад, аммо принсипи бунёдии пешбурди ҷанг онро дар бар мегирад, ки дар муҳориба артише ғалаба ба даст меорад, ки теъдоди зиёди аскар дошта бошад. Ман мутмаин будам, ки Нобутака ва иттифоқчиёни вай дар ниҳояти кор аз қувва истифода хоҳанд бурд, бинобар ин, ман ба ҷамъ кардани иттифоқи худ шурӯъ кардам.

Княз Токугава, губернатори низомии вилоятҳои Микава ва Тотомӣ чеҳраи калидии нақшаи стратегии ман гардид. Ӯ аз лиҳози ҳаҷми заминҳои худӣ ва артиш аз ман монданӣ надошт ва агар вай ба тарафи қувваҳои Нобутака ҳамроҳ шавад, ба осонӣ метавонад тавозуни қувваро ба фоидаи душман ҳал намояд. Бинобар ин, ман тамоми қувваро ба он равона кардам, то ки ӯро ба тарафи худ ҷалб намоям.

Илова бар ин, ман дар ҷустуҷӯи пайдо кардани иттиҳод бо Кагэкатса, губернатори вилояти Этиго будам. Ман медонистам, ки Кагэкатса дар иттифоқи Нобутака душман дошт ва барои қонеъ гардонидани вай, аз он ҷумла дар бораи он ки маро бо ӯ мақсади умумӣ муттаҳид менамояд, истифода бурдам. Тавре дар зарбулмасал омада аст: "душмани душмани ман, дӯсти ман аст".

Гузашта аз ин, ман медонистам, ки як қисми аскарҳо дар артиши генерал Сибата бар хилофи хоҳиши худ хизмат мекунанд, балки ҳамчун мерос ба ӯ аз Нобунага дода шудаанд. Умед доштам, ки онҳоро метавонам ба тарафи худ ҷалб намоям ва пинҳонӣ бароям муяссар гардид,

ваъдаи онҳоро дар бораи он ки дар лаҳзаи зарурӣ ба мо мепайванданд, ба даст орам.

Ба ин тартиб, дарки ногузирии ҷанг ва пешбурди фаъолияти пасипардагӣ дар самти ташкили иттиҳод ба ман имкон доданд, ки қабл аз рехтани аввалин қатраи хун, интиҳои ҷангро пешакӣ муқаррар намоям. Ба туфайли банақшагирии ҷиддӣ ва бартарии теъдоди сарбозон ман қувваҳои генерал Сибатаро торумор кардам ва барои пешгирӣ кардан аз таслимшавии шармандавор ӯ ба қалъаи худ ақибнишинӣ намуд. Дар он ҷо Сибата фармон дод, ки тамоми холигоҳҳои дар, тоқчаҳо ва дигар тарқишҳо бо коҳҳо пур карда шаванд. Баъд аз ин, дастаи одамон иборат аз ҳафтод нафар қисми боқимондаи шабро бо лаззат бурдан аз ғизоҳо ва нӯшокиҳо, ба ёд овардани хотираҳои даврони хурсандӣ ва рӯзҳои дилкаши гузашта паси сар карданд. Баробари фаро расидани субҳ, онҳо коҳро оташ зада, баъд шикамҳои худро чок намуданд ва дар рӯшноии рақси забонаҳои шӯъла расму оини сеппукуро анҷом доданд.

Баъд аз ин базми хоссаи марговар танҳо як нафар зинда монд. Қабл аз он ки қалъаро оташ зананд, самурайҳо як зани пир, ровии моҳирро ба берун равон карданд, то ки вай тавонад тасвири мукаммали ин иди даҳшатнокро тартиб диҳад ва номҳои генерал Сибата ва муқаррабони ӯро бо шӯҳрати безавол машҳур кунад.

Нобутака баъди фаҳмидани он ки орзуи вай оид ба забти ҳокимият ба хокистар мубаддал гашт, ӯ ҳаёташро бо худкушӣ анҷом дод. Акнун, баъди он ки ҳарифон сарнагун шуданд, сарварии ман баҳснопазир гардид.

Сарварони оқил "асрори ғалаба": *ҷангро танҳо ҳамон вақт оғоз намоед, ки барои ғалаба дар он шароит муҳайё шуда бошадро* моҳирона истифода мебаранд.

## Ба пайравонатон ҳамчун ба аъзои оилаи худ муомила намоед

Фатҳи қуллаҳои сарварӣ аслан маънии онро надошт, ки талоши ман анҷом ёфтааст! Баръакс, болоравӣ дар вазифа барои гузаронидани силсилаи музокирот, муҳорибаҳо ва мушкилот дар идораи мамлакат ибтидо бахшид. Вазифаи асосӣ дар ин вақт зарурияти нигоҳ доштани рӯҳияи баланди маънавии пайравонам ба шумор мерафт.

Дар замони муборизаи беамон бо ҳарифон дар бозор ё юриши лашкар ба ҷойи муҳориба бо артиши душман вазифаи муҳим барои сарвар ин дилсӯзии вай нисбати вазъи маънавии қушунҳои худаш ба ҳисоб меравад. Дар ин лаҳзаҳо калиди баланд бардоштани рӯҳияи ҳарбӣ – ин таҳким бахшидани ҳисси хешовандии наздик бо онҳое, ки дар хандақҳо камин гирифтаанд, мебошад.

Ба ҳайси зодаи деҳот, ки кори худро аз вазифаи хоксораи барандаи шиппакҳои ҷаноб оғоз кардаам, ман ҳамеша наздикии амиқи рӯҳиро бо намояндагони табақаи паст ҳис мекардам. Маҳз барои ҳамин, ман кӯшиш мекардам тамоми корҳоеро, ки аз дастам меомад, иҷро намоям, то ки талаботи онҳоро қонеъ гардонам.

Вақте масъалаи ҳаёту мамоти ташкилот ба миён меояд, бисёре аз сарварон дар харҷи ҳар як чизи ночиз сарфа мекунанд. Онҳо то ҳадди ақал харҷро кам мекунанд, махсусан дар ҳама чизе, ки ба кормандони оддӣ иртибот дорад. Баъзе аз мухолифони ман ба коргарони худ танҳо он миқдор ғизое ҷудо мекарданд, ки аз гуруснагӣ намуранд ва бо онҳо ҳамчун ҳайвон муносибат менамуданд. Вале ман чунин муносибатро ба худ ҳеҷ гоҳ раво намедидам.

Бо пайравони худ ман ба мисли аъзои оилаи худ муносибат мекардам ва ҳамеша кӯшиш ба харҷ медодам, ки қабл аз муҳориба онҳо тавонанд шикамҳои худро сер

кунанд. Дар даврони Сидзугатакэ ман барои сари вақт харидорӣ намудани биринҷи ниҳоят зиёд ҷиҳати хӯронидани панҷоҳ ҳазор аскар аз ҳад зиёд харҷ кардам. Ҳеҷ кас, аз ҷумлаи онҳое, ки ба хавфи мавҷуда розӣ шуданд таҳти фармондеҳии ман ба муҳориба раванд, набояд бо шиками гурусна ҳалок гардад! Илова бар ин, ман дар таҷрибаи шахсӣ ба одилона будани зарбулмасали қадима –“Артиш танҳо бо шиками сер нағз ҷанг мекунад”, бовар кардам.

Оё ташкилотҳои тиҷоратӣ ё низомӣ аз оила зиёд фарқ мекунанд? Ман чунин фикр намекунам. Он сарвароне сазовори муҳаббати аз ҳама бештарин мегарданд, ки “асрори оиладӯстӣ”: *ба пайравонатон ба мисли аъзои оилаи худ муносибат кардан*ро, татбиқ намоянд.

## Садоқатро метавон ба даст овард, вале харидани он имконнопазир аст

Асри ҷангҳо вақти бесарусомониҳои даҳшатовар ва муҳорибаҳои доимӣ буд. Дар ҷанг одам танҳо ду роҳ дорад: касеро ба қатл расонад ё худ кушта шавад. Сарфи назар аз он ки дар ахлоқу одоби самурайҳо аз бозиҳои пасипардагӣ ва иҷрои корҳои бешарафона дида, дигар амали бадтар нест, ҷанговарони он давр ба касе батамом бовар карда наметавонистанд. Дар асри ҷангҳо хиёнат ва аҳдшиканӣ як қисмати маъмулии ҳаёти ҳаррӯза гардиданд.

Хатари доимӣ сабаби асосии он нақши ҳалкунандае буд, ки дар даврони тира муносибатҳои дуҷонибаи шахсӣ бозӣ мекарданд. Сарваре, ки натавонистааст сохтори мустаҳками алоқаи шахсиро дар дохили ташкилот созмон диҳад, метавонист аз ҷониби тобеъони худаш кушта шавад! Ана барои чӣ ман ба алоқаи зичи шахсӣ ва ҳамкории шахсӣ чунин аҳамият медодам.

"– Ман ҳеҷ гоҳ Шуморо ба ҳолати ногувор намемонам" – мегуфтам ба одамони худам. – То охир нисбати шумо ғамхорӣ хоҳам кард. Ва ҳамеша ба ваъдаи худ вафо мекардам.

Ба ташкилоти мо як зани куҳансол – Ётокуйн, дояи княз Нобунага марбут буд. Баъди ба дунё омадани княз, ба вай чанд дояро муқаррар карданд, вале ҳатто дар хурдсолӣ княз ончунон феъли худсарона ва золимона дошт, ки пистонҳои занҳои бечораро мегазид. Барои вай боз дояҳои навро пайдо мекарданд, вале то омадани Ётокуйн, натиҷа чун пештара бе тағйир боқӣ мемонд. Ногаҳон навзод ором шуд ва Ётокуйн ӯро бо ҳамроҳии писараш Цунэокӣ, шир дод. Ин воқеан, мӯъҷизаи ҳақиқӣ буд ва аз он вақт ба баъд Ётокуйнро бо эҳтиром "хонум соҳиби шири нафис"[1] меномиданд.

Писар ва набераи Ётокуйн дар ҳайати артиши Ода ҷанг мекарданд ва ҳарду дар як рӯз дар яке аз муҳорибаҳо кушта шуданд. Дар робита ба ин, ман бисёр афсӯс мехӯрдам ва Ётокуйн бар ивази ин ҳама қурбониҳои худ сазовори ҳама гуна изҳори садоқат буд. Новобаста ба ҳусни хати ниҳоят безебам, қарор додам, ба ӯ ҳамдардиеро, ки ба дасти худам навишта будам, равон созам. Таъзияи навиштаам чунин мазмун дошт:

"Ман ҳеҷ гоҳ наметавонам он амиқии мусибати бениҳоят зиёде, ки марги якбораи писар ва набераатон ба Шумо бор шудааст, дарк намоям. Вале аз ҳамин лаҳза, ман ифтихор хоҳам кард, агар Шумо розӣ шавед ва маро, Хидэёсиро писари дуюми худ хонед, ҳол он ки ман сазовори ин шараф ҳам нестам. Аз Шумо хоҳиш дорам, барои муроҷиат кардан ба ман ҷиҳати иҷрои дархосту хоҳишҳо шарм надоред".

1. Андриано Боскаро "101 номаи Хидэёсӣ".

Қосиди ман хабар дод, ки вақте Ётокуйн номаи маро хонд, ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуданд. Солҳои минбаъда ин хонум воқеан ҳам чандин маротиба бо хоҳиши дастгирӣ ба ман муроҷиат кард ва ҳамеша бо хушнудӣ кумакаш кардам.

Дар он рӯзҳои муноқишаҳои беохир ҳар як қабила дар алоҳидагӣ аз худ ҳимоя мекард. Ҳама гуна созишномаҳои сулҳ дар байни онҳо баъди чанд рӯз ё аз ин ҳам пештар метавонист қатъ карда шавад. Ҳатто муносибатҳо дар байни оилаҳо баъзан бо хиёнаткорию дурӯғ доғдор карда мешуданд. Ин ҳодисаҳо аз пештара дида, азми қатъии маро нисбати бодиққат назорат бурдан аз болои некуаҳволии вассалҳои худ ва оилаҳои онҳо таҳким бахшиданд. Баъзе самурайҳо ба мисли зархаридон амал мекунанд ва ҷонибдории худро ба онҳое мефурӯшанд, ки пули бештар бидиҳад. Танҳо муносибати дилсӯзона ва муҳаббати сарвар нисбат ба вассалҳои худаш садоқати аслиро ба вуҷуд меоранд ва мутаассифона, чунин мисол ҳангоми муҳосираи қалъаи Миккӣ тасдиқи худро ёфт.

Соҳиби қалъа вассали обрӯманде дошт бо номи Тадасигэ. Ман кӯшиш кардам ӯро бо ваъдаи муқаррар намудани маблағи саховатмандонаи якумра бар ивази махфиёна қасам хӯрдани садоқат ба ман ва кумак расонидан дар ворид шудани қушунҳои мо аз тариқи дарвозаҳои берунаи қалъа ба тарафи худ ҷалб намоям.

Тадасигэ розӣ шуд. Вай вақтро муайян кард ва дар соати муқаррашуда ба ҳавлии дохили қалъа қариб ҳазор нафар аскарони маро ворид намуд. Вале, тавре маълум гардид, хиёнати Тадасигэ танҳо найранги низомӣ будааст! Дар натиҷа аскарони маро иҳота ва аз байн бурданд.

Ман фикр кардам, ки метавонам ба розигии Тадасигэ бовар кунам ва ин беақлии ман ҳаёти одамони бисёрро аз

байн бурд. Садоқати аслиро ба мисли халтаи ғалладона ё биринҷ харида намешавад. Дар ҳаёти ман ҳодисаҳои зиёде буданд, ки шароитҳои муайян маро маҷбур мекарданд бо одамони нолоиқ иттифоқ бандам, вале ман ҳеҷ гоҳ он дарси даҳшатнокро, ки дар он рӯзи марговар гирифта будам, фаромӯш намекардам.

Дар рӯзҳои мо "асрори вафодорӣ" чун дар даврони пешин ҳамоно актуалӣ боқӣ мемонад: *садоқатро метавон ба даст овард, вале харидани он имконнопазир аст.*

## Гуноҳҳои кучакро бубахшед

Баъзе ҳокимони феодалӣ бо он машҳур буданд, ки аз зердастони худ риояи қатъии ҳатто бемаънитарин қоидаҳои одоби муоширатро талаб мекарданд ва барои риоя накардани андаки онҳо ҷазои сахт медоданд. Ба ҳар як талабаи ҷопонӣ маълум аст, ки чӣ гуна самурайи мағрур деҳқони дилсӯзро танҳо барои он ки диққати ӯро ба кайки дар пушти ҷанобаш хазанда ҷалб намуд, ӯро бо шамшер зада кушт. Сафедкунии бемаънии куштор боиси он гардидааст, ки деҳқон ҷуръат карда, ҳашароти зарароварро дар як қатор бо ҷанговари олиҳиммат гузошта, бо ин кори худ охиринро таҳқир кард.

Ба ман худписандӣ ва хотирнишонсозии ҷузъии тафовути иҷтимоӣ нафратангез аст. Дар ин масъала ман бо ақидаи Масамунэ, яке аз бузургтарин лашкаркаш ва губернатори вилоятҳои шимолӣ комилан розӣ ҳастам. "Одобе, ки сарҳадҳои маълумро гузаштааст, – гуфт ӯ боре, – ба дурӯғ мубаддал мегардад".

Масамунэ бо тамоми ҳастияш самурай буд, ҳол он ки аз лиҳози танумандӣ бо паҳлавонҷуссагӣ фарқ намекард. Агар аз рӯйи виҷдон гап занем, вай ба мисли ман қадпастак буд ва қади ӯ базӯр ба якуним метр мерасид!

Дар синни панҷсолагӣ бемории нағзакро паси сар кард ва чашми росташ нобино гашт, вале Масамунэ ғайрати навҷавонии худро аз даст надод ва сазовори тахаллуси Аждаҳои якчашма гардид. Дар солҳои баркамолӣ шуҷоати ҳарбии вай ин тахаллусашро бо мазмуни нав мукаммал гардонид. Ба ғайр аз ин, Масамунэ бо навовариҳо дар соҳаи ҳарбӣ, аз қабили либосу аслиҳаи ҷангии сӯрохнашаванда, ки бо онҳо артиши худро муҷаҳҳаз гардонида буд, машҳур шуд.

Нахусти вохӯрии шахсии мо дар вақти муҳосираи қалъаи Одавара баргузор гардид. Баъд аз якчанд соли муҳорибаҳо ва музокирот дар ниҳояти кор ман тавонистам тамоми қисмати шимолии кишварро таҳти назорат бигирам. Акнун ман бояд диққати худро ба соҳилҳои қисмати шарқӣ равона созам, ки ҳокимҳои ман баъдтар шаҳри машҳури Эдоро[1] таъсис доданд.

Истеҳкомҳои пуриқтидор ва хандақҳои васеъи қалъаи Одава имкон намедоданд, ки ҳамлаи рӯ ба рӯ анҷом дода шавад, бинобар ин, қарор додам, дастрасии озуқавориро ба қароргоҳи низомӣ қатъ намуда, душманро аз гуруснагӣ беҳолу бемадор кунам. Барои он ки боварии худро ба ногузирии ғалаба намоиш дода, ба муҳофизини Одавара таъсир гузорам, ба генералҳои худ иҷозат додам, ки зан ва маъшуқаҳои худро ба урдугоҳ биёранд ва ба ғайр аз ин амр додам, ки тез-тез намоишҳои театрӣ ва дигар бозиҳои вақтхушкунӣ баргузор намоянд. Ба зудӣ қароргоҳи мо, назар ба хаймаи аскарон дида, бештар ба макони гузаронидани карнавали мӯҳташам мубаддал гардид!

Ман аз Масамунэ хоҳиш кардам, ки бо мо ҳамроҳ шуда, дар муҳосираи қалъаи Одавара иштирок намояд, вале вай дар додани ҷавоб шитоб намекард. Ба ҷойи ин, ӯ ҷосусонро равон кард, то ки имконияти тарафҳои муқо-

1. Номи шаҳри Эдо баъдтар ба Токио иваз карда шуд.

билро арзёбӣ намуда, баъд ба ҷониби ғолиби эҳтимолӣ гузарад. Ман дар қаламрави заминҳои вай ҷосусони худро доштам ва ба хубӣ аз иқдомҳои вай огаҳ будам.

Вақте маълум гардид, ки қувваҳои мо ғалаба мекунанд, Масамунэ бо ҳамроҳии дастаи на он қадар калони вассалҳо ба қароргоҳи мо омад ва дар бораи дохил шудан ба хизмат ба ҳайси фармонбардори содиқ илтимоснома пешниҳод кард.

Баъд аз он ки ман ӯро таъна карда гуфтам, ки ин тасмимашро то лаҳзаи маълум шудани интиҳои ҷанг кашол дод, вай моту мабҳут шуд.

– Чӣ гуна ман метавонам ба шахсе бовар кунам, – гуфтам ман, – ки омодааст ба он касе қасами садоқат занад, ки қувваи бисёр дорад? Дар чунин вазъият месазад, ки шуморо ба қатл расонем. Вале ман ба ҳар сурат бовар дорам, ки иттиҳоди низомӣ ба ҳардуи мо фоида меорад ва омодаам кохи кӯҳнаро бод надиҳам.

Ин суханонро шунида, Масамунэ дар ин рӯз ду маротиба ба ҳайрат афтод. Ӯ худро тавре тасаввур кард, ки гӯё дар якчанд сония сари вай аз болои китфонаш парида рафт ва боз ба ҷояш баргашта омад!

– Чун Шумо роҳи дуру дарозро тай намуда, омадаед, иҷозат диҳед, қароргоҳамонро бароятон нишон диҳам,– идома додам ман. – Пешниҳод менамоям, ба он теппа бароем, зеро аз он ҷо ҳама ҷо хуб намоён аст.

Ман баргаштам ва ба ҷониби баландие, ки дар паси мавқеи мо ҷойгир буд, равон шудам. Масамунэ аз паси ман омад. Баъди расидан ба баландӣ, мо қароргоҳи бузурги дар поён ҷойгиргаштаро аз назар гузаронидем. Дар ин лаҳза садумин рӯзи муҳосира наздик мешуд. Дида мешуд, ки дар поён раққосаҳо, мутрибон ва тоҷирони бо либосҳои рангоранг бо ҳазорон ҷанговарон омехта шуда, бо намо-

ишҳои зебою дилкаш ба чашмҳо нур мебахшиданд. Вале ман Масамунэро на барои он ба ин ҷо овардам, ки аз намуди зебои қароргоҳ завқ барем.

– Шумо дар минтақаи шимоли худатон аллакай таҷрибаи якчанд бархӯрдҳои кучакро аз сар гузаронидед, аммо муҳорибаи асосӣ дар пеш аст, - гуфтам ман. – Иҷозат диҳед, ба Шумо нишон диҳам, ки қароргоҳ чӣ гуна сохта шудааст. – Шумо метавонед сафи ҷангии моро ҳамчун намуна дар артиши худатон истифода баред.

Ман аз камари худ шамшери дар ғилофбударо кашида гирифта, ба ӯ додам, гӯё бо ду даст нишон додани нақшаи ҷойгиршавии қувваҳои мо, бароям қулайтар аст. Сипас, ман дидаю дониста пуштамро ба ҷониби Аждари Якчашмаи хунхор гардонидам. Мо танҳо будем ва агар дар майнаи Масамунэ чунин хоҳиш пайдо мешуд, вай метавонист бе мушкилӣ маро ба қатл расонида, аз он ҷо ғайб занад. Дар ниҳояти кор, ӯ чӣ гуна метавонист дилпур бошад, ки ман боз аз фикрам намегардам ва фармони қатли вайро содир намекунам? Вале ӯ беҳаракат истода буд ва ба шарҳу эзоҳи ман гӯш медод.

Самурайҳои ҷавон, ки ба онҳо ин ҳодисаро нақл мекунам, аз фориғболии ман дар ҳайрат мемонданд. Онҳо иштибоҳ мекунанд: ин намоиши ҷасурӣ буд. Баъди дидани иқтидори ҳарбӣ Масамунэ сахт мутаассир гардид, вале ин кам буд. Ба ғайр аз ин, ман ба ӯ бояд нишон медодам, ки дар ҷасорати шахсӣ аз вай монданӣ надорам.

Баъд аз он ки мо якҷоя аз теппа поин омада, ба хаймаи ман баргаштем, Масамунэ рӯҳафтода ба назар мерасид. Ман қарор додам ӯро ба ақиб, ба ватани шимолӣ фиристам, то ки вай дар сарзамини худ тартибот ҷорӣ намояд. Вале афсарони ба ман наздик эътироз баён карданд.

– Ба Масамунэ иҷозати рафтан додан, ин маънии сар додани паланг ба ҷангалро дорад! – пешакӣ огаҳ карданд маро онҳо. – Шумо ҳақ ба ҷониб будед, вақте иброз доштед, ки ба вай бовар кардан мумкин нест!

– Ин беақлӣ аст, – ҷавоби дурушт додам ман. – Шумо аз бинии худ дуртар дигар чизеро намебинед. Масамунэ дар хонааш худро тавоною қудратманд ҳис мекард, зеро вай шабеҳи қурбоққае буд, ки тамоми умр дар ҳавзи кучаке умр ба сар бурдааст ва дар бораи уқёнуси беканор чизе намедонад. Акнун, вақте барояш муяссар гардид бубинад, ки дар паси замини кучакаш чӣ мавҷуд аст, вай дигар ҳеҷ гоҳ қасди шино карда гузаштани уқёнусро намекунад. Ӯ барои мо хатар надорад.

Масамунэ самурайи ниҳоят боистеъдод буд, бинобар ин, бо ӯ сарукор кардан осон аст. Вале қисмати зиёди аскарон қобилияти аз дараҷаи миёна пасттар доштанд. Барои идора кардани зертобеони камистеъдод малакаҳои дигар зарур мебошанд. Ҳар як шахс қадру қиммат дорад, барои ҳамин вазифаи сарвар аз он иборат аст, ки дар пайдо кардани соҳаи фаъолият кумак намояд, то ки одамон фоида бештар биёранд. Онҳоро мебояд аз рӯйи ақл истифода бурд, на ин ки аз ҳисоб берун намуд, зеро сарварон имконият надоранд сифатҳои беҳтарини онҳоро ошкор ва инкишоф диҳанд. Ман ниҳоят ифтихор дорам, ки дар тамоми ҳаёти худ шумораи ками одамонро аз хизмат хориҷ кардаам.

Ҷиҳати дигари муҳим дар рафтори сарвар бояд доштани маҳорати бахшидани иштибоҳҳои кучаки зердастон ба шумор равад. Ёд дорам, дар яке аз рӯзҳо вақте ман аллакай сарвари Ҷопон шуда будам ва дар қуллаи баланди ҳокимият қарор доштам, яке аз наздикони маро ба муносибати бепарвоёна ба мурғони ромшудаи қалъа

гунаҳгор карданд. Ҳангоми ғизо додан вай тасодуфан ба тӯтии думдарози дӯстдоштаи ман имкон дод, ки аз қафас берун шуда, парида равад.

Ҷавон бо дастони аз тарс ларзон ба назди ман ҳозир шуда, бо чеҳраи мисли варақи коғаз сап-сафед ба зону зад ва беҳуда саъю кӯшиш мекард узри бенатиҷаи худро баён намояд. Вай медонист, ки ман то чӣ андоза ин парандаро қадр мекардам. Дар вуҷуди ман хашм аланга гирифт, вале баъди он ки ба чашмони ҳаросони вай назар кардам, он шаллоқҳои даҳшатноке, ки падарандарам ба ман раво медиду ман тоқат мекардам, ба ёдам омаданд.

– Ман медонам, ки ту қасдан ба парранда имконияти парида рафтанро надодаӣ, – ором кардам ӯро. – Акнун, вақте тӯтӣ дигар дар ин ҷо нест, илоҷи дигар ҳам нест. Аз ин рӯ, ту набояд дигар безобита шавӣ.

Вале, навҷавон аз афташ аз тарс карахт шуда буд ва аз ҷояш наҷунбид. Дар он вақт, ман бо овози паст хандидам ва гӯшашро молидам.

– Ҳамаи он чизе, ки дар Ҷопон вуҷуд дорад, ба ман тааллуқ дорад. Бинобар ин, ҳатто агар тӯтии хурд парида рафта бошад, ҳам он паррандаи Хидэёсӣ боқӣ мемонад, – гуфтам ман.

Баъд аз он ки чавон ба ҷойи сарзаниш суханони хуб шунид, овозаш ногаҳон баргашт ва ба гиря даромад.

– Ман бисёр афсӯс мехӯрам! Хоҳиш мекунам, маро бубахшед! – ҳиқ-ҳиққунон ва таъзимкунон аз сари нав ва такрор ба такрор ин хоҳиши худро баён мекард.

Баъдтар ин ҷавон яке аз вассалҳои содиқтарин шуд ва бо мурури замон ва бузург шудани синну солаш, ман барои пешравӣ дар фаъолияташ мусоидат мекардам. Сарвароне, ки пайравони худро барои иштибоҳоти ночиз ҷазо медиҳанд, танҳо худашонро озор медиҳанд. Вале сарваро-

не, ки кӯшиш мекунанд рӯҳан инкишоф ёбанд ва таъсири худро устувор намоянд, “асрори нармдилона”: *бубахшед иштибоҳоти ночизро,* фаъолона истифода мебаранд.

## Такаббурро фурӯ нишонед

Муҳосираи қалъаи Одавара сайри чаманро ба хотир меовард, вале ҳамзамон он бароям ҳамчун дарси ҷиддӣ хизмат намуд. Ин ҳодиса маро маҷбур сохт, ки ба камбудии худ аҳамият диҳам ва дарк намоям, ки омӯхтан аз зертобеон то чӣ андоза муҳим аст.

Стратегияи муҳосираи ман аз он иборат буд, ки фазои ҷашну тантана сохта шавад, ки на танҳо интизории тӯлонии дилгиркунандаро рангин намояд, балки инкон диҳад, ки душманро бо боварии беандоза ба худ дар ҳайрат гузорад. Аммо ҷашну тантанаҳои аз ҷониби ман иҷозатдодашуда, то андозае ғайриоддӣ ба назар мерасиданд, ки баъзан аз ҷониби одамоне,ки аз тарафи ман меҷангиданд, нодуруст дарк карда мешуданд. Бубинед, як таърихнигор ин тантанаҳоро чӣ гуна тасвир кардааст:

Самурайи ҷавон бо номи Мотоюкӣ тасодуфан аз паҳлӯи хаймае мегузашт, ки бо хоҳиши Хидэёсӣ консерт баргузор карда буданд. Садои мусиқӣ ва фарёди пурҷӯшу хурӯши тамошобинон ӯро ниҳоят ба хашм оварданд.

Ба ҷойи он ки ҳамла ба нақша гирифта шавад, фармондеҳи мо, аз афташ вақтро ба вақтхӯшӣ сарф мекунад! – пойҳояшро ба замини назди даромадгоҳи хайма тиргак карда, бо овози баланд хитоб кард. – Ин ҳама вақтхушиҳо моро ба куҷо мебарад?

Яке аз муҳофизон, ки дар наздаш истода буд, мулоҳизаҳои танқидии Мотоюкиро шунида, фавран ҷавоб дод:

– Ту худат кӣ ҳастӣ, ки гуфтани чунин суханҳои густохонаро ба худ лоиқ медонӣ?

Мотоюкӣ заррае ҳам натарсид ва ҷавоб дод:

– Номи ман Мотоюкӣ, ман дар хизмати муваққатии генерал Кагэкатсу қарор дорам.

– Ту чиро дар назар доштӣ, вақте дар бораи генерал Хидэёсӣ таҳқиромезона ҷавоб додӣ? – ба таври ҷиддӣ пурсид муҳофиз. – Ҳушат дар сарат ҳаст? Ё ҳоло сархуш ҳастӣ? Дар ҳама ҳолат, ман вазифадорам дар бораи рафтори ту ба сардор хабар диҳам.

Ба ҷойи он ки аз ман бипурсӣ, ки ҳуши ман дар сарам ҳаст ё не, беҳтар хоҳад буд, ин саволро ба фармондеҳи худ бидеҳӣ, – ҷавоб гардонид Мотоюкӣ. Дар арафаи ҷанг сарвар бояд одамони худро ба муҳориба омода созад, на ин ки вақтро ба мусиқию рақс сарф намояд! Ман намедонам, кӣ бояд зиёдтар шарм намояд – сарвари мо ё хизматгороне мисли ту, ки ниҳоят тарсончак мебошанд ва аз гуфтани ҳақиқат ҳарос доранд. Беҳтар он аст, ки ман шаъну шарафи самурайро нигоҳ медорам ва аз сари худ маҳрум мегардам, аз он ки иштирокчии ин намоиши шармандавор мегардам!

Баъди гуфтани ин суханон Мотоюкӣ намоишкорона ба замин туф намуда, бо ифтихор бадар рафт.

Муҳофиз шитобон ба назди сардори худ рафт ва дар бораи ҳодисаи бавуқуъомада хабар дод. Афсари посбонҳо ба назди Хидэёсӣ рафт ва дар бораи рафтори Мотоюкӣ маълумот дод.

Хидэёсӣ ба хашм омад ва ҳамон лаҳза фармон дод, ки генерал Кагэкатсуро ба наздаш даъват намоянд. Ҳангоми пайдо шудани Кагэкатсу Хидэёсӣ аз ҷояш парида хест ва қаҳру ғазаби хешро ба рӯйи вай рехт.

– Кагэкатсу, яке аз одамоне, ки дар хизмати шумо қарор дорад ва номаш ким-кӣ Мотоюкӣ мебошад,ба худ раво дид, ки нисбати ман суханони таҳкиромезона гӯяд. Шумо бояд фавран ӯро ҳабс намоед ва дар салиб чормех кунед.

Агар Шумо фармони маро иҷро накунед, ба вай ҳамроҳ мешавед ва якҷоя чормех карда хоҳед шуд!

Хидэёсӣ бо хашм пояшро ба замин куфт.

– Ман аз ҷанобам узр мехоҳам, вале аз пагоҳӣ то ҳозир дар ҳамин ҷо будам ва мусиқӣ гӯш мекардам, – ҷавоб дод Кагэкатсу. Ман дар бораи рафтори Мотоюкӣ хабар надорам. Вале агар Шумо иҷозат бидиҳед, ман рафта, ин масъаларо пайгирӣ мекунам.

Бо иҷозати Маймун генерал узр хоста, ба ҷустуҷӯй Мотоюкӣ рафт. Аммо аллакай баъди ду дақиқа қосиди Хидэёсӣ ӯро бозпас хонд. "Акнун аниқу дақиқ, – аз дил гузаронд Кагэкатсу, – ҳамаи он суханони таҳқиромезе, ки Мотоюкӣ гуфтааст, барои ман ба хубӣ анҷом намеёбад".

Вале вақте вай баргашта омад, дид, ки хашму ғазаби Хидэёсӣ камтар паст шудааст.

– Бо назардошти он ки Мотоюки ин суханони таҳқиромезро на дар ҳузури ман, балки ба яке аз посбононам гуфтааст, ба ҷойи чормех кардан, метавонед сарашро аз тангаш ҷудо намоед. Ва кӯшиш кунед, то ҳама донанд, ки чунин ҷазо бар ивази густохии вай дода шудааст. Ин ҷазо дигаронро аз такрори чунин рафтору кирдор нигоҳ медорад.

Кагэкатсу таъзим намуд ва барои иҷро кардани фармон рафт. Вале ҳанӯз дуртар нарафта буд, ки ӯро бозпас хонданд. "Ин дафъа боз чӣ гап шуда бошад? – аз дил гузаронид Кагэкатсу ҳангоми таъзим кардан дар назди Хидэёсӣ. Аммо Хидэёсӣ бошад, хомӯш буд. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё вай ғарқи андешаи амиқ шудааст. Баъди чанд вақте вай ба гап даромад.

Мотоюкӣ дар хизмати доимии шумо қарор надорад. Вай ронин, самурайи озод аст, ки муваққатан зери парчами шумо баромад мекунад, бинобар ин, аз тан ҷудо кардани

сари вай таҳқири ошкорои номи неки шумо ҳамчун сарвар ба шумор меравад. Беҳтараш ба ӯ бигӯед, ки бо шамшер шиками худро пора кунад.

Кагэкатсу аз ҷояш баланд шуда, боз як маротибаи дигар аз хайма берун баромад, аммо ҳамагӣ масофаи ними роҳро то ҳаймаи худ тай накарда буд, ки барояш хабар доданд, ки Хидэёсӣ мехоҳад аз нав бо ӯ сӯҳбат намояд.

– Баъди андеша кардан дар бораи он ки чӣ ҳодиса рӯй дод, – изҳор намуд, Хидэёсӣ, – ман ба хулосае омадам, ки Мотоюкӣ ба ғайр аз ҳақиқат чизи дигаре нагуфтааст ё он чизеро баён кардааст, ки ба назараш ҳақиқат намудааст. Эҳтимол, вай калимаҳоро нодуруст интихоб намудааст, вале ҳуқуқи пурра дошт онҳоро баён намояд. Фармоиши ман дар бораи гузаронидани ин намоишҳои театрӣ ба ҳеҷ ваҷҳ на аз девонагӣ ва на аз рӯйи дӯстдории хушгузаронии вақт қабул карда шудааааст. Иқдоми мазкур барои нишон додани эътимоди мо ба тавоноии худ ва бовар кунонидани душман ба он ки мо ният дорем, ҳисобро бо онҳо баробар кунем, равона карда шудааст. Стратегияи ман маҳз ба шикастани иродаи душман равона карда шудааст. Аммо Мотоюкӣ аз ин хабар надошт. Ана барои ҳамин, аз нуқтаи назари вай рафтори ман ҳақиқатан ҳам аҳмақона ба назар мерасад.

На, дар ин кор танҳо ман гунаҳкорам, – идома дод Хидэёсӣ, – зеро ба ғурури хеш имкон додам, ки ба дақиқиии андешаҳоям таъсир расонад. Маро зарур аст, он одамонеро, ки андешаҳояшонро баён менамоянд, сазовори мукофот гардонам, на ин ки ҷазо диҳам.

Кагэкатсу аз тааҷҷуб чашмонашро калон кушод, вале аз рӯйи эҳтиёт чизе нагуфт.

– Садҳо нафар асилзодаҳои бонуфуз ва самурайҳои машҳур аз ин намоишҳои театрӣ дидан карданд ва ба

мувофиқи мақсад будани гузаронидани онҳо шубҳа надоштанд. Аммо, вақте як одами дорои унвони паст, ба мисли Мотоюкӣ ба таври ошкоро шубҳаи худро дар бораи оқилона будани чунин чорабиниҳо баён менамояд, ин аз бебокию нотарсии вай шаҳодат медиҳад ва ман бисёр мехостам, ки вассалҳои ман ҳарчӣ бештар чунин ҷасорат нишон диҳанд.

Мотоюкӣ нисбати ман суханҳои таҳқиромез баён намуд, вале бо ин рафтори хеш нишон дод, ки соҳиби хислати мустақил мебошад ва метавонад дар бораи афсари сатҳи аз ҳама баланд андешаи худро иброз намояд. Дар ин кор вай ба ман дар даврони ҷавонӣ монанд аст. Чӣ гуна ман метавонам одамеро барои он ҷазо диҳам, ки маро барои худам ба ваҷд меорад? Мо ҳама метавонистем аз Мотоюкӣ дарси ҷасорат омӯзем. Ман гумон мекунам, Кагэкатсу, месазад, ки ӯро ба хизмати доимӣ қабул намуда, ба вай унвони генералӣ[1] диҳед.

Маврид ба зикр аст, ки Кагэкатсу дар ҳақиқат Мотоюкиро ба унвони генералӣ мушарраф гардонид ва дар оянда ин ҷавон, ки ҷуръат карда, шубҳаи худро нисбати хирадмандии ман баён намуда буд, чандин маротиба номи худро бо хизматҳои шоиста машҳур гардонид. Ғазаби одилонаи Мотоюкӣ моро оиди то чӣ андоза муҳим будани истифодаи “асрори равшании ақл”: *такаббурро фурӯ нишонедро,* хотиррасон менамояд.

## Аз пайравони худ омӯзед

Ман аз таърихнигоре, ки ин ҳодисаи ибратомӯзро сабт кардааст, сипосгузорам, зеро он хатари шӯҳратпарастиро, ки бисёр сарварон, азҷумла ман қурбонии он мегарданд ва

1. Иқтибоси мутобиқгардонидашуда аз Уолтер Денинг

аввалин аксуламалам ба рафтори Мотоюкӣ аз он шаҳодат медиҳад, тасвир менамояд. Ҳар қадар шумо соҳиби ҳокимияти зиёд бошед, ҳамон қадар хавфи қурбони худписандӣ шуданатон бештар мегардад. Мутаассифона, ҳатто ба ман на ҳамеша муяссар мегардид, ки аз ин дом раҳо ёбам ва дар ин бора шумо дар ҳикояҳои минбаъда маълумоти бештаре хоҳед гирифт. Вале алъон дар хотир дошта бошед: дар олам чунин сарваре нест, ки аз таҷрибаи пайравони худаш барояш ягон чизи омӯхтанӣ вуҷуд надошта бошад!

# 7

# ПАЙРАВОНИ ХУДРО ЧӢ ТАВР ҚАДРДОНӢ КАРДАН ЗАРУР АСТ

Муайян кардани намуд ва андозаи мукофот ба ӯҳдадории сарвар дохил мешавад. Аз ин дида, масоили мураккабу душвор ва печ дар печ фикр карда баровардан, мушкил аст. Ҳар як ташкилот кормандони худро бо усулҳои гуногун бо мукофот сарфароз мегардонад, вале сарвар дар ин кор метавонад принсипҳои зеринро истифода барад.

## Мақсадҳои муайяну равшан гузоред

Сарварони хуб зимни масъалагузорӣ ба кормандон ба аниқу дақиқияти гузоштани мақсадҳо аҳамияти калон медиҳанд. Нахуст, онҳо супоришҳои мушаххас медиҳанд ва масъулияти иҷрои онро ба зердастон вогузор мекунанд. Сипас, самаранокии иҷрои ин супоришҳоро арзёбӣ менамоянд. Ва ниҳоят, барои муайян кардани андозаи мукофот ба натиҷаи фаъолият баҳо медиҳанд. Намунаи тасвири хуби ин ҷараён қадамзании босуръат ба Сидзугатакэ шуда метавонад.

Мустаҳкам кардани ҳокимият ва ҳимояи қабилаи Ода барои ман баъд аз вафоти князь Нобунага дар соли 1582 яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа гардид. Яке аз қадамҳои нахустини ман ин бунёди ду қалъача, ки даромадгоҳҳои ҷанубии пойтахт, шаҳри Киоторо пӯшида нигоҳ медошт ва дар он қароргоҳи худро ҷойгир кардам, ба шумор рафт. Вале ҳарифи пешинаи ман, генерал Сибата ва лухтаки вай Нобутака, тамаъкор ва писари ғайриникоҳии князь Нобунага амалҳои маро нишонаи маккорӣ ҳисобиданд. Таҳти қаҳру ғазаби зиёд онҳо ба ман паёми таҳдидомез фиристоданд.

– Истеҳкомҳоро вайрон кунед, – навиштанд онҳо, – дар акси ҳол ба ҷойи шумо мо ин корро анҷом медиҳем.

Барои он ки ин таҳдидро дар амал татбиқ намояд, Сибата бояд интизор мешуд, то ки барфҳо дар вилояти Этидзэн об шаванд. Заминҳои Этидзэн дар шимолу шарқи Киото қарор дошта, бо дарраҳои чуқур ва бо нишебиҳои кӯҳии ҷаридор иҳота карда шудаанд, ки аз он ҷо ҳатто дар обу ҳавои хуб гузаштан, хатарнок аст. Зимистон бошад, онҳо қариб касногузар мебошанд.

Аммо зимистон ба охир расида истода буд ва ман медонистам, ки вақти бо ин ё он тариқ ҳаллу фасл кардани ихтилоф фаро расидааст.

Ман мунтазири омадани шумо ҳастам, – навиштам ман дар ҷавоб. – Танҳо яке аз мо метавонад дар ин замин ҳукмронӣ кунад, дуюмӣ бояд абадан дар он бихобад. Умедворам, барои пайдо кардани оромӣ, Шумо омода ҳастед.

Акнун ягон дақиқаро аз даст додан мумкин набуд. Ҳамин, ки дарёҳо аз барфҳои обшудаистодаи аз кӯҳҳо ҷоришаванда ба пуршавӣ оғоз карданд, ман гурӯҳҳои аскаронро барои таҳкими горнизонҳо, ки дар қад-қади роҳи

эҳтимолии ҳаракат кардани Сибата қарор доштанд, равон кардам.

Дар оғози баҳор хабар расид, ки Сибата қароргоҳи худро тарк карда, ба тарафи ҷануб равон аст. Ман фавран қувваҳои иловагиро ба Сидзугатакэ, ба яке аз қалъаҳои шимолӣ фиристодам ва нақша доштам Сибатаро, ки баъди роҳи дуру дарози кӯҳӣ бисёр хунук хӯрда буд, истиқболи гарму ҷӯшон ташкил намоям.

Сибата устоди пешбурди роҳу усули ҷанг дар минтақаи кӯҳӣ буд ва қушунҳои худро дар нишебиҳои ҷаридори шимолтари қалъа ҷойгир намуд. Ман ҷанг кардан дар замини ҳамворро авлотар донистам ва қувваҳои худро каме ҷанубтар аз водии поён дарозкашида, ҷойгир намудам. Масофа дар байни хатҳои пешоҳанги мо ҳамагӣ се километрро ташкил менамуд. Қушуни панҷоҳҳазорнафараи ман бо беқарорӣ ба артиши бистҳазорнафараи Сибата чашм медухт, самурайҳои ҳарду ҷониб бошанд, тахмин мекарданд, ки кадоме аз онҳо якумин шуда, теғи худро бо душмани кушташуда лолагун месозад ва кӣ якумин шуда, ҳалок мегардад.

Ба назар чунин мерасид, ки Сибата барои аввалин шуда ҳамла кардан, ҷуръат намекард. Ман намедонистам, ки чаро вай вақтро кашол медиҳад, вале ҳис кардам ин чӣ гапе ҳаст. Барои эҳтиёт қарор додам, ҷиҳати иҷрои тағйири самти муҳориба артиши худро дар ҳолати омодабоши пуррагӣ, нигоҳ дорам. То он вақте ки қувваҳои асосии ман ҳуҷуми генерал Сибатаро ба Сидзугатакэ мунтазир мешуданд, душманон метавонистанд дар ҷойи дигар ба мо ҳамла намоянд. Ҳодисаҳои баъдӣ оқилона будани қарори маро оид ба дар ҳолати омодабош нигоҳ доштани артиш, тасдиқ намуданд. Қосид хабар овард, ки сарбозони Нобутака ба тарафи горнизонҳои мо дар вилояти Гифа, воқеъ дар

шимолу шарқ, раҳсипор гаштаанд. Барои ҳимоя як қисми қушунро дар Сидзугатакэ монда, қисмати асосии артишро ба Гифа бурдам, то ки бо писари саркаши княз Нобунага ҳисобро баробар кунам. Мо қариб панҷоҳ километр роҳро тай карда будем, ки хатрасон бо номаи таъҷилӣ расида омад: қалъаи хурди қабилаи Ода дар шимоли Сидзугатакэ аз ҷониби Моримаса, ҷияни Сибата ғасб карда шудааст. Акнун қувваҳои Маримаса барои кумак расонидан ба Сибата ба тарафи Сидзугатакэ равон шудаанд!

Ман фавран фармон додам: "Ба қафо чарх зада, ба пеш ҳаракат намоед". Барои пешвоз гирифтани Нобутака дар Гифа як қисми қушунро монда, понздаҳ ҳазор нафар артиши савораро ҳамроҳи худ гирифта, бо суръати баланд ба ҷониби Сидзугатакэ шитофтем. Масофаи панҷоҳ километрро мо дар муддати панҷ соат паси сар кардем: таърихнигорон ин ҳаракати қушун аз як ҷо ба ҷойи дигарро яке аз босуръаттарин юришҳо дар таърихи Ҷопон номиданд.

Ба хастагии аз ҳад зиёди одамон нигоҳ накарда, ман онҳоро даъват кардам, ки наистанд ва дафъатан ба душман ҳамла намоянд. Мо онҳоро субҳгоҳон вақте пойкӯбии аспҳои размӣ фазои оромии пагоҳиро ба ларза овард, ногаҳон ғофилгир кардем.

Задухӯрд то нимарӯзӣ – то он вақте ки "ҳафт найза", ҳафт самурайи савораи интихобӣ аз гвардияи ман ба қалби сафи душман зада даромада, ҳамаи онҳоеро, ки дар сари роҳашон пайдо мешуданд, несту нобуд накарданд, пурҷушу хурӯш идома ёфт. Сафҳои душман омехта шуданд ва аскарони он рӯ ба гурези бетартибона оварда, дар байни нишебиҳои кӯҳҳои пур аз хун бо умеди наҷот ёфтан найзаю мушкет, шамшер ва ҳатто либосҳои ҷангии худро партофта мегурехтанд. Мо Сидзугатакэро наҷот додем!

Таърихнависони ҳарбӣ дар ҳайратанд, ки чӣ гуна артиши понздаҳҳазорнафара дар торикистони шаб тавонистанд аз тариқи тезонидани юриши лашкар панҷоҳ километрро ба ин зудӣ тай намоянд. Омили ҳалкунандаи комёбии мо на аз азоби тоқатшикан дар ҳолатҳои хатарнок, балки вазифагузории аниқ ва назорат аз болои иҷрои он ба даст омад.

Қабл аз он ки мавқеи худро дар Сидзугатакэ барои аз байн бурдани Нобутака дар Гифа тарк намоем, ба мо ҷиҳати дар вақти набуданамон пешгирӣ намудани ҳамлаи эҳтимолии қувваҳои Сибата, нақшаи эҳтиётӣ зарур буд. Ман ба Митсунарӣ, яке аз сарвассалҳои худ фаҳмондам, ки вай вазифадор аст, дар сурати зарурӣ имконияти ба таври зуд аз Гифа ба Сидзугатакэ баргаштани моро таъмин намояд. Митсунарӣ чӣ гуна ин супоришро иҷро карданӣ буд, ба ман дахл надошт. Вазифаи ман ба таври аниқ гузоштани супориш ва дигар ба он мудохила накардан буд.

Митсунарӣ ва одамони вай шабакаи дастрасонии захираҳоро ташкил намуда, тамоми роҳи пешакӣ муайяншударо аз Гифа то Сидзугатакэ тай карданд ва дар тамоми деҳаҳои назди роҳ, ки сокинони он супориш гирифта буданд саққочаҳои биринҷӣ ва машъалҳои қатронӣ захира намоянд, муваққатан таваққуф карданд. Дар натиҷа, аскарони дар ҷараёни ҳаракатбуда, ғизо ва машъалҳоро бидуни ист мегирифтанд ва барои равшан кардани роҳи худ дар торикӣ истифода мебурданд.

Захираи хӯрокворӣ барои понздаҳ ҳазор одам ва аспҳо масъалаи мушкили таъмини моддию техникӣ ба шумор мерафт, вале барои иҷрои он ба одамони ман танҳо вазифагузории анику дақиқ зарур буд. Митсунарӣ ва ёрдамчиёни вай подоши саховатмандона гирифтанд.

Дар ба даст овардани ин ғалабаи ҳалкунанда ба мо “асрори масъулият”: *мақсадҳои муайяну равшан гузоред,* кумак кард.

## Баробари пайдо шудани имконият, одамонро ҳавасманд намоед

Муҳориба дар назди Сидзугатакэ на танҳо мақоми сарварии маро устувор кард. Ба туфайли вай дар луғати забони ҷопонӣ ифодаи нав – “ҳафт найза” пайдо шуд.

Ҳафт ҷанговари савора аз гвардияи шахсии ман – Киёмаса, Такэнорӣ, Масанорӣ, Нагаясу, Катсумото, Ёсиякӣ ва Ясихару – аз паси худ одамонро ба ҳамлаи ҳалкунанда бурданд, ки он дар сафҳои душман изтироб ба миён овард ва дар ниҳояти кор мо ғалаба кардем. Ғалабаҳои онҳо дар назди Сидзугатакэ чунон шӯҳрате ба даст овард, ки аз ҳамон давра ибораи “ҳафт найза” барои нишон додани ҷанговароне, ки дар муҳорибаҳо корнамоӣ кардаанд, истифода мешавад.

Киёмаса, яке аз ин ҳафтгона, писари оҳангар буд ва ба девпайкари ҳақиқӣ монанд, ки аз руйи бузургии қаду қоматаш тахаллуси Ларзонандаи Заминро гирифта буд. Вай чун хирс қувва ва ғайратнокии махсус дошт: дар ҷараёни юриши босуръати қуввахо ба Сидзугатакэ дар зери вай асп ҳалок шуд, ӯ бошад, понздаҳ километри боқимондаи роҳро бо пои пиёда ва бо тамоми таҷҳизоти низомӣ аз самурайҳои савора дер намонда, давида омад!

Вақте ман ӯро таъриф мекардам, вай аз хушбахтӣ медурахшид. Вай ба мисли лаблабӯ то нармаи гӯшҳои бузурги худаш сурх мешуд. Намуди ин чеҳраи сурхи хушбахт, ба чашмони ман ончунон гуворо буд, ки аз имкониятҳои мусоид истифода бурда, ӯро такрор ба такрор таъриф

мекардам. Ва ҳар қадар ман ин корро такрор менамудам, вай рафторҳои нави шоистаро анҷом дода, сазовори таҳсинҳои навбатӣ мегардид. Ба вай нигоҳ карда, одамони дигар низ кӯшиш мекарданд, сазовори таърифи ман гарданд ва ин ҳаракатҳо барояшон кумак мекард, то ки ба дастовардҳои аз ин ҳам баландтар ноил гарданд. Ҳар як одам ҷанбаҳои қудратмандӣ ва заифӣ дорад, бинобар ин, сарварон ӯҳдадоранд дар худ маҳорати ошкор сохтан ва ҳавасманд кардани сифатҳои беҳтарини зердастонро инкишоф диҳанд.

Дар оғози фаъолияти кориам як вассали ман бо номи Миябэ барои кор ба назди генерали дигар гузашт. Бо гузашти як муддат, баъд аз он ки дастовардҳои ман дар тамоми Ҷопон маълум гардиданд, ин генерал аз Миябэ хоҳиш кардааст, ки дар бораи хизматаш дар назди ман нақл намояд. Чӣ гуна ба ман муяссар гардидааст, ки яке аз паси дигар чунин масъалаҳои душворро ҳал намоям ва музаффариятҳои нав ба навро ноил гардам?

– Умуман, княз Хидэёсӣ, аз дигарон он қадар фарқ намекунад, – ҷавоб дод, Миябэ, – ба ғайр аз муносибати вай ба таъриф кардан ва ҳавасмандгардонии одамон. Ҳатто камтарин дастовардҳои вассалҳои мақоми пасттарин аз таърифу тавсифи ӯ дар канор намемонанд, мукофотҳои вай бошад, барои кучактарин комёбӣ аз интизориҳо зиёд мебошанд. Ин ҳама хубиҳои ӯ дар қалби пайравонаш кӯшиши аз ин ҳам бештар корнамоӣ карданро бедор мекунад.

Агар рости гапро гӯем, таъриф ҳеҷ арзише надорад, вале натиҷаҳои бебаҳо меорад. Миябэ тавонист дар рафтори ман “асрори таҳсин”-ро пай барад, яъне: *бо пайдо шудани имконият, одамонро ҳавасманд намоед.*

## Шахсонеро, ки хизмати хуб мекунанд, бо мукофотҳои шоиста сарфароз гардонед

“Ҳафт найза” самурайҳои оличаноб буданд, вале то он вақте ки дар Сидзугатакэ мӯъҷизаҳои қаҳрамонӣ нишон надоданд, маҷбур буданд бо даромади ночиз қаноат кунанд. Ҷонбозиҳои қаҳрамонона дар муҳорибаҳои тақдиксоз ба онҳо шӯҳрат ва боигарӣ оварданд.

Масанорӣ бо рафтори худ маро ниҳоят мутаассир кард. Каме пештар аз оғози муҳориба барои ким-кадом айби ночиз шамшерашро гирифта, худашро ҳабс карданд. Вале Масанорӣ аз ҳабсхона фирор кард ва аввалин шамшери кутоҳи ба дасташ афтодаро гирифта, ба иштирокчиёни юриши босуръат ҳамроҳ шуд. Дар тупаланги умумӣ касе ба ин амали вай аҳамият надод. Ба майдони муҳориба расида омада, дар он ҷо қомати даҳшатноки Хайго, ҷанговареро, ки бо хунхории худ шӯҳратёр шуда буд, пайдо карда, ба пеш давида баромад, то ки дар ҷанги тан ба тан бо вай бразмад. Баъд аз он ки дар либоси низомии Хайго сурохиеро дарёфт, бо як зарбаи моҳиронаи шамшери худ самурайро ба ҳалокат расонид ва заминро бо фаввораи хуни вай лолагун кард.

Бо далерӣ ва бебокии худ Масанорӣ ҷавониамро ба ёд овард ва ба вай моликиятеро тӯҳфа кардам, ки дар натиҷа мулки вай панҷ маротиба зиёд шуд. Барои самурайҳои боқимонда аз ин ҳафтгонаи олӣ чунин мукофотҳое муқарар карда шуд, ки заминҳои онҳоро ба андозаи се маротиба афзун намуд. Ҳамаи ҳафт нафар ҷанговарон аз олиҳимматии ниҳоят зиёди ман дар ҳайрат монда буданд. Вале барои ман писанд аст саховатманди худро нишон диҳам, махсусан дар ҳолатҳое, ки одамон сазовори мукофот ҳастанд. Ба ғайр аз ин, муносибати мазкур дар асоси

андешаҳои амалӣ ба миён омадааст: самурайҳо ба шахсе содиқона хизмат мекунанд, ки дар додани мукофот хасисӣ наменамояд.

Дар ёд дошта бошед: амалияи мукофотдиҳӣ ба ашхоси бартаринишондода натанҳо ба доираи хурди ташкилоти шумо таъсир мегузорад. Вақте дар бораи ман ҳамчун сарвари боинсоф андешаҳо баён карда, мегуфтанд, ки вай ба ҳамаи онҳое, ки натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд, мукофотҳои ғанӣ тақсим менамояд, одамони зиёди маҳоратнок ба наздам омаданд. Агар ман хасисӣ мекардам, онҳо барои худ ҷанобони дигарро ҷустуҷӯ мекарданд.

Сарварони бетаҷриба аз он тарс доранд, ки пардохтҳои саховатмандона сандуқҳои онҳоро холӣ мекунад. Ин гапи беҳуда аст! Дар амал кор тамоман ранги дигар дорад. Номи ман танҳо баъди он маълум ва машҳур гардид, ки ба одамони худ барои хизматҳояшон маоши нағз доданро шуруъ кардам. Овоза дар бораи он ки дар ташкилоти ман пули зиёд кор карда, бой шудан мумкин аст, беҳтарин мутахассисони соҳаҳои гуногунро ҷалб кард. Пардохтҳои зиёд на танҳо маро муфлис накарданд, балки боигариамро афзун намуданд.

Аз нигоҳи аввал ин гӯё аз ақл берун аст, вале дар асл ин ҳақиқат аст: ҳар қадар ба шахсоне, ки ба Шумо нағз хизмат мекунанд, пули бисёр тақсим кунед, ба ҳамон андоза бой мешавед. Аммо ин ҳақиқати оддиро танҳо шахсони алоҳида дарк мекунанд. Аксарияти мутлақи одамон кӯшиш мекунанд, ҳар чи маблағи бештарро барои худ бигиранд ва ҳар қадар имкон бошад, камтарро ба дигарон диҳанд. Ана барои чӣ ҳамёни онҳо тиҳӣ мешавад.

Оё Шумо "асрори мубодила"-ро фаромӯш накардаед? Барои он ки чизе ба даст оварӣ, бояд чизе бидиҳӣ. Ҳар

вақте зарурати мукофот додан ба ҳамсафон ва ҳамкорон пайдо шавад, аз ин принсип истифода баред: *ба онҳое мукофоти хуб диҳед, ки хизмати хуб мекунанд.*

## Шахсони корнамоӣ нишондодаро шахсан мукофот диҳед

Майлу рағбати сарватманд шудан хоси одамон аст, аммо соҳиби иззату эҳтиром гаштан дар онҳо камтар нест. Ва маъмулан, кормандони дорои истеъдоди баланд, эътироф шуданро аз мукофоти пулию молӣ баландтар медонанд. Сарвароне, ки қодиранд дар одамон кӯшиши эътироф шуданро бедор мекунанд, дар кӯтоҳтарин муҳлат пайравони содиқро ба худ ҷалб мекунанд.

Беҳтарин усули ҷудо кардани шахсони корнамоӣ нишондода ва нишон додани муносибати худ ба онҳо – ин бо дасти худ навиштани мактубҳо ба шумор меравад. Баъд аз самурай шуданам, барои худ қоидае ҷорӣ кардам, ки он аз ҳамарӯза навиштан ва равон кардани мактубҳо иборат буд.

Баъзе сарварон бар ин фикранд, ки аз даст навиштани мактуб кори пурташвиш аст; дигарон бошанд, аз ҳусни хати безеби худ шарм мекунанд. Бинобар сабаби маълумоти кофӣ надоштанам, ман дар масъалаи имлои забон мушкилоти калон доштам, вале аз ин масоили ҷиддитар – хаттотӣ пеши рӯям қарор дошт. Аммо ҳамаи ин ягон аҳамият надорад, агар кӯшиш доред, он чизеро, ки дар қалбатон ҳаст, баён намоед. Вақте ман ҳиссиёти худро хаттӣ баён мекардам, масъалаҳои шакл ва услуб маро парешонҳол намекарданд.

Сарварони дигар аз хизматрасониҳои котибҳо истифода мебурданд, вале ман шахсан навиштани мактубро афзалтар медонистам. Гирандагони чунин номаҳо баъди

дастрас кардани онҳо ниҳоят хурсанд мешуданд. Барои мисол, ман шахсан ба ҳар яке аз ҷанговарони "ҳафт найза" номаҳои миннатдорӣ навиштам. Дар яке аз онҳо, аз ҷумла навишта шуда буд: "Қаҳрамониҳои барҷастаи шумо дар Сидзугатакэ, симои Ҷопонро дар чашмони наслҳои оянда тағйир доданд".

Сипосгузориҳои хаттӣ ба ҳайси шакли муҳимми ҳавасмандгардонӣ хизмат карданд, зеро тартиби ҷо ба ҷо шинондани одамонро пеш аз гузаронидани шӯроҳои низомӣ, муқаррар мекарданд. Вассале, ки шумораи зиёди ситоишу таҳсин дошт, метавонист дар назди генерали худ нишинад. Ба ғайр аз ин, аз рӯйи теъдоди сипосномаҳо ҳуқуқи вассал барои баён намудани андешаи худ дар шӯрои ҳарбӣ муайян карда мешуд. Самурайҳо барои гирифтани раҳматномаҳо ниҳоят шавқманд буданд, зеро онҳо барои ишғол намудани мавқеи баланд дар ин олам, кумакашон мекарданд.

Сипосгузорӣ танҳо яке аз шаклҳои ҳавасмандгардонии маънавӣ ба шумор меравад. Баъди ҳар як муҳорибаҳо ман ба ҳар як аскаре, ки корнамоии махсус нишон додааст, шамшер, сару либоси низомӣ ва дигар инъомҳо тақдим мекардам. Барои он ки ҳарчӣ тезтар намунаҳои шуҷоатмандӣ ва ҷасорати барҷаста қайд карда шаванд, ман ҳамеша ин корро дар ҷояш анҷом медодам. Гирандагони инъомҳои номбурда ба ин амал баҳои баланд медоданд, бисёре аз ин чизҳо ба сарвати оилавӣ мубаддал гашта, аз дасти як авлод ба насли дигар мегузаштанд.

Сарварони муваффақ, ки самаранокии на танҳо инъомҳои моддӣ, балки маънавиро низ эътироф мекунанд,"асрори эътироф кардан": *шахсони корнамоӣ нишондодаро шахсан мукофот диҳедро,* истифода мебаранд.

## Барои ба даст овардани афзалият, ягонагиро мустаҳкам намоед

Дар ҷараёни муҳорибаҳои низомӣ кори ботартиби даста аҳамияти ҳалкунандаро ба худ касб мекунад. Магар дар дигар ҳолатҳои ҳаётӣ нақши кори дастаҷамъона ба ин андоза муҳим нест? Ман ба таври қатъӣ мӯътақидам, ки кори муштарак – асоси комёбии ҳар як ташкилот – ҳарбӣ, тиҷоратӣ ё маъмурию хоҷагӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, вазифаи асосии сарвар – ин таъсис додани дастаҳо ва бо инъому мукофотҳо ҳавасманд гардонидани кӯшишҳои ин гурӯҳҳою дастаҳо иборат мебошад.

Дар замони худ князь Нобунага устоди барҷастаи санъати размӣ, мутахассис оид ба истифодаи найза, самурай бо номи Мондоро ба хизмат қабул карда буд. Аз дасти вай садҳо душман дар майдони набард ба ҳалокат расонида шудаанд ва шогирдони вай таъриф мекарданд, ки ягон кас аз ҳисоби сокинони замин дар санъати ҷанг ба вай баробар шуда наметавонад. Маҳз барои ҳамин, ба Мондо супориш шуда буд, ки ба омӯзиши аскарони қабилаи Ода дар самти малакаи истифодаи найза машғул шавад. Ман дар бораи шӯҳрат ва садоқати шахсии вай ба генерал Сибата – ҳарифи асосии ман дар қабилаи Ода хабар доштам. Вале дигар сабабҳои аз вай эҳтиёт шудан барои ман вуҷуд надошт.

Ҳамааш дар он рӯзе, ки Мондо ба тантанаи аз ҷониби князь Нобунага барои сарвассалҳои худ ташкил карда буд, ташриф оварда буд, тағйир ёфт. Ду мард аз рӯйи одат ба муҳокимаи масъалаҳои роҳу усулҳои низомӣ шурӯъ карданд ва князь Нобунаго аз Мондо пурсид, ки кадом найзаро дар ҷанг истифода бурдан қулайтар аст: кӯтоҳ ё дарозро.

– Албатта, кӯтоҳро, – бо қатъият ҷавоб дод, Мондо. – баъди ҷаҳиш ба пеш чунин найза ба бадани душман бо

қувваи зиёд дохил мешавад. Илова бар ин, бо он метавон ба таври хеле тез дар як вақт бо чанд душман мубориза бурд. Ин аслиҳа махсусан дар набарди наздик, вақте найзаи дароз нодаркор мешавад, самаранок мебошад. Касе, ки дигар хел фикр мекунад, аҳмақ аст.

Князь Нобунага ки одат карда буд, ки дар муҳорибаҳо бо найзаи ниҳоят дароз иштирок намояд, дар ҷойи нишасташ ҳиҷолатомезона беқарор шуд. Аммо, ба унвони князии худ нигоҳ накарда, бо одаме, ки худаш барои хизмат ба ҳайси коршиноси ин масъала қабул карда буд, баҳс карданӣ набуд.

Вай бо нигоҳаш маро пайдо намуда, бо ишора маро даъват кард, ки дар муҳокимаи ин масъала иштирок намоям.

– Ана ту ҳам дар ҳамин ҷо ҳастӣ, Хидэёсӣ! – бо ман салом дода, гуфт князь. – Шояд ту бо фикру андешаҳои худ оид ба ин масъала моро саргарм мекунӣ. Ба фикри ту, дар ҷанг кадом найзаро истифода бурдан беҳтар аст: дароз ё кӯтоҳро?

Ман дар ҳолати барои худ ғайримуқаррарии қаҳролуд қарор доштам ва пинҳон кардани онро зарур нашумоEndидам.

– Барои чӣ аз ман мепурсед? – ба ҷониби Мондо ишора карда, гуфтам ман. – Ана он шахсе, ки ин масъаларо ба таври хеле хуб медонад. Беҳтар хоҳад буд, агар Шумо андешаҳои вайро гӯш кунед.

– Ба ҳар сурат, Маймун, – ором намешуд князь Нобунага, – лутф намоюю андешаҳои худро дар ин масъала ба ҳозирин бигӯ.

Дар лаҳзаи аввал ман нафаҳмидам, ки дар паспардаи хоҳиши вай чӣ мақсаде ниҳон аст, аммо акнун ман онро ба таври пурра пайхас кардам. Ҳатто танҳо ҳамин бояд

маро ба фикри он ки дар чунин вазъият беҳтарин ҷавоб ин посухи муҷмал бошад, равона мекард. Аммо, тавре ин аксар вақт ба амал меояд, сари вақт забони худро идора карда натавонистам.

– Чӣ илоҷ, Шумо, ки бо чунин қатъият хоҳиш менамоед, – ҷавоб додам ман, – мегӯям, ки дар ин ҷо чизи муқоиса мекардагӣ вуҷуд надорад. Найзаи дароз на танҳо ба ҳайси намуна, беҳтар аст.

Мондо бо шаст нимкосаи пур аз сакэи худро ба миз зад ва бо қаҳру таҳқиромезона гуфт.

– Охир, ту умуман дар ин масъала чиро мефаҳмӣ?

Ростӣ гап, ман дар баён намудани андешаи худ каме саросема шудам ва барои мулоҳиза намудан сарф кардани вақти худро зарур нашумоpидам. Вале баъд чунин аксуламал маро ҷуз ҳимоя кардани нуқтаи назари баёншуда, илоҷи дигар намонда буд ва вақте кӯшиш кардам онро асоснок намоям, дарёфтам, ки ба дурустии он бовар дорам.

– Ман дар ин масъала ба андозае, ки шумо ворид ҳастед, балад нестам, вале медонам, ки найзаи дароз дуртар парвоз мекунад ва бинобар ин, метавонад дар масофаи калон душманро захмдор ё ба ҳалокат расонад. Пас, бинобар ин, он аз найзаи кӯтоҳ беҳтар аст.

Мондо ҳатто кӯшиш накард, ки бадбинии худро дар овозаш пинҳон намояд.

– Ҳамаи ин назарияе беш нест. Вале ту, калламӯши бемӯй ба ман бигуй, ки бо найзаи дароз дар муҳорибаҳои ҳақиқӣ чанд душманро куштаӣ?

Дар ин миён княз Нобунага зарур шуморид ба баҳси мо мудохила намояд ва маро аз номбар намудани рақами аниқи душманони аз ҷониби ман нобудкарда, ки он ба сифр баробар аст, халос намояд.

– Лаққиданро бас кунед! – гуфт вай. – Сафсатаи бисёр баҳси бамиёномадаро ҳал намекунад. Пешниҳод мекунам, озмоиш гузаронида, ҳақиқатро муайян намоед. Ба ихтиёри ҳарду тараф панҷоҳнафарӣ аскар дода мешавад. Ба ҳар яки Шумо барои ба аскарони худ омӯзонидани истифодаи ин намудҳои найзаҳо се рӯз мухлат дода мешавад. Баъд аз се рӯз барои муайян кардани ғолиб муҳорибаи намунавӣ мегузаронем. Пешниҳоди маро қабул менамоед?

Мо ҳарду розӣ шудем. Мондо мағрурона писханд зад ва аз шикасти ногузири ман пешакӣ лаззат бурд. Ман бошам, табассуми оҷизонае нишон додам, зеро ба мағлуб намудани чунин душмани боистеъдод бо яроқи дӯстдоштаи вай, ниҳоят шубҳа доштам.

Княз Нобунага фармон дод сад нафар аскарро ҷамъ намоянд ва ба онҳо шартҳои муҳорибаро шарҳ дод. Тамоми аскарон дафъатан талаб карданд, ки онҳоро ба дастаи Мондо шомил кунанд, бинобар ин, княз Нобунага амр намуд, то ки аз рӯйи гамдумпоя қуръа кашанд. Табиист, онҳое, ки гандумпояи дарозро кашиданд, ҷониби Мондоро интихоб карданд, ба ман бошад, панҷоҳ нафар аскари рӯҳафтодаи бетолеъ насиб гардиданд. Вақте ман онҳоро барои нахустин шиносой ҷамъ намудам, зимни суханронӣ маҷбур шудам ҳар як калимаро бодиққат интихоб намоям.

– Ба шумо ҳақиқати гапро мегӯям, – дафъатан иқрор шудам. – Ман худро бо доштани маҳорати хуби идора кардани найза, хоҳ хурд бошад, хоҳ калон ё дилхоҳ найзаи дигар таърифу тавсиф карда наметавонам. Вале ҳатто агар ман устоди ин соҳа ҳам мебудам, се рӯзи ҷудошуда барои омӯзонидани Шумо кифоя нест. Ҳамаи он дарсҳое, ки шумо аз худ кардаед, баъди аввалин зарбаи сахт аз саратон парида мераванд. Барои аз худ кардани малакаҳои ҳарбӣ машқҳои дурударозу боисрор ва устоди хубу ботаҷриба

зарур мебошанд. Мутассифона, на ину на дигар ба шумо муҳайё карда намешавад.

Дақиқан, ин на он суханронии оташине буд, ки онҳо аз ман мунтазир буданд. Аскарон бо чеҳраи турш ба якдигар дида дӯханд ва баъд бодиққат ба ман назар андӯханд.

– Агар вазъ чунин бошад, – гуфт яке аз онҳо, ки аз афташ, аз ҳама ҷасурашон ба шумор мерафт, – беҳтар он нахоҳад буд, ки ғалабаи Мондоро эътироф намоем ва ба ин кор хотима бахшем? Агар моро шикаст диҳанд, бадтар хоҳад шуд. Чаро корро то оқибати ногузир ва шикасти нодаркор расонем?

Бошитоб ба пеш қадам гузошта, аз китфонаш дошта гирифтам ва бодиққат ба рӯяш нигоҳ кардам. Вале вақте ба саволаш ҷавоб додам, дар овозам хашм вуҷуд надошт.

– Маро бодиққат гӯш кун, – гуфтам ба вай. – Ман иқрор шудам, ки дар истифодаи усулҳои муомила бо найза тавоно нестам, то ки онҳоро ба шумо ёд диҳам, гузашта аз ин, шумо ҳам вақт надоред, ки онҳоро аз худ намоед. Вале ман дар бораи шикаст хӯрдан дар ин озмоиш чизе нагуфтам.

– Дар ин сурат Шумо чӣ пешниҳод доред? – ба дигарон назар дӯхта, гуфт аскар. – Бо туфанг мусаллаҳ шуда, дар вақти муайянгардида ба муҳорибаи шартӣ бароем?

– Ин найранг ба кор намеравад, – қайд намуд кадом соддалавҳ, яқин чунин фикр кард, ки пешниҳоди мазкур ҷиддӣ аст. – Князь Нобунага ҳеҷ гоҳ чунин ғалабаро эътироф намекунад.

– Ба шумо туфангҳо зарур намешаванд! – гуфтам ман.

– Бо шумо чун ман як роҳбаре хоҳад буд ва ман ваъда медиҳам, ки шумо ғалаба хоҳед кард. Вале барои ин шумо бояд якҷоя, ба мисли як даста мубориза баред. Агар шумо фармонҳои маро ба таври дақиқ иҷро намоед ва ҳама ба мисли як одам амал кунед, дар ин сурат метавонед най-

заҳоро тавре дилатон мехоҳад, истифода баред. Аз шумо танҳо як чиз – ҳар қадаре имкон дорад, ҳамон қадар сахт ба душман зарба занед ва он ҳатман фирор мекунад. Фаҳмо?

Онҳо, ки ҷуръати баланд кардани чашмонашонро надоштанд, ноустуворона сар ҷунбониданд.

– Акнун, – гуфтам ман, – шумо омӯзиши худро бо ҳамдастаатон аз нағзакак нӯшидани машруботу хӯрдани ғизо оғоз мекунед!

Ман амр кардам, ки ба хаймаам моҳии бирён ва сакэи бисёр биёранд, сипас мо ҳама якҷоя ба истеъмоли хӯроки шом сар кардем, ки дар охири он забонҳо ва пойҳои иштирокчиён якхела сахт ба ҳам печиданд.

Рӯзи дигар ман онҳоро, ки ҳанӯз аз кайфу сафои шабона ба худ наомада буданд, маҷбур кардам ба се гурӯҳ тақсим шаванд. Ба ду гурӯҳи аввал вазифа гузоштам, ки аз тарафи чап ва рост ба душман ҳамла намоянд, ҳол он ки дар ин вақт гурӯҳи сеюм вазифадор буд, ба марказ зарба занад.

– Вақте ман фармони ҳамла карданро медиҳам, шумо бояд онро фавран иҷро намоед, – дод задам ман. – Омода ҳастед? Ба пеш! Баъд аз он ки то аз ҳад зиёд арақ карданашон онҳоро давондам, боз барои омода намудани хӯроки шом амр додам ва ҳамаи аъзои дастаро барои бодиққатӣ ва боинтизомиашон таъриф кардам.

Дар ин миён, Мондо аскарони гурӯҳи худро бо истифодаи усулҳои муомила бо найзаи кӯтоҳ, аз қабили: чӣ гуна зарбаро гардонидан, тахти кадом кунҷ зарба задан ва ғайраро таълим медод. Вале омӯзиши одамоне, ки бори аввал ин аслиҳаро ба даст гирифтаанд, хеле бад пеш мерафт ва ба зудӣ тоқати сарвари онҳо тоқ шуд. Мондо бо навбат зарбаҳоро бо найзаи таълимии худ ва суханҳои хашмин истифода бурда, кӯшиш мекард бо таҳдид онҳоро

маҷбур намояд, ки малакаҳои заруриро аз худ кунанд, вале чунин тарзи таълим аскаронро танҳо ба маъюсии бештар меоварду бас. Дар рӯзи дуюм, вақте ба қисмати зиёди одамони вай маълум гардид, ки ман бо одамони дастаи худ муомилаи хуб дорам, ба ғур-ғур даромада, мегуфтанд, ки кошкӣ дар қуръакашӣ чубчаи кӯтоҳро мекашиданд. Чунин кайфияти одамонаш танҳо оташи ғазаби Мондоро тасфонду бас.

Шоми рӯзи анҷомёбии таълим ман бархостам ва нӯшбод гуфтам:

– Пагоҳ рӯзи зӯрозмоӣ аст. Чизи аз ҳама муҳимро дар хотир дошта бошед: шумо бояд якҷоя, ба мисли як одам амал намоед, дар ин ҳолат зӯр мебароед. Барои ғалаба!

Ман қадаҳи худро боло кардам, онҳо бошанд, қадаҳҳои худро баланд карданд.

Душманони мо рӯзи охири омодагии худро бо доду фарёд ва ҳақоратҳои хашмини Мондо ба анҷом расониданд. Вақти ғуруби офтоб, вақте онҳо якчанд ҷавононро аз дастаи ман вохӯрданд, таассуроти худро дар бораи чӣ гуна гузаштани таълим баён карданд.

Мо ҳамин ҳоло машқи охирини худро тамом кардем, – бо лаҳни шикоятомезона гуфт яке аз одамони Мондо. Ӯ моро аз пагоҳӣ то шаб медавонад. Мо ҳатто вақти ғизо хӯрдан надорем! Қувваи ҳаракат кардан ҳам надорем. Аз ин найзаҳои лаънатӣ дастҳоямон аз кор монданд. Ягона хубӣ он аст, ки дар ҳама ҳолат пагоҳ машаққати мо ба охир мерасад.

Рӯзи дигар садои нақора аз оғози зӯрозмоӣ дарак дод. Вақте ҳарифон найзаҳои таълимии аз наи ҳиндӣ сохташудаи худро ба даст гирифтанд, дар издиҳоми тамошобинон, ки дар гирди майдончаи шамшербозии бо девор иҳоташуда ҷамъ омаданд, пичир-пичири ҳаяҷономез паҳн

гардид. Барои тамошо кардани зӯрозмоӣ ҳамаи мардон, занон ва кӯдакони қалъа омада буданд.

Қабл аз он ки ба одамонаш фармони ба майдонча баромаданро диҳад, Мондо маҳорати санъати найзазании худро намоиш дод. Найзаи вай ниҳоят тез чарх зада, ба доираи пурра рахнашуда ҳамроҳ мешавад. Баъди ба охир расонидани намоиши худ ба ҷониби ман баргашта, табассум намуд. Ман кафи дастони араққардаи худро пок намуда, найзаро аз як даст ба дасти дигар гирифта, сар ҷунбонидам.

Тибқи фармон дастаи ман ба се гурӯҳ тақсим шуд, баъд аз ин ба дастаи марказӣ фармон додам, ки ба одамони Мондо ҳамла намоянд, онҳо ин амалро бо рӯҳияи баланд анҷом доданд. Ҳарифони мо ба чунин амали аскарони мо таълими хуб нагирифта буданд. (Мондо қисмати асосии вақтро ба такмили усулҳои инфиродӣ бахшида буд) ва таҳти фишори якҷояи дастаи ман, ки бо найзаҳои дароз мусаллаҳ буданд, сафҳои онҳо дар ҳолати ба воҳима афтодан, омехта шуданд.

Баъд аз он ки ман ба ду гурӯҳи дигар фармони аз ҷаноҳҳо ҳуҷум намояндро додам, дастаи Монд дафъатан худро ба ақиб гирифтанд. Сарвари онҳо дар гирдашон медавиду амр мекард ва кӯшиш мекард ба аскарони алоҳида хотиррасон намояд, ки онҳо чӣ гуна бояд ҳамлаҳоро баргардонанд, вале аз ин амалҳои вай ягон натиҷа ба даст намеомад.

Гап дар сари он аст, ки онҳо қариб ягон чизро азхуд накарда буданд, ба ғайр аз ин, тавре дуруст пешгӯйи карда будам, дар нахустин фишори ҷиддӣ ҳама чиз дар майнаи сарашон омехта шуда, он чизи кучакеро, ки дар ёд доштанд, аллакай фаромӯш карданд. Боз садои нақора баланд шуд ва дастаи маро ғолиб эълон карданд.

Мондо дар назди девори майдончаи шамшерзанӣ ба ду даста: яке афсурда ва дигаре шоду хуррам нигоҳ карда, карахт шуда монда буд. Баъд аз ин, ӯ сабқати интиқомро талаб кард. Княз Нобунага аз таҳти дил табассум карда, аз ман пурсид, ки оё розӣ ҳастам.

– Агар одамони ман омода бошанд, ман ризоияти худро медиҳам. Онҳо бошанд, ҳамаашон розӣ шуданд. Садои нақораҳо аз сари нав баланд шуданд, вале дар ниҳояти кор боз ҳамон натиҷа ба даст омад: дастаи Мондоро аз майдонча танг карда бароварданд, ин дар ҳолест, ки дастурдиҳандаи онҳо аз хашму ғазаби нотавонӣ девонаавзоъ шуда буд.

– Зурозмоӣ анҷом ёфт, – тантанавор эълон намуд княз Нобунага. – Дар он дастаи Маймун ғалаба кард.

Сипас, барои он ки ба ману Мондо муроҷиат намояд, рӯяшро ба ҷониби мо гардонид.

– Вале, умедворам, ба ҳама фаҳмо шуд, – илова намуд вай, аммо аллакай бо овози паст, – ки сабаби чунин фарҷом маҳорати сарвар аст, на бартарии ин ё он намуди найза. Ваъда бидиҳед, ки дар байни шумо ягон кинаю адоват боқӣ намемонад. Ҳамаи мо ба як қабила, қабилаи Ода хизмат мекунем.

Мондо, ки аз шиддати ғазаб дандонҳояшро бо ҳам фишурда буд, аз ноилоҷӣ розӣ шуд, ин дар ҳолест, ки пуштибони вай генерал Сибатаи дар канори майдонча истода буд, ба қафо баргашта, намоишкорона макони мусобиқаро тарк кард.

Баъди зурозмоӣ ман ба одамони худ ҳар қадаре, ки метавонистанд сакэ нӯши ҷон намоянд, ҳамон қадар барояшон муҳайё сохтам, вале онҳо бе ин ҳам аз мукофоти ба қувваи худ ба даст овардаашон, розӣ буданд. Ҳамагӣ хушҳол аз он буданд, ки чунин мукофотро худашон ба ху-

дашон тӯҳфа карданд ва дарки он ки кори аҳлонаю якҷоя дар ҳайати даста метавонад ҳатто кӯҳро талқон намояд, барояшон муҳимтар аз ҳама буд. Дар натиҷаи якҷоя амал кардан, онҳо кореро анҷом доданд, ки ҳамагӣ се рӯз пеш барояшон имконнопазир ҳисобида мешуд.

Барои чӣ дастаи ман одамонеро мағлуб кард, ки роҳбарашон сарвари бомаҳорат буд? Барои он ки аъзои ин даста муҳиммияти якҷоя будану ба якдигар эътимод бастанро дарк карданд. Ба ҷойи он ки танҳо ба маҳорати худ эътимод бандед, тавре Монда чунин кард, ман аъзои дастаи худро бовар кунондам, ки онҳо дар якҷоягӣ ба бисёр корҳои бузург қодир ҳастанд. Сарварони самаровар "асрори кори якҷоя ё гурӯҳӣ": *барои ба даст овардани бартарӣ, ягонагиро мустаҳкам намоедро,* ба хубӣ дарк мекунанд.

## Кор дар ҳайати даста, худ мукофот аст

Сарвари муваффақ сазовори мукофоти зиёд мегардад. Баъзе аз сарварон аз ҳама мукофоти гаронарзишро боигарӣ ва обрӯю эътибор меҳисобанд. Вале, ба андешаи ман, мукофоти аз ҳама гаронбаҳо барои сарвар ин қаноатмандӣ аз натиҷаи кори дастаи вай ба шумор меравад. Сарвари муваффақ кӯшишу ғайрати худро на барои нишон додани хубии худ равона месозад, балкӣ ҳама корро ба субут мерасонад, то ки нишон диҳад, чӣ гуна дастаи хуб дорад!

# 8

## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР БА МАСЛИҲАТ НИЁЗ ПАЙДО ШАВАД

Сарвар ҳамеша танҳо аст. Чанд сол пеш, вақте ман барандаи шиппак будам, бисёр соатҳои форамро бо дигар хизматгорҳо мегузаронидам. Мо дар паси саисхонаи қалъа дар курсиҳои набуда ҷой гирифта, аз хӯрдани биринҷҳои саққочадор ва сабзавоти дар сирко хобондашуда ҳаловат бурда, ба якдигар таърихчаҳои шух нақл мекардем ва ҷанобҳоро ҳазлу мазоҳ мекардем. Акнун ман ҳокими Ҷопон ҳастам ва тавонотарин князҳо маҷбур ҳастанд ҳафтаҳо мунтазири пазирой бошанд, то ки якчанд дақиқаро бо ман гузаронанд. Баъзан, ба хотираҳои фораму гуворои даврони ҷавонӣ дода шуда, худро дар он дармеёбам, ки пойҳоям худашон маро ба саисхона мебаранд. Вале ба мадди назари онҳо пайдо шудани ман кифоят мекунад, ки кайфияти шухиомез ва ҳалимонаи хизматгорон дафъатан аз байн равад. Ҳамон лаҳза дар гирду атроф ноумедӣ ҳукмфармо мешавад, ҳама ба зону афтода, таъзим мекунанд.

Ҳокимият ба одам имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, вале ӯро аз атрофиён дур мекунад. Сарвари доно бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи маслиҳатчиёни оқил бошад, то ки самаранок роҳбарӣ намояд ва қарорҳои дуруст қабул кунад.

## Ба ҳайси мушовирон боэътимодтарин дӯстонро интихоб намоед

Шумо аллакай медонед, ки аз ҳама арзишмандтарин сарвати худ – алоқаи шахсиро чӣ гуна зиёд намоед. Одамоне, ки бо онҳо солҳои зиёд шинос ҳастед, метавонанд ба шумо маслиҳати хуб диҳанд. Барои ман Короку, саркардаи дастаи роҳзанҳои машҳур яке аз чунин одамон гардид.

Короку – намунаи дурахшони "ошноии бад" мебошад, ки бо вай дар оғози ҷавонии оворагардии худ пайваст шуда будам. Бинобар сабаби даҳ соли фарқият дар синну сол вай бароям ҳамчун бародари калонӣ ба ҳисоб мерафт. Дуруст аст, ки вай ба ман ососҳои касби дуздиро ёд медод, вале баъди интихоб кардани роҳи ҷавонмардӣ ва самурай шудан, ман аз баҳри ин тарзи ҳаёт гузаштам. Ба ҳар сурат муносибати дӯстонаи мо боқӣ монд. Дар асри ҷангҳо, вақте ки хиёнат ва фиреб ба мисли абрҳои раъду барқ болои кишвар овезон шуданд ва ман маҷбур гаштам бо душманон ҳатто дар дохили қабилаи худ мубориза барам, Короку аз ҷумлаи камтарин одамоне буд, ки метавонистам ҳаёти худро ба ӯ бовар намоям.

Баъди қатли княз Нобунага рӯзҳои сиёҳ фаро расиданд. Артиши ман танҳо монда буд, маҷбур шудам бо яке аз душманон созиши сулҳи муваққатӣ бандам ва ёфтани воситаи гирифтани интиқом аз дигар душманро ҷустуҷӯ намоям. Дар ин муддат сарвассалҳои қабилаи Ода, ки ба таври ногаҳонӣ сарвари худро аз даст дода буданд, оид ба чӣ кор кардан дар оянда баҳсҳои шадид менамуданд, дар паси парда бошад, ҳарифони ман кӯшиш мекарданд, ки дастпарварони худро сари қудрат биёранд.

Бегоҳирӯзии фалокатовари июн, ки хабари марги княз Нобунагаро оварда буд, дар байни мушовирони ман баҳсҳои гарм оид ба гирифтани интиқоми қатли вайро ба

миён овард. Барои он ки як муддати кӯтоҳ ба ҳиссиёти ғамангези худ дода шавам, бо ёрдамчиёни наздиктари худ машварати яксоата гузаронида, аз хайма берун баромадам, то ки оромона фикр кунам. Дӯсти деринам Короку бо ишора бароям фаҳмонд, ки аз даромадгоҳ каме дуртар равам, то ки касе моро гӯш карда натавонад ва маслиҳати хуб дод.

– Ҳозир айни вақти амал кардан аст, Маймун, пичирос зада гуфт ӯ. – Рӯзҳои хуб ва пештараро, ки он вақт дар дастаи дуздони ман будӣ, дар ёд дорӣ? Ту ба қиморбозӣ шавқ доштӣ ва чандин маротиба ҳама дороиятро аз даст медодию бо як куртаи танат мемондӣ. Бидон, ки ҳамин лаҳза бароят вақту соат фаро расидааст, ки калонтарин пули қиморро ба миён гузорӣ. Ҳарифони ту агар чунин имконият пайдо намоянд, туро нобуд месозанд. Аз ин беҳтар вақтро барои ба роҳ мондани амалиёти қатъӣ фикр карда баромадан мумкин нест. Ҷаноби ту дигар бо мо нест ва ту онро баргардонида оварда наметавонӣ. Нагузор, ки мақсади бузурги княз бо ҳамроҳии вай аз байн равад. Инони ҳокимият ба дасти худ гир ва мамлакатро муттаҳид намо!

Суханони Короку маро ба мисли он ки як кафлез оби ях барин хунукро ба сарам рехта бошанд, дар бегоҳии тафсон аз ҳолати рӯҳафтодагӣ берун оварданд. Ман ба дастаи роҳзании вай ҳанӯз дар овони наврасӣ ҳамроҳ шуда, таҳти сарпарастии вай ба балоғат расидам. Дар ин лаҳзаҳо вай ба падаре , ки чӣ гуна ба мард табдил ёфтани писарашро назорат мекунад ва кӯдакашро аз худаш беҳтар медонад, монанд буд Маслиҳати вай дар он рӯзи бароям хело мушкил ҷиҳати муайян кардани тақдири ман кумак кард. Аллакай баъд аз чанд соат ман нақшаи “ҷаҳиши бузург”-ро ба кор даровардам. Ин танҳо яке аз

он вазъиятҳое ба шумор мерафт, ки маслиҳатҳои Короку барои ман бебаҳо буданд. Масалан, ҳанӯз дар давраи зинда будани князь Нобунага, дар ҷараёни омодагии ҳамла ба вилояти Мино, ки дар он ҷо қароргоҳи асосии қабилаи Сайто ҷойгир шуда буд, вай бо барангехтани тухми низоъ дар урдугоҳи душман, дар тайёр кардани замина барои ҳамла ба ман кумак карда буд.

Дар ин қабила бисёр ҷанговарони бераҳм хизмат мекарданд, вале аз байни дигарон, аз ҳама бештар моро "сегона аз Мино" нороҳат карда буд. Ин се самурай – Бокудзэн, Иттэтсу ва Моринарӣ бо истеъдоди ҳарбӣ шуҳрат пайдо карда, бо ҷасорат ва вафодорӣ ба сарвари худ Татсуокӣ ба мисли се ошно дар Юнони қадим хизмат мекарданд. Мо мехостем онҳоро ба тарафи худ ҷалб намоем, вале медонистем, ки бо муомилаи рӯирост онҳоро ба муқобили қабилаашон барангезондан имконнопазир аст.

Маҳз Короку ба ман маслиҳат дод, ки акси корро анҷом диҳам: қабилаи онҳоро бар зидди худи онҳо барангезонем. Дар якҷоягӣ мо овоза паҳн кардем, ки гӯё ин се ошно пинҳонӣ ба чунин қарор омадаанд, ки ба мо ҳамроҳ шаванд.

Сарвари номдори қабилаи Сайто Татсуокӣ, ки майлу рағбати бадахлоқонааш ба расогии ақли вай таъсир расонида буданд, ба овозаҳо бовар кард ва ба вафодории ин одамон, ки дар асл содиқтарин ҳимоятгаронаш буданд, шубҳа пайдо кард! Се ҷанговар, ки аз шубҳаҳои беасос сахт ранҷида буданд, барои дар чунин вазъият ба як қарори дуруст омадан, пинҳонӣ вохӯрданд. Дар ниҳояти кор, онҳо розӣ шуданд, ки ба иттифоқи қабилаи Ода шомил шаванд!

Баъди ба мо ҳамроҳ шудани се ошно ба князь Нобунага барои ба пуррагӣ забт кардани вилояти Мино фақат қалъаи Инабаяма халал мерасонид. Истеҳкоми боҳаша-

мати Инабаяма, ки дар қуллаи шух бино шудааст, намуди даҳшатнок ва бовиқор дошт ва ин қалъа аз ҳисоби пули тоҷири овозадори Досана, ки минбаъд дворянини олитабори қабилаи Сайто гардиду барои маккории худ тахаллуси Мори аъфӣ аз Миноро соҳиб шуд, сохта шудааст. Дарвозаҳои бузурги ақиби Инабаяма сӯрохнашаванда ба назар мерасиданд, вале тавре ман гумон доштам, маҳз дар он ҷойи сустиаш қарор дошт. Бинобар сабаби он ки хоҳиши убур кардан аз болои чунин монеа ба сари ягон лашкаркаши солимфикр омаданаш имкон надорад, аз ин рӯ, фармондеҳони Сайто ба гумон аст, ки дар ин қисмати мудофиа аскари зиёдро ҷойгир карда бошанд.

Якҷоя бо Короку ва якчанд нафар одамони аз ҳама эътимодноки вай бо пайраҳаи гавазн аз тариқи ҷангали кӯҳӣ номаълум ба девори қафои қалъа омадем ва дар он ҷо мо бо хабаркаш, ки розӣ шуда буд, даромадгоҳи пинҳонии назди дарвозаҳои қафоро нишон диҳад, вохӯрдем. Баъди ворид шудан ба дохили қалъа, мо бо даҳҳо аскар рӯ ба шудем ва қабл аз он ки бонги хатарро зананд, ҳамаашонро аз теғ гузаронидем. Барои он ки ба вассалҳои Сайто монанд шавем, либосҳои онҳоро ба бар карда, мавқеи ҷойгиршавии душманро таҳқиқ намудем ва то пайдо кардани анбор пинҳонӣ аз паҳлӯи машъалҳои дудкунандаи дар деворҳо насбшуда, гузаштем. Сипас, худро ҳамчун дастраскунандагони озуқаворӣ вонамуд намуда, ба ҷониби дарвозаҳои асосии қалъа равон шудем. Бародари угайи ман Хидэнага моро дар берун интизор буд ва баъди мубодилаи аломатҳои шартӣ, мо тавонистем дарвозаҳои асосиро кушода, аскарони Одаро, ки дар паси деворҳо пинҳон шуда буданд, ба дохил ворид намоем. Ба ин тартиб, қалъаи Инабаямаро ғасб кардем.

Баъд аз ин, Короку барои як умр мушовири ман шуд. “Ҳар куҷое Маймун равад, ман ҳам дар ҳамон ҷо хоҳам буд”, – такрор кардани ин ҷумларо дӯст медошт Короку. Бо мақсади эътироф намудани хизматҳои вай, ман як қитъаи калони заминро ба ӯ тӯҳфа кардам, баъдтар бошад, барои таъмин намудани зиндагии осудаҳолона то охири умр ӯро мартабаи князӣ бахшидам ва молики қалъаю мулки калон кардам. Аммо Короку изҳор кард, ки мехоҳад таҳти фармондеҳии ман хизматро идома диҳад ва қалъаро ба писараш тақдим намуд. Вай то он лаҳзаи мудохила накардани он дасти бузурге, ки ҳамаи зиндаҳоро ногузир аз якдигар ҷудо менамояд, вассали содиқи ман боқӣ монд. Короку ҳамеша мегуфт, ки то қабр аз паси ман меравад, вале ӯ ин ҷаҳонро пеш аз ман, вақте ки синнаш каме аз шаст гузашта буд, тарк гуфт. Ман то имрӯз даргузашти ӯро бо сӯзу гудозу навҳа ба ёд меорам.

Сарварони муваффақ ба дӯстони наздикашон бовар мекунанд ва маслиҳатҳои оқилонаи онҳоро ба инобат мегиранд. “Асрори эътимоднокӣ”-и онҳо чунин аст: *Ба ҳайси мушовирон боэътимодтарин дӯстонро интихоб намоед*.

## Аз онҳое маслиҳат пурсед, ки аз эътироз кардан наметарсанд

Ягон нафар аз афсарони калони ман ба мисли бародари угаям Хидэнага бароям ба ин андоза азиз ва наздик набуд. Бе кумаки вай ман ҳеҷ гоҳ ба қуллаҳои баланди сарварӣ баромада наметавонистам.

Ман он рӯзҳоеро, ки княз Нобунага маро сардори сад аскари пиёда таъин кард, ба хубӣ дар ёд дорам! Онҳо, чӣ гуна метавонам фикри худро дуруст баён кунам, аз ҷумлаи найзаҳои аз ҳама тезтарини аслиҳахонаи Ода набуданд ва

ман худам ҳам бо вуҷуди зирак буданам, ҳанӯз таҷрибаи зарурӣ надоштам. Бо вуҷуди ин, ман аз ифтихормандӣ ҳақиқатан медурахшидам. Ҳамин ки бароям чанд рӯз рухсатӣ доданд, ҳамон лаҳза ба ҷониби зодгоҳам роҳ пеш гирифтам – ман ҳарчӣ зудтар мехостам ба модарам нишон диҳам, ки ба чӣ комёбиҳо ноил гаштам. Вале зиёдтар аз ин, мехостам бародари угаям Хидэнагаро бовар кунонам, ки дар мулки навакак соҳибшудаам, воқеъ дар наздикии қалъаи Киёсу, аввалин вассал шавад.

Дар ёд дорам, вақте бо либосҳои тозаю озодаи махсус барои ин рӯз харида ва савори аспи ба иҷорагирифтаам аз кӯчаҳои ифлос мегузаштам ба назари худам ман девпайкари семетраро мемондам. Мақоми иҷтимоии сардори дастаи хурди пиёдагардон ба ман иҷозат намедод, ки савора бошам, вале дар авҷи ҳавобаландии наврасӣ кӯшиш мекардам бо амали худ ба ҳамшаҳриҳоям таъсир расонам. Вақте ман ба гузашта дида медӯзам, мебинам, ки чӣ гуна як манзараи беҳӯдаро нишон додаам: ҷавони қадпаст, одами ба маймун монанд ва бо либоси бенасофат дар тан, савори аспи ниҳоят барои вай калон!

Бошандагони ин деҳаи дурдасти ноободи эҳтимол намефаҳмиданд, ки ман фақат аз худ одами обрӯмандро вонамуд месозам, зеро ҳамаи онҳо бо даҳони кушода маро тамошо мекарданд. Модар ва хоҳарам ба чашмони худ бовар намекарданд. Наход ин самурайи аспсавор дар ҳақиқат ҷавони деҳотӣ Хидэёсӣ аст, ки чанд сол пеш аз хона баромада рафта буд? Чӣ воҳимае ман ба вуҷуд овардам! Баъди саҳнаи баҳамоӣи хурсандиовар, ки бо шӯхию ханда идома дошт, ман бародари угаӣ худ Хидэнагуро ба тарафе ҷеғ зада овардам.

– Княз Нобунага ба ман музди на он қадар калони моҳона муқаррар карда, маро ба вазифаи сардори сад аска-

ри пиёда таъин намуд, – фаҳмондам ба ӯ. – Вале ман ягон вассал надорам ва на ягон хеше, ки тавонад бо ҳамроҳии ман ва ҳамсарам дар мулки нави ман зиндагӣ намояд. Медонӣ, Хидэнага, дар ин замони ноором беҳтарин воситаи дар зиндагӣ пеш рафтан ин ба хизмати ягон самурай дохил шудан аст. Оё бароят беҳтар нахоҳад буд, агар кор дар заминро як тараф монию ба назди ман биёӣ?

Хидэнага, ки аз ман чор сол хурдтар буд ва тарафдори бидуни саросемагӣ ва ҳамаҷониба фикр кардан ба шумор мерафт, ҳеҷ гоҳ зимни қарор қабул кардан шитоб намекард, ҳатто дар масъалаҳои ниҳоят кучак ҳам. Вай ба мисли афсуншуда ба майдони шолизори паси анбори нимвайрони ҳавлӣ бодиққат назар андохта, чизе нагуфт. Ман фаҳмидам, ки ба даст овардани ҷавоб осон нахоҳад буд. Тамоми шом ман ӯро розӣ кунониданӣ будам ва хоҳиш мекардам, ки ба оилаи нави ман ҳамроҳ шавад. Рӯзи дигар ман Хидэнагаи то андозае розишударо ба қалъаи Киёсу кашола карда овардам ва ӯ вассали аввал бо ҳуқуқи меросхӯрӣ шуд, яъне – хеше, ки дар сурати марги ман метавонад соҳиби мулки ман гардад.

Маълум шуд, ки Хидэнага рафиқи олӣ будааст. Сарфи назар аз хешутабории хунӣ, вай тамоман акси ман буд. Ман фикр намуда, тез амал мекардам. Хидэнага андозу баркаш карданро нағз медид ва танҳо баъди андешаи дурудароз аз ҷояш ҳаракат мекард. Ба мисли санги маҳак барои тез кардани кордҳо, мухолифати мантиқи хулосабарории моро суфта мекард ва ба ман дар ёфтани қарори дуруст кумак менамуд. Ба зудӣ бародари угайи ман на танҳо ҳамчун аскар, балки ҳамчун наздиктарин шахси эътимоднок гардид.

Беҳтарин сифати табиати худро Хидэнага дар ҷараёни сохтмони қалъаи Сунomata нишон дод. Баъд аз он, ки князь

Нобунага тамоми вилояти Овариро забт кард, мақсади кӯшишҳои минбаъдаи вай вилояти Мино гардид, вале кораш дар ин самт ба таъхир афтод. Баъд аз ин, вай ба ман супориш дод, ки дар Сунomата, дар сарҳади Мино ва Оварӣ истеҳкоми нав бунёд созам. Хидэнага беҳтарин корро дар самти назорат аз болои кори дастаи коргарони гуногун, ки аз тарафи дӯсти машҳури ман Короку шитобкорона ташкил карда шуда буд, анҷом дод. Баъд аз он, ки сохтмон анҷом ёфт, мо бо Хидэнага ба назди Короку ва одамони вай омадем.

Бародарон, табрик мекунам! – гуфтам ман. – Ман барои комёбиҳоям бори дигар аз шумо қарздорам!

Мо ҳарсе дастони якдигарро фишурдем ва иҷрои ин супориши азимро бо ҷӯшу хурӯш ҷашн гирифтем.

Дар ҷараёни ҷангҳои арергардӣ ҳангоми ақибнишинӣ кардани княз Нобунага аз Канэгасака Хидэнага вазифаи муовини аввали маро иҷро мекард ва сардори дастаи иборат аз дусад нафар буд. Моро зарур буд ҳаракати душманро нигоҳ дорем, то ки княз Нобунага тавонад артишро аз таҳти зарбаи душман берун барорад.

– Бе зарурият ба ҷанги рӯ ба рӯ ҳамроҳ нашав, – маслиҳат додам ба Хидэнага. – Замоне ҳис кардӣ, ки вақт фаро расидааст, одамони худро ба мавқеи ман биёр ва ба қувваҳои мо ҳамроҳ намо. Дар якҷоягӣ мо ба княз Нобунага кумак кардем, ки аз чанголи паланг раҳо ёбад. Ба ҳайси мукофот княз Нобунага ба ман мулки калонро дар вилояти Омӣ ато кард. Ман ҳамон лаҳза як ҳиссаи ин мулкро ба Хидэнага ва Короку ҳадя намудам.

Хидэнага ба ман ҳангоми сардори арергард буданаш, дар рафти "ҷаҳиши бузург", вақте баъди имзои созишномаи сулҳ бо қабилаи Морӣ мо барои ҷазо додани Митсухидэ ба Киото шитоб доштем, кумак кард.

Вазъияти ниҳоят хатарнок ба миён омада буд. Ҳар лаҳза қабилаи Морӣ метавонист аз марги Нобунага огоҳ шавад ва бо истифода аз заифии мо созишномаи сулҳро лағв намуда, ба ҳуҷум гузарад. Маҳз барои ҳамин ман думи ба мисли мор дарозшудаи артишро ба Хидэнага – боэътимодтарин ёрдамчӣ супоридам. Ба ман зурур буд, ки ҳарчӣ зудтар ба Киото рафта расам. Ба туфайли кӯшишҳои Хидэнага ҷаҳиши босуръат бо муваффақият анҷом ёфт ва мо аз қотили князь Нобунага қасос гирифтем.

Бародари угайи ман бо маҳорати баланд ҳар як супоришро аз паси дигараш иҷро мекард. Ҳангоми ҳамла ба Сикоку ман фармондеҳии тамоми артишро ба ӯҳдаи ӯ гузоштам. Худам дар он вақт бемор будам, вале ба ҳар сурат қарор додам ба Сикоку равам, то ки шахсан яке аз дастаҳоро роҳбарӣ намоям. Хидэнага аз нақшаҳои ман огоҳ шуда, ба ман нома навишт ва боадабона бовар кунонд, ки дар хона истам.

“Саёҳат ба Сикоку метавонад ба вазъи саломатии ту таъсири бад расонад, – навишта буд вай, – ва он комёбиҳои хоксоронае, ки ман аз номи ту ба даст меорам, тира менамоянд”. Хидэнага медонист чӣ гуна маслиҳатҳои муфидро мухтасар ифода намояд, то ки аз ҳусни таваҷҷӯҳи ман маҳрум нагардад. Вале, ҳамзамон аз баён намудани норизогии қатъии хеш бо ман, ҳатто дар масъалаҳои стратегӣ шарм намекард.

Масалан, дар соли 1586 роҳбари ҳайати иезуитҳо Гаспар Коэло барои мулоқот ба қалъаи Осака ташриф овард ва ба нақшаҳои минбаъдаи ман ҳусни таваҷҷӯҳ баён намуд.

– Баъд аз он ки сулҳро дар Ҷопон барқарор мекунам, – гуфтам ман ба ӯ, – ҳокимиятро ба Хидэнага месупорам ва худам ба истилои Корея ва Чин машғул мешавам.

Бо шунидани ин суханон, чеҳраи Хидэнагаро сурхӣ фаро гирифт ва сарашро поин кард. Баъд аз рафтани муаллими португалӣ маро ба утоқи ҳамсоя даъват намуд ва андешаҳоямро оид ба ишғол кардани сарзаминҳои аҷнабӣ сахт танқид кард. Аз ҳамон вақт, ҳар боре, ки ман дар бораи ҳуҷум ба қитъаи хушкӣ сухан оғоз мекардам, вай ҳамеша муқобили чунин нақшаҳо баромад мекард, онҳоро беандешона меномид. Баъдтар ман ба то чӣ андоза пайғамбарона будани суханони вай бовар кардам.

Бародари угайи ман то он рӯзе, ки ман маслиҳатҳои вайро беақлона сарфи назар кардам, умр надид. Якчанд сол ӯ сахт бемор буд, соли 1591 бошад, вазъи саломатияш дафъатан бад шуд. Баъди муҳориба дар назди Одавара ман шитобидам ҳарчӣ зудтар ба Киото баргардам, то ки ба аёдати Хидэнага равам. Ман дар назди ҳар як ибодатхонаи пойтахт зону хам карда, барои шифо ёфтани вай дуо мехондам, вале ҳамааш бефоида буд. Тақдир барояш ҳамагӣ панҷоҳу як соли зиндагӣ ҷудо карда буд.

Марги Хидэнага барои ташкилоти мо зарбаи даҳшатнок ба ҳисоб рафт. Ман ягона маслиҳатгареро, ки қодир буд хатогиҳои маро нишон диҳад, бебокона андешаҳои худро баён созад, худписандии маро паст кунад ва ниятҳои наҷибонаамро дастгирӣ намояд, аз даст додам.

Баъд аз марги вай нокомиҳо маро дар Корея ва Чин таъқиб мекарданд. Боиси таассуфи беинтиҳои ман аст, ки асоснокии тамоми огоҳиҳои Хидэнагаро хеле дер дарк кардам. Бо рафтани вай аз ин дунё, ҳаёти ман якбора тағйир ёфт ва тавре шумо ба наздикӣ хоҳед дид, ман он васиятҳои сарвариро, ки бароям имкон доданд ба ин дараҷаи баланд парвоз кунам, ба эътибор нагирифтам. Ман ба қуллаи баландтарини ҳокимият ноил шудам, вале баъди аз даст додани наздиктарин маслиҳатгар, худро одами ислоҳно-

пазир ҳис намудам. Агар имрӯз Хидэнага дар байни мо мебуд, ояндаи оилаи ман боз ҳам фараҳмандтар мегардид.

Сарвароне, ки дар атрофи худ мушовирони ба мисли худашон фикркунандаро ҷамъ менамоянд, ба худашон бадбахтӣ меоранд. Барои он ки Хидэнагаи худро пайдо намоед, аз “асрори вазни муқобил”: *аз онҳое маслиҳат пурсед, ки аз эътироз кардан наметарсанд,* истифода баред.

## Ба кор касеро қабул намоед, ки ягон корро аз шумо дида, беҳтар иҷро карда метавонад

Вақте ба сарвар маълум мегардад, ки қобилияти наздиктарин ҳамсафони вай барои пешрафти кори ташкилот халал мерасонад, ӯро зарур аст, ки ба ҷустуҷӯи одамони боз ҳам салоҳиятдор машғул шавад. Барои ҷалби бомуваффақияти истеъдодҳои барҷаста аз сарвар доштани малакаи бенуқсони муоширату садоқати бечуну чаро ба сухани худ талаб карда мешавад.

Комёбиҳои ман дар нақши мушовири княз Нобунага, ӯро водор намуданд, ки ба ман супоришҳои боз ҳам ҷиддӣ ва муҳим диҳад, ки дар ҷараёни иҷрои онҳо бароям муяссар гардид, ҳудуди имкониятҳои худро дарк намоям. Барои он ки дар оянда ҳам мушовири судманд бошам, ба ман зарур буд, ба дастаи худ стратеги забардастро ҷалб созам.

Беҳтарин стратеги ҳарбии он замон Хамбэй ба ҳисоб мерафт ва қарор додам ӯро ба ташкилоти худ ҷалб кунам. Вале ҷустуҷӯ ва пайдо кардани Хамбэй як тараф истад, моил кунонидани вай ба тарафи мо гузаштан, кори ниҳоят мушкил буд. Ӯ як одами асромез ба шумор мерафт. Вай аз хунрезиҳои дар гирду атроф ҳукмрон, ҳисси танаффур нисбат ба фисқу фуҷур фурӯ рафтани сардори қабилаи

Сайто Татсуока хаста шуда, аз корҳои зиндагӣ канор рафт. Касе намедонист, ки вай дар куҷо маскун гирифтааст.

Дар ниҳояти кор, бо кумаки ҷосусҳо бароям муяссар гардид аниқ намоям, ки вай дар нишебии кӯҳи Курихара, дар қалби вилояти Мино ҳаёти зоҳидиро ба худ касб намудааст. Ин ҷо қаламрави қабилаи Сайто, душмани ашадди мо ба шумор мерафт. Сафар ба он тараф бо худ хатари зиёд дошт, вале вазифаи ба ҷониби худ ҷалб кардани чунин як мушовири барҷастаро ба ягон миёнарав ё нукар бовар карда наметавонистам. Барои он ки диққати дигаронро ба ин вазифа ҷалб накунам, маро зарур буд, ки танҳо сафар намоям.

Ҳамчун ронини камбағал, бе душворӣ тавонистам то кӯҳҳои Курихара бирасам ва ба кулбаи хоксоронаи зоҳид ҳозир шудам. Вале Хамбэй дафъатан маро ифшо намуд.

– Ҷосусе, ки аз ҷониби Нобунага фиристода шудай! Шумо бошед, эҳтимол он одаме ҳастед бо чеҳраи маймун, ки дар бораатон бисёр шунидаам, – гуфт вай. Агар чунин аст, ба ҷаноби худ бигӯед, ки ман намехоҳам на бо ӯ ва на бо лагандбардорони вай кори умумӣ дошта бошам. Ман фаҳмондам, ки ба ин ҷо на ба сифати ҷосус ва на ба ҳайси намояндаи махсуси махфии княз Нобунага омадаам, балки ин роҳи дурур дарозро бо хоҳиши худ тай кардаам. Аммо вай дар ҳама ҳолат ба суханони ман гӯш накард. Бароям аён гашт, ки бовар кунонидани Хамбэй барои ба тарафи мо гузаштан, осон нахоҳад буд, бинобар ин, бо эҳтиром манзили ӯро тарк кардам. Вале такрор ба такрор аз вай хабар гирифтанро идома медодам, ба манзили кӯҳияш меомадам ва ҳар дафъа бо эҳтиром коҳишу сарзаниши тезутунди ӯро гӯш мекардам.

– Хоҳиш мекунам, ба ман имконият диҳед, фикру андешаҳои худро баён намоям, – илтиҷо мекардам ман. – Ман

ба кумаке ниёз дорам, ки онро танҳо Шумо метавонед, иҷро намоед. Ҳар вохӯрии навбатӣ бо ҷавоби инкор анҷом меёфт. Аммо баъди ташрифи шашум, Хамбэй аз истодагарии ман ба ҳайрат афтода, каме мулоим шуд.

Дувоздаҳ маротиба! Ман ба назди вай дувоздаҳ маротиба ҳозир шудам. Ман бо исрор аз таслим шудан даст мекашидам, randomчуноне, ки вай аз гӯш кардан ва дарки далелҳои ман худдорӣ мекард.

– Шумо Татсуокаро одами арзанда меҳисобед? – пурсидам ман аз вай рӯзе. Вале, агар Шумо дар бораи вай чунин фикр мекунад, пас чаро барои кумак кардан ба вай аз тамоми имкониятҳо истифода намебаред?

Аммо агар шумо ӯро лоиқ намешуморед, пас чаро ба муқобили вай баромад намекунед? Ба Шумо аён аст, ки князатон танбал ва хасис аст, аз вай вассалҳо канорагирӣ карда истодаанд, ӯро деҳқонон дӯст намедоранд ва ҳеч чиз вайро аз шикаст халос намекунад. Пас, чаро ба ҷойи ба одами маҳкумшуда хизмат кардан, ба хизмати ҷаноби лоиқтар гузаштанро беҳтар намедонед?

Қувваи мантиқи ман баҳснопазир буд ва Хамбэйи хашмгин, аз афташ, омода буд, гузашт намояд – аққалан ба хотири он ки аз меҳмони дилбазани нохонда халос шавад.

– Таассуфовар хоҳад шуд, агар истеъдодҳои барҷастаи шумо, ба ҷойи он ки ба тамоми дунё манфиат оваранд, бо ҳамроҳии шумо дар ин кӯҳҳо ба хок супорида шаванд, – идома дода, гуфтам ман.

Якчанд дақиқаҳои тӯлонӣ Хамбэй хомӯш истод ва сипас пурсид:

– Дар сурати розӣ шуданам, чӣ қадар маош ба ман пешниҳод карданӣ ҳастед?

Ин аксуламали деринтизор барои як лаҳзае маро аз сухан гуфтан маҳрум сохт, зеро барои посух ба ин савол

ман ҳанӯз омода набудам! Даромади худи ман ниҳоят хоксорона буд ва наметавонистам барои вай маоши зиёд пешниҳод кунам. Аммо ман ногаҳон “асрори мубодила”-ро ба хотир овардам: барои он ки чизе ба даст орӣ, аввал бояд чизе диҳӣ – ва дарк намудам, ки ҷавоб бояд якто бошад.

– Ман тамоми маоши ҳармоҳаи худро, ки аз княз Нобунага мегирам, ба Шумо медиҳам, – ваъда додам ба ӯ. Хамбэй ҳайратзада буд. Вай танҳо ҳамин лаҳза дарк карда буд, ки барои он ки ман ӯро ба сифати мушовир ба даст оварам, ба чӣ корҳое қодир ҳастам. Баъд аз танаффуси тӯлонӣ ман аз вай суханонеро шунидам, ки чанд ҳафта боз аз ӯ интизор будам.

– Агар ба ин ҷо худи Нобунага меомад, – оҳиста талаффуз намуд Хамбэй, – вай бо дасти холӣ бармегашт. Вале истодагарӣ ва неруи хислати шумо маро тасхир намуданд. Ман ба хизмати шумо ҳозир мешавам ва ба муқобили Татсуока ҷанг хоҳам кард.

Дар роҳи бозгашт ба хона ман вақти зиёд доштам, то дар бораи он ки баъди тамоми маошамро ба як корманд ваъда кардам, зиндагии худро чӣ гуна пеш хоҳам бурд, фикр кунам. Ба ман муяссар гардид Хамбэйро розӣ кунонам, вале бар ивази чӣ? Шояд, мо нақшҳои худро иваз кардаем? Эҳтимол кор бо он анҷом хоҳад ёфт, ки ман маҷбур мешавам ҷойи он зоҳиди камбағал аз нишебии кӯҳи Курихараро ишғол намоям.

Ман то он вақте, ки Хамбэй бароям дар бораи стратегия дарс мегуфт ва худро ҳақиқатан ҳам дар дарки санъати пешбурди ҷанг назар ба ҷаноби нави камсавод ва дилхоҳ мушовири княз Нобунага беҳтар медонад, кӯшиш мекардам ин фикрҳои маъюсонаро дар худ нигаҳ дорам.

Хушбахтона, вақте мо ба қалъаи Киёсу расидем, муваффақияти ҳайати ман оид ба ҷалби чунин як стратеги

барҷаста княз Нобунагаро ончунон хурсанд кард, ки маоши маро хеле баланд намуд ва бо ин иқдомаш маро дар оянда аз нодорӣ халос кард. Вақте ман барои ифода кардани миннатдории хеш рӯ ба таъзим мерафтам, фикри ногаҳон ба сарам омода оид ба чӣ андоза омад кардани корам, қариб буд хандаи ноҷоую бемаънӣ мекардам. Бо мушкилоти зиёд тавонистам ҷиддияти худро нигоҳ дорам, аммо княз Нобунага бо чашмони нимпӯш ба ман нигоҳ карда, гӯё аз кори нобоб шубҳа карда бошад, гуфт:

– Аҳволат хуб аст, Маймун? – мароқ зоҳир намуд вай.

– Бале ҷанобам, – ҷавоб додам ман.

– Ҳеҷ гоҳ худро аз ин беҳтар ҳис накарда будам.

– Ин хуб аст. Вале ту каме... нохуб ба назар мерасӣ. Аз афташ, ту бояд истироҳат кунӣ.

– Бале, ҷанобам. Ҳозир меравам ва ғелида хоб меравам.

Гузариши Хамбэй ба урдугоҳи мо паллаи тарозуро ба ҷониби мо майл намуд ва имкон дод, ки истилои вилояти Мино ба охир расонида шавад. Ба даст овардани ғалаба, аз бисёр ҷиҳат, мо ба шарофати дурандешӣ ва санъати ҳарбии вай ноил гардидем. Вале доираи татбиқи истеъдоди стратегии мушовири нав танҳо бо нақшаҳои амалиётҳои низомӣ маҳдуд намегардид. Баъд аз он, ки княз Нобунага вазифаи ноиби сёгунро соҳиб шуд, Хамбэй дар яке аз сӯҳбатҳои тасодуфӣ пешниҳоде кард, ки он ба таври қатъӣ тақдири маро тағйир дод.

– Акнун, вақте ки инони идораи ҳокимият ба ихтиёри княз Нобунага омадааст, – гуфт Хамбэй, – вай одами дигар шуд. Аз ин лаҳза сар карда, муносибати шубҳаомези вай нисбат ба ниятҳои дигарон якбора зиёдтар мешавад. Агар мо мехоҳем дар қабилаи Ода бимонем ва сарҳои худро эмин нигаҳ дорем, кӯшиши худро бояд ба он равона созем, то ки нисбати садоқати мо ягон шубҳаи вай пайдо

нашавад. Хидэёсӣ, шуморо зарур аст, ки падархонди яке аз фарзандони вай шавед.

Суханони Хамбэй маро ба ҳайрат овард. Албатта! Барои чӣ ман пештар дар ин бора фикр накардам? Аъзои қабила бисёр вақт барои дар байни худ тақвият додани робитаҳои хешутаборӣ, фарзандони якдигарро ба писарӣ қабул мекарданд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто кӯдаконро аз дигар қабилаҳо писархонд мекарданд. Ин усули стратегӣ ба таври васеъ истифода мешуд, вале аз чӣ бошад, ки то ҳанӯз фикри истифодаи он ба сари ман наомада буд. Ҳамсари ман безурриёт буд ва то ҳоло чунин фикр доштам, ки надоштани фарзанд дар оила мавқеи маро дар қабила заиф мегардонад. Маслиҳати Хамбэй маро маҷбур кард, "асрори зинда мондан": ноомади корро ба комёбӣ мубаддал созед – ро ба хотир оварам. Ман метавонистам тарафи заифии худро ба тавоноӣ мубаддал созам!

Ман дафъатан бо ҳамсарам маслиҳат карда, барои княз Нобунага пешниҳоди худро омода ва манзур намудам. Хушбахтона, ӯ хайрхоҳона онро қабул намуд ва нигоҳубину ғамхории фарзанди чоруми худ – Хидэкатсуро ба мо бовар кард. Чунин маслиҳатҳои арзишманд, аз қабили он ки ман аз Хамбэй гирифтам, ниҳоят камёб мебошанд! Муътақид бар он ҳастам, ки ин писархондӣ боварии княз Нобунагаро ба садоқати бепоёни ман нигоҳ дошт.

Бо гузашти солҳо Хамбэй нақшаи ниҳоят хуби ишғол кардани қалъаи Миккиро пешниҳод кард. Бо воситаи ҳамла ба даст овардани ин қалъаи боиқтидор танҳо бар ивази талафоти зиёд имконпазир мешуд, бинобар ин, ғояи Хамбэй аз қатъ кардани роҳҳои ба муҳофизони он дастрас кардани озуқаворӣ иборат буд. Аммо дар ҷараёни муҳосираи қалъа ӯ ногаҳон бемор шуд ва дар урдугоҳи қувваҳои мо вафот кард. Дар дақиқаҳои вопасини ҳаё-

таш ман дар паҳлӯи вай қарор доштам. Дар он лаҳза, ман дастони сардшудаистодаи вайро нигоҳ дошта, ба марги самурайи бузург ва дӯст гиря мекардам. Хамбэй ба ман бисёр чизҳоро омӯзонд, аммо аз ҳама арзишмандтаринаш ин “асрори самимият”: *ба кор касеро қабул намоед, ки ягон корро аз шумо дида, беҳтар иҷро карда метавонад,* ба шумор меравад.

## Маслиҳатҳои завҷа ё шавҳарро ба инобат бигиред

Аз ҳамаи одамоне, ки сарварро иҳота мекунанд, ба ҷуз ҳамсари қонунӣ дигар ягон нафар ба ин андоза бо вай наздик ва алоқаманд нест. Оё ба Шумо чунин хушбахтӣ насиб гардидааст, ки худро бо риштаҳои никоҳи қонунӣ пайванд карда бошед? Агар чунин бошад, ин бартариро истифода баред ва ба маслиҳатҳое, ки танҳо завҷа ё шавҳар дода метавонанд, гӯш диҳед.

Нэнэ, зане, ки интизорӣ мерафт ҳамсари ман шавад, дар қалъаи Киёсу зиндагӣ мекард. Мо замоне бо ҳам шинос шудем, ки он вақт ман дар зиндагӣ ба ягон комёбие ноил нагашта будам ва гузашта аз ин, вай аз ман хеле ҷавон буд. Аммо, дар ҳама ҳолат, Нэнэ ба ман дафъатан маъқул шуд ва аз ин ба баъд барояш номаҳои ошиқона равон мекардам. Вай дар навбати худ ба онҳо ҷавоб медод ва баъди чанде мо якдигарро дӯст доштем.

Волидайни вай баъди огоҳ шудан аз муносибати мо ба хашм омаданд. Онҳо қатъиян зидди фотеҳа шудани мо буданд ва ин қисман ба деҳқонзода будани ман алоқамандӣ дошт. Аз назари дигарон пинҳон кардани тарзу рафтори дағалонаи деҳотӣ имконнопазир буд, вале то он замон дар ҷамъияти шоиста аллакай боадабона ва дилпурона

рафтор мекардам. Дар ниҳояти кор ризоият ва дуои хайри онҳоро ба даст овардам.

Тӯй ниҳоят хоксорона гузашт. Мо ба пиёлаҳои сурхи сафолии дағалнамо сакэ рехтем ва ба ифтихори маросими никоҳамон нӯшидем ва дар болои татамаи коҳии болои фарши хокии хонае, ки яке аз дӯстонам ба иҷора дода буд, нишаста ба вафодории якдигар қасам ёд кардем. Дар ин манзили фақирӣ ҳамагӣ ду утоқ вуҷуд дошт, вале он хонаи мо буд.

Одамон баъзан мепурсанд, шояд Нэнэ пешгӯйи карда буд, ки шавҳари вай ба мансабҳои баланд ноил мегардад? Ман чунин фикр намекунам. Аммо дар рӯзе, ки волидайни вай муқобили ақди никоҳи мо баромад карданд, ман бо қатъият қарор додам ба ҷаҳон ба чӣ қодир буданамро нишон диҳам. Ман бисёр вақт ба Нэнэ такрор ба такрор мегуфтам, ки ягон вақт соҳиби қалъаи бузург мешавам ва ӯ бошад, хонуми он хоҳад буд. Вай механдид ва барои чунин ҳавобаландии аз ҳад зиёдам маро мазоҳ мекард!

Бо чунин як зан бахтам омад кард. Вай рӯзгорамонро ба роҳ монд ва бароям кумак кард, ки ақлам ба ҷояш ояд. Мавқеи ман дар қабилаи Ода рӯз то рӯз мустаҳкамтар мегашт ва бо мурури замон ба хонаи нави калон кӯчидем. Акнун ман қодир будам барои овардани модарам одам фиристам, то ки якҷоя бо мо зиндагӣ намояд. Ба хонаи мо омадани вай яке аз рӯзҳои хушбахттарини ман дар зиндагиям ба шумор мерафт.

Кумаки ҳамсарам танҳо бо пешбурди хоҷагии хона маҳдуд намегардид. Баъди соҳиби қалъаи Нагахама шуданам, нақшаи рушди шаҳрро тартиб додам. Ба хотири он ки дар одамон хоҳиши сокини ҷойи нав шуданро бедор намоем, ман онҳоро аз пардохти андозҳо озод намудам. Ин омил ончунон қавӣ баромад, ки деҳқонон тӯда–тӯда

ба шаҳр меомаданд. Аммо, чун дар бахши банақшагирии шаҳр навкор будам, ман аз будаш зиёд шудани аҳолӣ тарсидам ва қарори худро лағв кардам. Нэнэ баъди шунидани шикояти шаҳрвандон ба ман маслиҳат дод, ки фавран имтиёҳои андозиро барқарор намоям.

– Хидэёсӣ, мумкин нест аввал ваъда диҳӣ ва баъд онро бозпас бигирӣ, – маро сарзаниш карда, гуфт вай. – Одамон туро ҳокими сернозунуз ном хоҳанд бурд.

Бешубҳа, вай ҳақ ба ҷониб буд. Ман дубора шаҳрнишинонро аз пардохти андозҳо озод кардам.

Ин давраи ҷӯшу хурӯши кор буд. Ман ҳама вақт банд будам, ба амалиётҳои ҳарбӣ мерафтам, барои харидани аслиҳа ва борут ба дигар вилоятҳо сафар мекардам, ҷиҳати иштирок дар маросимҳои расмӣ овора шуда ба Киото мерафтам ва даҳҳо супоришҳои дигарро иҷро менамудам. Дар Нагахама вақти хеле ками худро сипарӣ мекардам, бинобар ин, тамоми ташвишҳо оид ба идораи қалъа бар дӯши Нэнэ буданд.

Ӯ шарики ниҳоят боэътимод ва иттифоқчии қавӣ баромад. Баъди куштори княз Нобунага дар ибодатхонаи Ноннодзӣ, артиши Митсухидэ ба зудӣ ба ҷониби қалъаи Нагахама равон шуд. Ман дар ин вақт Нэнэро ба ҷойи худ масъул гузошта, бо аксарияти вассалҳои худ дур аз қалъаи худ қарор доштам. Ӯ занон ва кӯдаконро ҷамъ намуда, ҳамаашонро ба ҷойи бехатар, ба кӯҳҳои дур бурд.

Соли 1585, баъд аз он ки император маро регент таъйин кард, Нэнэ намояндаи расмие гардид, ки робитаро байни дарбори император ва хонаи Тоётомӣ таъмин менамуд. Ман ҳамеша бо ҳамсари худ ниҳоят ифтихор мекардам ва то охири умр барои солҳои тӯлонии пур аз муҳаббат ва дастгирии доимиаш сипосгузор хоҳам буд.

Баъзе одамон ҳамсарони худро ба ҷузъиёти кори худ шинос намекунанд. Чӣ зарурат вуҷуд дорад, ки худро аз имконияти гирифтани маслиҳати одаме, ки шуморо дар ин дунё аз ҳама бештар дӯст медорад, маҳрум созед? Сарварони оқил аз истифодаи "асрори шахси боэътимод": *маслиҳатҳои завҷа ва шавҳарро ба инобат бигиред,* шарм намедоранд.

## Ривоят дар бораи сарвари қаҳрамон

Дар адабиёти оммавӣ ҳикояҳоро дар бораи он ки чӣ гуна сарвари нотарс "дар танҳоӣ" ин ё он қаҳрамониро нишон дод, вохӯрдан мумкин аст. Ва қиссаҳои қадима, ривоятҳо дар бораи корнамоиҳои қаҳрамононаи сарварон таассуроти инсонро фаро мегирад, вале дар воқеият нақши сарвар он қадар хаёлпарастона нест. Ягон сарвар дар танҳоӣ кори бузургро иҷро накардааст. Ба ҳама маслиҳати касбӣ зарур аст.

Бешубҳа, номи ман дар сафҳоти таърих боқӣ мемонад, вале бе мавҷудияти чунин маслиҳатчиён, аз қабили Нэнэ, Хидэнага, Короку ва Хамбэй будани ман дар ин замин метавонист ноаён бимонад. Ба ман аз он ҷиҳат омад кард, ки ман ин одамонро пайдо кардам, – ва муҳимтар аз ин, ақли доштаам кифоят кард, ки барои гирифтани маслиҳатҳои муфид ба онҳо муроҷиат намоям.

# 9

## ТАШКИЛОТИ ХУДРО ЧӢ ГУНА МЕТАВОН СОЗМОН ДОД

Таърихи баромадани ман ба қуллаи сарварӣ – ин таърихи истифодаи қадру қиммати одамони боистеъдод, махсусан онҳое, ки дорои сифатҳои сарварӣ буданд, ба шумор меравад. Амалҳои муштарак бартарии моро бар дилхоҳ ҳарифон таъмин намуданд. Вале бартарӣ бар ҳариф – ин ними кор аст. Таърих бисёр сарварони муваффақро дар ёд дорад, ки баъди расидан ба қуллаи баланд, аз комёбиҳои бадастовардаашон хотирҷамъ гардида, аз решаҳояшон канда шуданд ва заминаро барои сарнагун шуданашон омода кардаанд. Сарваронеро, ки манфиати худро таъқиб менамоянд, шикасти ногузир интизор аст. Дилхоҳ ташкилоте, ки барои комёбии тӯлонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, вазифадор аст қарзи худро дар назди ҷамъияте, ки дар он пайдо шудааст, адо намояд. Бинобар сабаби он ки онҳо дар як замин зиндагӣ мекунанд, он чизе, ки ба як нафар зарар мерасонад, осеби он ба дигар кас низ мерасад. Агар шумо омода ҳастед, бузург шавед, бояд якҷоя калон шавед.

## Аз гаранг истодан дида, ҷустуҷӯ кардан беҳтар, аз насиҳат кардан, вазифа гузоштан хубтар аст

Эҳтимол, ягон вақт дар бораи ман хоҳанд гуфт, ки фаъолияти худро ба сифати соҳибкори инфиродӣ оғоз намудаам ва зиндагии худро бо мушкилот паси сар мекардам, ба савдои чакана машғул шуда, ба ҳама коре, ки имконияти пул кор кардан дошт, даст мезадам. Сипас, маро ба корхонаи на он қадар калон, вале тез рушдёбанда – қабилаи Ода ба кор гирифтанд. Соли 1574 бароям дар пешравӣ дар мансаб марҳилаи муҳим гардид: княз Нобунага ба ман ҳуқуки соҳибӣ кардани заминро дод, ки дар он мебоист қалъаи Нагахамаро бунёд мекардам. Ин аввалин мулки ман ба шумор мерафт, ки барои он худам танҳо масъулият бар дӯш доштам. Акнун ман ба ҷузъе аз ташкилоти бузурги Ода, ки моликияти худам буд, роҳбарӣ мекардам. Як замоне ман ба ҳамсарам ваъда карда будам, ки дар яке аз рӯзҳои зебо вай хонуми қалъа мегардад. Ва инак, ваъдаи мазкур иҷро гардид ва ман соҳибмулки комилҳуқуқи қалъа ва замин гардидам.

Аммо амалӣ намудани орзӯям барои ман ба санҷиши ҳақиқӣ мубаддал гардид. Вақте ман корманди кироя будам, бар ивази иҷрои ӯҳдадориҳои зарурӣ ба ман маоши бисёр медоданд ва тамоми хароҷоти ҷориамро мепӯшониданд. Вале соҳиби қалъа барои ҳама чизе, ки ба вай тааллуқ дорад, аз қабили одамон, заминҳои гирду атроф ва дигар моликият масъулият бар дӯш дорад. Бори ғаму ташвиш, ки ба дӯши сарвар зам мешаванд, даҳ баробар зиёд мегардад. Сарваре, ки ташкилоти бузург ва мустақилро роҳбарӣ мекунад, бояд барои комёбии молиявии он масъулият бар дӯш дошта бошад ва мустақилона қарорҳои мушкилро қабул ва ҳаллу фасл намояд.

Азбаски ҳар даймё ё князи мулкдор бояд на танҳо дар бораи қалъаи худ, балки шаҳри дар гирду атрофи вай қарордошта ғамхорӣ намояд, дар баробари соҳаи низомӣ, доираи ӯҳдадориҳои ман ҳамчунин бахши тиҷорат ва идораи маъмуриро фаро гирифтанд. Акнун ба ман на танҳо самурайҳо, балки мудирҳои кирояе (менеҷерҳое) зарур буданд, ки аз ӯҳдаи иҷрои садҳо вазифаҳо баромада тавонанд. Ман ба зудӣ камбуди кормандони салоҳиятдорро ҳис кардам ва аввалин бор то чӣ андоза муҳим будани омили инсониро дарк кардам!

Дере нагузашта, баъд аз қабул намудани бори гарони масъулияти сарварӣ, худро бо дастони пеши бар дар назди маҳсулоти сохтмонӣ нишаста дарёфтам ва намедонистам чӣ гуна одамонеро, ки шумораашон ниҳоят кам аст, барои иҷрои кор тақсим намоям.

– Бо чанд тан аз мутахассисони ботаҷриба, – фикр кардам ман бо овоз, – мо бо андозаи зарурӣ пеш нахоҳем рафт. Албатта, мумкин аст, оид ба қабули кормандони иҷора эълонҳо пахн намоем, вале оё мо метавонем дар мӯҳлати кӯтоҳ онҳоро омӯзонем ва аз рӯйи иҷрои вазифаҳои муҳим бароем?

Собиқ зоҳид, Хамбэй, ки мушовири низомии ман ба шумор мерафт, дар паҳлӯям нишаста буд. Дар ҷавоб ба саволи ман табассум намуд.

– Наметавонед.

Ман интизор будам, ки вай боз ягон чиз мегӯяд, вале ӯ бо шавқ аз паси ман наззора бурда, хомӯш буд, гӯё мехост бубинад, ки оё ман метавонам амиқии суханҳояшро дарк намоям.

– Ташаккур барои чунин мулоҳизаҳои пурмазмун, – гуфтам ман ва бесаброна интизори шунидани шарҳи вай шудам.

– Вале ба ҷойи он ки чиро ман наметавонам иҷро намоям, беҳтар он аст бигӯям, ки ман чӣ корро анҷом дода метавонам.

Хамбэй бори дигар табассум намуд.

– Шумо онҳоро омӯзонда наметавонед,– такрор намуд вай. – Шумо танҳо метавонед он қобилиятҳоеро, ки онҳо доранд, суфта намоед.

– Эҳтимол, аз чунин маслиҳати вай дар чеҳраи ман норозигӣ падид омад, зеро ӯ қоҳ-қоҳ зада хандид ва идома дод:

– Ба ҷойи дар ин ё он ҷо ҷаспонидани эълонҳо, беҳтар аст бекор дар ҷое нанишинед, балки ба интихоби кормандон шахсан худатон машғул шавед. Чӣ гуна кор кардани одамонро бодиққат мушоҳида намоед, бароятон маълум хоҳад гардид, ки онҳо чӣ фоидае оварда метавонанд.

– Ба фикри ту, ман ба куҷо бояд равам?

– Ин кори осон аст, княз Хидэёсӣ. Мулки худро давр занед. Ба асп савор шуда, сайругашт намоед. Дар ҷашну айёмҳо хурсандӣ кунед. Ҳамаи он корҳоеро, ки бароятон маъқул аст, анҷом диҳед, вале дар ин вақт дар миёни одамон бошед ва бо ҳамаи онҳое, ки рӯ ба рӯ мешавед, сӯҳбат намоед. Чӣ гуна кор кардани зердастони худ – хоҳ сардори деҳа бошад, ё косибон, тоҷирон, рӯҳониён ва ё тоҷирон бошанд, назорат намоед. Баъди мушоҳида намудани кори онҳо бароятон муайян кардани беҳтаринҳояшон мушкил нахоҳад буд.

– Ҳамаи ин хуб аст, – розӣ шудам ман. – Вале, баъд аз он ки чунин одамонро пайдо менамоям, дар ҳама ҳолат ман бояд масоили омӯзонидани онҳоро ҳал намоям.

– Аз омӯзондан дида, вазифа гузоштан беҳтар аст, – ҷавоб дод Хамбэй. – Дар қадами аввал ба ҳар яки онҳо супоришҳои мушаххас диҳед. Сипас нишон диҳед, ки он

чӣ гуна иҷро гардад. Баъд аз ин, фармон диҳед, ки корро оғоз намоянд.

Агар онҳо супоришро тавре зарур аст, иҷро намоянд, ба онҳо мукофот диҳед. Агар онҳо аз рӯйи виҷдон кор кунанд, вале ба натиҷае ноил нагарданд, барояшон иҷрои ягон кори дигарро диҳед. Ҳамчун ҷазо барои дар натиҷаи бедиққатӣ хато карданд, андозаи мукофоташонро кам кунед. Барои содир кардани рафтори ношоям аз кор хориҷ намоед. Ана ин ҳамаи он амалҳое мебошанд, ки анҷом доданашон зарур аст. Асрори идора кардан аз ҳамин иборат аст.

Солҳои мусофирӣ бароям муҳаббат ба сайругашт дар танҳоиро талқин намуданд ва дурнамои якҷоя кардани вақтгузаронии дӯстдоштанӣ бо ӯҳдадориҳои сарварӣ бароям ҷолиб намуданд. Ман қарор додам, муносибати аз ҷониби Хамбэй пешниҳодшударо истифода барам.

Барои аввалин экспедитсияи худ ман рӯзи шикор бо лочинро интихоб кардам. Аз шаҳр дуртар рафтам ва якчанд соат пай дар пай паррандаи дӯстдоштаи худро сар дода, аз тамошои санъати дар нӯги як пой чарх задан ва бо суръати баланди сарнишеб парвоз карданаш завқ бурдам. Ин лаҳза хоҳиши нӯшидан пайдо шуд ва ба наздиктарин ибодатгоҳ даромадам.

– Дар ин ҷо касе ҳаст, – фарёд кардам ман. – Ман мехостам як пиёла чой нӯшам!

Ба хоҳиши ман зоҳид ҷавоб дода, ба зудӣ дар пиёлаи калони қаҳваранги сафолӣ чойи кафкдори кабуд омода карда, пешниҳод намуд. Ман бо сипосгузорӣ нӯшокии кафкдорро қабул намуда, бо як нафас пиёларо холӣ кардам ва бо қаноатмандӣ изҳор доштам, ки зоҳид чойи бо ҳарорати паст омода карданд, ки барои тез ҳазм шудан хеле хуб аст.

– Як пиёлаи дигар мумкин аст? – пурсидам ман.

Зоҳид хомӯшона сар ҷунбонида, ҳиссаи дуюми нӯшокиро омода сохт ва он ин дафъа каме гармтар буд ва пиёлаи калон танҳо то нимаш чой дошт. Ман боз бо ҳаловат нӯшокиро нӯши ҷон карда, дубора қайд намудам, ки чӣ гуна зоҳид барои қонеъ гардонидани хоҳиши меҳмони нохонда моҳирона ҳарорати чойро баланд ва ҳаҷми онро кам кардааст. Ман пиёлаи сеюмро хоҳиш кардам.

Ин дафъа бошад, зоҳид чойи сабзи сӯзон ва ниҳоят кам омода кард, ки ба ман лаззати баённопазир бахшид. Сарфи назар аз он ки ман номи худро нагуфтам ва ишорае ба мақоми худ накардам, ин зоҳид дар муносибати худ бо ман меҳрубонӣ ва мушоҳидакории фавқулодда зоҳир намуд. Ман дарк кардам, ки ин одами соҳибхирад аст ва аз вай даъват намудам, бо ман ба қалъаи Нагахама баргардад ва дар он ҷо бо маслиҳати Хамбей ба вай супоришҳои яке аз дигар мушкилтар додам. Зоҳид, ки Митсунарӣ ном дошт, аз ӯҳдаи тамоми супоришҳои додашуда ба хубӣ баромад ва дар натиҷа яке аз содиқтарин надими ман ва яке аз шахсиятҳои марказӣ дар муттаҳид кардани мамлакат гардид.

Барои таъсиси ташкилони худ “асрори кор бо кормандон”: *аз гаранг истодан дида, ҷустуҷӯ кардан беҳтар, аз омӯзондан, вазифа гузоштан хубтар аст* –ро истифода баред.

## Ба кор на пайравон, балки сарваронро қабул намоед

Баъди такрор ба такрор давр зада гаштани вилояти Омӣ, шинос шудан ва сӯҳбат бо садҳо сокинон, ба он боварӣ ҳосил кардам, ки ба кор одамоне қабул кардан зарур аст, ки қобилияти на танҳо аз паси касе рафтанро дошта бошанд, балки аз паси худ дигаронро бурда тавонанд.

Митсунарӣ, зоҳиде, ки дар ҷараёни сайругашти якум ӯро киро карда будам, ба ин талабот сад дар сад мутобиқат мекард. Қобилиятҳои вай танҳо бо маҳорати баланд омода кардани чой маҳдуд намегардид. Вақте ман ба юриши ҳалкунанда бар зидди генерал Сибата, хатарноктарин ҳарифам аз қабилаи Ода рафтам, Митсунарӣ воситаи олиҷаноби фиреб додани душманро фикр карда баровард. Қушунҳои Сибата урдугоҳи худро дар куҳҳо болотар аз қалъаи мо ҷойгир карданд. Шабона Митсунарӣ барои дар майдонҳои шолизори воқеъ дар доманаи кӯҳи Сидзугатакэ ҷо ба ҷо кардани хӯсаҳо дар либоси аскарӣ, одамони худро равон намуд. Субҳгоҳон қумандонони душман поёнтар аз нишебӣ он чизеро диданд, ки ба назарашон дастаи калони аскарон намуд ва саросемавор ишораи ақибнишинӣ ба қуллаи куҳро доданд. Баъзан фиреби назар аз воқеият дида самараноктар аст!

Митсунарӣ ба ман даврони навҷавониамро ба хотир меовард: вай бо қомати баланд ва бозуи қавӣ аз дигарон фарқ намекард, ӯ дорои ақли расо ва меҳнатдӯстии бузург буд. Вай ёвари шахсии ман гардид ва ӯҳдадориҳои худро бо ҷидду ҷаҳди фавқулодда иҷро мекард. Як замоне дар ҷараёни тӯфон ӯ таҳти хавф ба ҷонаш тамоми шаб гирду атрофро давр зада, дар зери зарбаҳои шамолу борон роҳ кушод. Субҳгоҳон вай дар бораи харобиҳое, ки тӯфон ба қалъа расонида буд, ба ман ҳисоботи пурра пешниҳод кард. Барои тартиб додани чунин ҳисобот ба посбони оддӣ як рӯз зарур мешуд!

Дигар бахши фаъолият, ки Митсунарӣ маҳорати фавқулоддаи худро нишон дод, ин ҷалби одамони боистеъдод буд. Боре, вақте ӯ ҳоло вассали хурд буд ва маоши кучак мегирифт, барояш муяссар гардид, ки самурайи ниҳоят қудратманд бо номи Ватабэро ба тарафи мо ҷалб намо-

яд. Ман ҳайрон шудам. Ватабэ ба тоаври қотеона тамоми кӯшишҳои моро дар мавриди ба ҷониби мо гузаштанро рад мекард ва мегуфт, ки арзиши вай назар ба он нархе, ки мо барояш пешниҳод мекардем, панҷ маротиба зиёд аст. Ман ҳамон лаҳза ба назди Митсунарӣ рафтам, то ки бо сирри пешбурди музокироти вай шинос шавам.

– Чӣ гуна ба ту муяссар гардид, ки Ватабэро розӣ намоӣ? – мароқ зоҳир намудам.

– Медонед, – ҷавоб дод Митсунарӣ, – ман ба ӯ ваъда додам, ки тамоми маошамро барояш медиҳам, илова бар ин, вақте маошам зиёд шуд ва имконияти бештар ба дастам омад, иловапулии панҷкаратаи дархосткардаашро низ ба вай хоҳам дод.

– Вале, дар сурати бе маош мондан, рӯзгоратро чӣ гуна пеш хоҳӣ бурд?

– Умуман, – хандид Митсунарӣ, – ман умед дорам, ки аз Митсунарӣ қарз бигирам!

Ин танҳо яке аз амалҳои фидокоронаи вай дар ҷодаи ҷалб кардани одамони нав мебошад. Вақте ки Митсунарӣ дар Сидзугатакэ ӯҳдабароии тааҷҷубовари худро нишон дод, ман ба вай як мулки калонро ҳадя кардам. Баъд аз ин, дере нагузашта ба назди вай ташриф овардам, то бипурсам, акнун, ки соҳиби мулки калон гаштай, чанд вассалро ба хизмат қабул кардӣ.

– Ҳамагӣ як нафарро. Ин самурай бо номи Сакон, – ҷавоб дод Митсунарӣ.

Баъди шунидани ин ҷавоб, ман аз тааҷҷуб карахт шуда мондам. Сакон сардори барҷаста, намояндаи табақаи асилзода ва афсаре буд, ки дар бораи қаҳрамониҳои вай дар майдони набард дар тамоми Ҷопон қиссаҳо паҳн шуда буданд. Ин фикр дар сарам ҳеҷ намеғунҷид, ки одаме чун

Митсунарӣ, ки мақоми баланд надорад, чӣ гуна чунин самураеро ба мисли Сакон ба хизмати худ қабул намуд. Барои амалӣ шудани ин мақсад, ӯ чӣ корро анҷом дод? Буду шудаш, розӣ шуд, ки нисфи мулкашро ба Сакон диҳад!

Митсунарӣ “асрори ошкоро” – ро моҳирона истифода бурд: худ, ки аскар набуд, қарор дод, ин камбудиро бо киро кардани одаме, ки дорои истеъдоди барҷастаи ҳарбӣ мебошад, ҷуброн намояд. Баъди чунин амал кардан, вай “асрори мубодила”– ро татбиқ намуд: тамоми заминҳои худро дод, то ки ба ташкилот кумак расонад.

Ин зоҳиди собиқ маҳоратҳои сарварии худро гаштаю баргашта намоиш медод. Бо ташаббуси худаш вай дар он замони мушкил, ки дилхоҳ иқдоми ғалат метавонист ба фалокат оварда расонад, бо баъзе душманон якчанд музокироти душворро ба таври оличаноб анҷом дод. Дафъаи дигар, ӯ супориши таъмини моддӣ – техникии юриши ҳарбии артиши дусадҳазораи Одаро бисёр хуб иҷро намуд.

Ба туфайли истеъдоди нотакрори худ дар самти ҷалб намудан ва нигоҳ доштани одамони бомаҳорат, Митсунарӣ ба бозигари калидӣ ва пасипарда дар муборизаи ман барои муттаҳид сохтани кишвар мубаддал гардид. Баъди ба кор қабул кардани вай, ман худро ончунон ҳис намудам, ки гӯё нусхаи худро ба даст овардам ва ба замми он, ба арзиши як нафар, даҳ нафар одамони бомаҳоратро кироя кардам.

Оё Шумо мехоҳед, ки шоҳиди рушди ташкилоти худ шавед? Дар ин сурат “асрори айнан ба вуҷуд овардани амсоли худро” таҷриба намоед: *ба кор на пайравон, балки сарваронро қабул намоед.*

## “Ташкилоти зеҳнӣ”-ро ташкил намоед

Сарваре, ки кӯшиш дорад таъсири худро пурқувваттар намояд, вазифадор аст, манзараи ояндаи хешро наққошӣ кунад ва ҷодаи расидан ба онро интихоб намояд. Барои он ки ин супориш иҷро шавад, зарур аст “ташкилоти зеҳнӣ” – доираи маҳдуди мушовирони боэътимод, бофаҳм, ки ба ҳама кор ҷиҳати иҷрои вазифаи шумо омода ҳастанд, ташкил карда шавад. Яке аз одамоне, ки ба доираи наздики ман дохил шуд, Митсунарӣ буд. Дигараш Камбэй шуд.

Камбэй фаъолияти кории худро ба сифати вассали яке аз шохаҳои қабилаи бонуфузи Сатсумӣ, ки минтақаи Тюгокуро дар қисмати ғарбии ҷазираи Хонсю идора мекард, оғоз кардааст. Вақте Камбэй мақсади княз Нобунагаро оид ба зада даромадан ба Тюгокуро пай бурд, ӯ кӯшиш кард ҷанобашро мутмаин созад, ки бо қабилаи Ода созишнома бандад. Бо ин амали худ Камбэй маҳорати ҳис кардани вазиши замонро нишон дод!

Сипас, Камбэй пазироии княз Нобунагаро ба даст овард. Дар ҷараёни мулоқот ӯ дар бораи вазъ дар Тюгоку сухан ронда, ба княз дар мавриди чӣ гуна ишғол кардани мавзеи мавриди назар маслиҳат дод ва хоҳиш намуд, ки вайро ба дастаи пешсаф шомил намоянд.

Баъдтар ин вассали собиқи Сатсума ба княз Нобунага ба ҳайси роҳнамо дар раванди фатҳи вилояти Бансю[1], воқеъ дар ҷанубу ғарбии Киото, хизмати хуб анҷом дод. Ӯ дар бораи душманон маълумоти мукаммали кашшофӣ ҷамъоварӣ ва ба таври дақиқ таҳлил намуда, диққати асосиро ба мубориза́и дохилӣ барои ҳокимият ва низоъҳо дар байни гурӯҳҳо равона сохт. Мо ин далелу арқомро барои ихтилоф андохтан дар урдугоҳи душман ва ба ҷониби худ

1. Бансю – префектураи муосир Хёго.

ҷалб кардани норозиён истифода бурдем. То соли 1577 қариб тамоми Бансю то як дараҷае ба туфайли кумаки Камбэй ба дасти княз Нобунага гузашт.

Пас аз музаффарияти мо дар Бансю ман ба княз Нобунага маслиҳат додам, ки мақоми Камбэйро то дараҷаи даймё баланд бардошта, ба вай мулки калони меросӣ ҳадя намояд. Дар якҷоягӣ бо як гурӯҳи дигари мушовирони боэтимод Камбэй дар яке аз лаҳзаҳои хатарноктарини ҳаёт ва фаъолияти кории ман – дар рӯзҳои аввали баъд аз куштори княз Нобунага дар паҳлӯи ман мавзеъ гирифт ва дастгириам кард. Қабилаи Ода ба киштие монанд шуда буд, ки капитанашро аз даст дода, бе чанбар, аз рӯйи ҷараёни об шино мекунад. Ғаму ноумедӣ маро то андозае фаро гирифта буданд, ки қариб буд ақлро аз даст диҳам. Аммо Камбэй якҷоя бо дӯсти роҳзани қадимаам Короку маро бовар кунониданд, ки аз лаҳзаи қулай истифода бурда, киштии Одаро ба макони бехавф берун барорам.

– Худи тақдир ба Шумо ин имкониятро фароҳам оварда истодааст, – бо садои паст ба гӯшам гуфт Камбэй. – Вақти он расидааст, ки Шумо идораи кишварро ба дасти худ бигиред.

Суханони вай ба ман кумак карданд ҷуръат пайдо намоям ва аввалин гомҳоро ба ҷониби сарварии олӣ гузорам. Ҳамаи он чизе, ки баъд аз он ба амал омад, тавре дар урфият мегӯянд, кори фаннӣ буд.

Камбэй иҷрои ҳар як супоришро аз омодагии ҳаматарафа ва бо ҷидду ҷаҳд оғоз мекард. Ман рӯзеро, ки мо сарҳади Бансюро убур кардем, ба ёд меорам. Дар болои қуллаи теппа истода, аз паси қушунҳо наззора мекардам. Ба қисмҳои пешоҳанг нигоҳ карда, бо тааҷҷуб алвонҷхӯрии байрақҳои низомии қабилаҳои Морӣ ва Укитаро ошкор сохтам.

– Барои чӣ қушунҳои ман тахти ин байрақҳо баромад мекунанд? – пурсидам ман аз самурайҳое, ки дар паҳлӯи ман истода буданд. Касе ҷавоб дода натавонист ва ман супориш додам, ки Камбэйро даъват намоянд.

– Ман дар ёд надорам, ки маҷбур шуда, аз оилаҳои Морӣ ва Укита барои ин муҳориба фиристодани одамонашонро хоҳиш карда бошам, – гуфтам ман.

– Чаро байрақҳои онҳо дар ин ҷо пайдо шуданд?

– Баъд аз анҷом ёфтани музокироти сулҳ бо Морӣ, ман ба худ ҷуръат пайдо карда пурсидам, ки оё мо метавонем барои як муддат чанд адад байрақҳои ҷангиро бигирем, – ҷавоб дод Камбэй. – Дар мавриди байрақҳои Укита бошад, якчанд вассалҳои ин қабила бо лутфу эҳтиром ба мо имкон доданд, ки аз онҳо истифода барем. Эҳтимол, ин байрақҳо душманро ба он мутмаин месозанд, ки қувваҳои мо бешуморанд ва аз ин рӯ, бо мо набояд муқобилият кунанд ва мо ба он ноил хоҳем гашт, ки тарафи муқобил бе ҷанг таслим хоҳад шуд. Ҳеҷ набошад, онҳо хоҳиши ҷанг кардани душманро суст мекунад.

Баъд аз барои дурандешӣ таъриф кардани Камбэй, сарвассалҳоро ба назди худ даъват кардам.

– Ҳамаи шумо бояд суханони маро бодиққат гӯш карда, онҳоро дар қалбҳои худ ҳифз намоед! – бо тамоми овозам фарёд кардам ман. – Дар замони ҷанг ӯҳдабарой моҳияти аввалиндараҷа дорад! Маҳорати ҷанг кардан ҳамеша дуюмдараҷа мебошад. Ба ҷойи он ки шамшерҳои худро барои буридани сари душман истифода баред, сарҳои худро барои ғалаба ба шамшерҳои душман истифода баред! Худи Сун–тсзӣ метавонист ба ботадбирию зиракии стратегии Камбэй, ки имрӯз нишон дод, ҳасад барад.

Камбэй қодир буд дилхоҳ супоришро иҷро намояд. Аз муҳориба дар назди Ямадзакӣ сар карда, то муҳосираи

қалъаи Одавара, ӯ ҳар дафъа усулҳои беҳтарини стратегиро ихтироъ мекард, ки ба ман дар муттаҳид кардани кишвар кумак кардаанд. Ба сифати яке аз мушовирони ман, вай дар амалӣ гаштани ин миссияи таърихӣ саҳми бебаҳо гузошт.

Шумо умед бар он доред, ки дар нақши сарвар ба қуллаҳои бузург ноил мегардед? Барои иҷрои ин мақсад "асрори доираи наздик": *"ташкилоти зеҳнӣ" ташкил намоедро,* истифода баред.

## Қарзи худро дар назди ҷомеа адо намоед

То соли 1585 ман қариб тамоми Ҷопонро муттаҳид намудам ва фикр кардам, ки ин корнамоии ман барои сёгун ё ҳокими олии низомӣ шудан кифоя аст. Ман ба Ёсиакии сарнагунгашта, вале то ҳанӯз ба ном сёгун, бо хоҳиши ба ман додани унвонаш мурочиат кардам, аммо ӯ дархости маро рад кард. Сарфи назар аз он ки ман бар ҳамаи ҳарифонам зафар ёфтам, вале ба ман барои ноил шудан ба ин мансаб надоштани аслу насаби ашрофзодагӣ садди роҳ шуда буд. Дар он вақт яке аз мушовиронам пешниҳод кард, ки вазифаи ноибуссалтанаи императорро ишғол намоям. Ман намедонистам, ки ин унвон чӣ ваколатҳо дорад, вале вақте ба ман хабар доданд, ки ноибуссалтана баъди император одами дуюм ба шумор меравад, ин хабар маро ниҳоят хурсанд кард. Император Гоёдзэй ноибуссалтанаи пешинаро аз кор гирифта, ба ҷойи вай маро таъин намуд.

Ҳамин тариқ, дар таърихи Ҷопон ман аввалин ноибуссалтанае шудам, ки дар вуҷудаш як қатра ҳам хуни асилзода набуд. Ба ин вазифа таъин шудани ман дар доираҳои ашрофзодагон шӯру ғавғоро ба миён овард, вале

ман ба норозиҳо аҳамият надодам. Маро ҳамчун одаме, ки дар вуҷудам хуни деҳконзода ҷорӣ буд, ҳамеша бештар аз ҳама на аслу насаби ашрофзодагӣ, балки комёбиҳо ба ваҷд меоварданд. Новобаста аз ин, барои он ки дар ҷамъияти асилзодаҳо одами ҷоҳил нанамоям, ба гирифтани дарсҳои одоби муоширати дарборӣ оғоз кардам!

Яке аз аввалин навовариҳое, ки ман дар вазифаи ноибуссалтана ба роҳ мондам, ин таъсиси шӯрои панҷ ваколатдорон мебошад: онҳо аъзои доираи наздики ман буданд, ки ба идораи корҳои кишвар машғул мешуданд. Ман аз онҳо талаб кардам, ки зимни иҷрои вазифаҳои худ талаботи аҳкоми зеринро сармашқи кори худ намоянд:

1. Аз илтифоти сарватмандон истифода набаранд ва камбағалонро таҳқир накунанд.

2. Пора нагиранд.

3. Ба худ на дӯстонро пайдо кунанду на душманонро.

4. Ягон корро бе асоси зарурӣ ба таъхир нагузоранд.

Ман “асрори айнан ба вуҷуд овардани амсоли худро” истифода бурдам ва ба ин сарварон имконият додам, ки истеъдодҳои худро нишон диҳанд. Бо вуҷуди он ки ман ба масъалаҳои маъмурӣ майлу рағбат зиёд нишон медодам, панҷ ваколатдор ба ман имконият фароҳам оварданд, ки диққати худро ба муттаҳидсозии минбаъдаи кишвар равона созам.

“Шикори шамшерҳо”, ки соли 1588 эълон шуда буд, ба чорабиние мубаддал гашт, ки онро ман барои таҳкими ягонагии миллат шурӯъ карда будам. Дар асри ҷангҳо ҳокимони феодалӣ, ки барои нигоҳ доштани артиши доимоамалкунанда маблағ надоштанд, аксар вақт ба сифати аскарони пиёда деҳқононро ба хизмат мегирифтанд. Ва он аскароне, ки ҷанобҳояшон шикаст мехӯрданд ё муфлис мешуданд, силоҳҳои худро пинҳон намуда, боз аз нав ба

кори деҳқонӣ бармегаштанд. Ин таҷриба барои нигоҳ доштани шӯълаи пай дар пайи ҷанги дохилӣ кумак мекард. Бо мақсади пешгирӣ кардани бозгашт ба бесарусомонӣ ва хунрезӣ, ки зиёда аз сад сол идома дошт, ман ба амалдорони худ фармон додам, ки тамоми шамшерҳо, камонҳо, найзаҳо ва мушкетҳоеро, ки дар ихтиёри деҳқонон қарор доштанд, мусодира намоянд ва ба шахсони мулкӣ доштани тамоми намудҳои силоҳро манъ кардам. Аслиҳаи мусодирашуда дубора гудохта шуда, оҳани он барои сохтмони муҷассамаи бузурги Буддо дар Киото истифода мегардид.

"Аслиҳаи шумо беҳуда гум намешавад, – ба зердастони худ эълон кардам дар фармони худ. – Он барои эъмори муҷассамаи Бузурги Буддо истифода мешавад. Тавре мебинед, ман манфиатҳои шуморо на танҳо дар ин дунё ҳимоя мекунам, – ман тамоми корҳоро анҷом медиҳам, ки хушбахтии шуморо дар он дунё ҳам, ки дар оянда ҳамаи моро интизор аст, таъмин намоям!"

Дар матни ин фармон дар байни табақаҳои низомиён ва ғайринизомиён сарҳади аниқ муайян карда шуда буд. Дар сад соли охир нофаҳмӣ дар масъалаи мақоми иҷтимоӣ кишварро ба майдони бузурги муҳорибаҳо мубаддал карда буд. Илова бар ин, фармони боло сиёҳкунандагони моро ба вазъияти ноҳинҷор рӯ ба рӯ кард.

Пас аз фармон дар бораи "шикори шамшерҳо", ман фармони гузаронидани барӯйхатгирии умумии аҳолиро имзо кардам ва қонуне баровардам ва тибқи он аз деҳқонон талаб карда мешуд, ки онҳо ронинҳоро аз деҳаҳои худ берун намоянд. Ба ғайр аз ин, ман амр кардам, ки кадастри умумиҷопонии замин тартиб дода шавад. Қабл аз ин, ҳангоми гузаронидани ҳисобу китоби заминҳо меъёрҳои умумимиллӣ истифода намешуданд, бинобар ин, натиҷаҳо дақиқ намебаромаданд. Як қисмати ин барнома

ба омӯзонидани сокинони кишвар ба усули якхелакунонии гузаронидани ченкунӣ бахшида шуд, ки ба туфайли он мардум имконият пайдо карданд, дар байни худ бо забони умумии иқтисодӣ сӯҳбат намоянд.

Гузашта аз ин, ман инфрасохтори кишварро таҷдиди назар карда, шабакаи самаранокии роҳҳо ва каналҳоро ташкил кардам. Беҳбудӣ дар бахши воситаҳои нақлиёт ва корҳои обёрӣ ҷараёни рушди саноатро тезонид. Барои кӯшишҳоям дар самти ба марказҳои муҳими низомӣ ва тиҷоратӣ табдил додани минтақаҳои бузурги Ҷопон, маро аз ҳама бузургтарин сохтмончӣ дар таърихи Ҷопон номиданд.

Сад ҳазор коргар дар бунёди қасри Дзюракутэй, қароргоҳи бузург ва бошукӯҳи ман, ки ба дурдонаи ансамбли меъмории Киото мубаддал гардид, кор мекарданд. Баъд аз анҷом ёфтани корҳо ман император ва тамоми аъзои оилаи ӯро ҷиҳати иштирок дар тантана, ки он панҷ рӯз идома ёфт, даъват намудам. Чунин тантана дар пойтахт зиёда аз сад сол боз баргузор нагардида буд. Тантанаи олӣ барои шаҳрнишинон, ки аксарияти онҳо аз ин пеш ҳеҷ гоҳ императори зиндаро надида буданд ва онро бути беҷисм меҳисобиданд, ҳодисаи фаромӯшношуданӣ гардид.

Ба ғайр аз ин, ман ба навъҳои гуногуни санъат шавқ доштам ва ба ҳайси ташкилкунандаи саҳнаҳои театрӣ ва маросимҳои чойнӯшӣ баромад мекардам. Дар яке аз рӯзҳо дар ҷангали санавбари Китано ман калонтарин маросими чойхӯрӣ дар дунёро баргузор намудам. Ба ҷойи он ки ба меҳмонони интихобшуда даъватномаҳо фиристода шаванд, ман дар тамоми Киото ва якчанд шаҳрҳои дигар эълонномаҳо овезон карда, тамоми хоҳишмандонро ба ин тантана даъват намудам. Дар ин чорабинии даҳрӯза ҳар касе, ки хоҳиш дошт, метавонист иштирок намояд, ба

фикри ман, дар он тамоми сокинони гирду атроф ширкат варзиданд. Ман бо дасти худам аз якчанд ҳазор меҳмони дар ид иштирокдошта, ба зиёда аз ҳаштсад нафар чой омода кардам. Шумо тасаввур карда метавонед, ҳаловати он одамонеро, ки ба онҳо пуриқтидортарин шахси кишвар хизмат расонидааст.

Баъзеҳо маро барои гузаронидани ин чорабиниҳо мазаммат карда, ба исрофкорӣ гунаҳкор намуданд. Вале ин мунаққидон фаромӯш карда буданд, ки се насли гузаштаи ҳамватанонамон азобу уқубати ҷангҳои асрро паси сар кардаанд, зеро он вақт дар бораи сулҳ танҳо орзу кардан мумкин буд. Ба андешаи ман, барқарор намудани фазои хушу хурсандӣ дар ҳаёти ҷомеа, дар раванди эҳёсозии миллат саҳми муҳим гузошт ва барои сокинони тамоми кишвар аломати он гардид, ки ниҳоят замони бесарусомонӣ ба охир расид.

Ҳамчунин, дар ҳамон солҳо ман ислоҳоти пулиро баргузор намудам ва ба тиҷорати одамон, ба ин тиҷорати нафратангезе, ки ба он дар ҷануби Ҷопон капитанҳои киштиҳои португалӣ бо ризоияти пинҳонии мубаллиғони иезуитӣ машғул буданд, хотима додам.

Бо ин навовариҳое, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ ҷорӣ кардаам, аз ғалабаҳои ҳарбӣ дида, бештар ифтихор мекунам. Идора кардани давлат назар ба ҷангидан, душвортар аст. Бо вуҷуди он ки дар сурати зарур будан ман ҳеҷ гоҳ аз буридани якчанд сар канорагирӣ накардаам, аз вайрон кардан дида, бунёд намудан бароям бештар маъқул буд!

Ман мутмаинам: бо гузашти солҳои зиёд муаррихон ба чунин қарор хоҳанд омад, ки амалҳои ман дар гузоштани заминаи давлати муосири Ҷопон кумак карданд. Баъзе ҳокимон танҳо дар бораи фатҳи кишварҳои нав фикр мекунанд ва ба ниёзмандиҳои халқи худ беэътиноӣ ме-

намоянд. Ман боварӣ ҳосил кардам, ки маблағгузорӣ ба рушди ҷомеа аз ҳама гуна ҷанг фоидаи бештар меорад.

Сарварони масъул бояд "асрори судмандӣ": *қарзи худро дар назди ҷомеа адо намоедро*, татбиқ намоянд.

## Монеаҳои ноаёни ҳокимият

То соли 1590 ман ҳокими Ҷопон шудам. Ҳокимияти ман, ки аз ҷониби худи император тасдиқ карда шудааст, аз як кишвари галаҷазира то дигараш васеъ гардида буд. Ниҳоят ба ман амалӣ гардонидани орзуи дерина муяссар гардид: ман кишварро муттаҳид сохтам. Ба ивази ҷангҳо ва хунрезиҳои беохир ислоҳоти ҷамъиятӣ омаданд. Аз ин лаҳза сар карда, рӯзҳои ман нисбатан ором сипарӣ мешуданд.

Вале бо мурури тақвият гирифтани ҳокимият сарварон хоксориашонро гум мекунанд. Вақте шумо ба мақсадатон ноил мегардед ва барои ба пеш рафтан ба шумо ҷанг кардан зарур нест, шумо метавонед он чизи зарурие, ки барои он мубориза бурда будед, аз мадди назар гум кунед.

"Ҳокимият фосиқ мекунад – ин одоби муошират мебошад, ки онро бо осонӣ талаффуз кардан мумкин аст, зеро на ба ҳар кас муяссар мегардад, ки васвасаи ширини ҳокимияти беҳудудро бевосита худаш чашад. Вале оё шумо, хонандагони гиромӣ, дар сурати дода шудан ба эҳсосоти мастӣ ва афзалияти беҳудуд, метавонед ҷӯшу хурӯши на он қадар баландро фурӯ нишонед ва аз роҳи дуруст берун наравед? Дар ниҳояти кор, тавре мегӯянд, аз қисмат ҷойи гурез нест, ман низ аз ин роҳ берун рафтам ва чун рӯзҳои умрам кам мондаанд, суханҳои охирини худро барои огоҳ кардани Шумо дар бораи монеаҳои ноаёни ҳокимият, истифода мебарам.

# 10

## ОГОҲӢ БА САРВАРОН

Ривоятҳо дар бораи комёбиҳо ба шахс илҳом мебахшанд, аммо муваффақият аксар вақт аз вазъият вобаста мебошад. Нокомӣ бошад, қодир аст ба ҳамаи мо дарси ибрат нишон диҳад. Сарварони самаровар вазифадоранд бо сипосгузории тамом ҳам комёбӣ ва ҳам нокомиро қабул намоянд ва кӯшиш намоянд аз онҳо ба худ дарсҳои арзишманд бигиранд!

### Чиз ё амали барзиёдро ба худ раво набинед

Доштани имконияти анҷом додани ҳама гуна коре, ки дилат мехоҳад, ҳавасангез аст, вале ман дар таҷрибаи худ боварӣ ҳосил кардам, ки чашм пӯшонидан ба нозунузҳои зиёд на хушбахтӣ, балки бадбахтӣ меорад.

Дар айёми ҷавонӣ ман худро аз ҳақам маҳрумшуда мешуморидам. Тақдир ба ман тани бемадор ва башараи бадафт ҳадя намуд – маҳз бо ҳамин сабаб лақаби тағйирнопазири ман пайдо шуд. Ман ҳамеша мехостам ба занҳо маъқул шавам, вале қариб ҳамаи онҳо маро хунукрӯй меҳисобиданд. Аммо бадии кор боз дар он буд, ки ман аз деҳа будам ва ягон касбе надоштам, ки дар таъмин намудани зиндагии арзанда кумак расонад, бинобар ин, аксар вақт аз

ҳад зиёд ниёзманд будам. Одати назорат бурдан аз болои он ки пайравонам ҳамеша сер бошанд, маҳз ба он хотир аст, ки ман бахубӣ медонам авзои одамонеро, ки якчанд рӯз ҳатто як пиёла биринҷро надидаанд!

Агарчӣ бо гузашти айём дар мавриди камбудиҳои худ ғам намехӯрдам ва ҳатто аз онҳо суд бардоштанро ёд гирифта будам, ман ҳеҷ гоҳ натавонистам чигунагии ҳиссиёти одамро бе ғизо, бе сарпаноҳ ва пули сиёҳе дар ҷайб фаромӯш созам. Дар ниҳояти кор, баъди аз ҳама пуриқтидортарин одами Ҷопон гаштанам, ба баровардани қусури вақти аздастрафта шурӯъ кардам. Ман аллакай соҳиби зани зебо будам, вале мехостам бисёртар дошта бошам, – ниҳоят зиёд бошад. На танҳо як зан, балки як ҳарамсарои бузург. Барои он ки шумо тасаввур карда тавонед, ки то чӣ андоза ман дар ин самт ба комёбиҳо ноил гаштам, таваҷҷӯҳ намоед: як замоне танҳо дар қалъаи Осакои ман сесад канизак зиндагӣ мекарданд.

Ин рафтори ман як узри сафедкунанда дорад. Ман ҳамсари худ, Нэнэро ниҳоят дӯст медоштам, аммо вай наметавонист соҳиби фарзанд шавад. Тағйирёбии рафти ҳодисаҳо баъд аз марги Нобунага ба таври возеҳ ба ман нишон дод, ки вақте сарвар ворисi комилҳуқуқ надошта бошад, чӣ бесарусомониҳое ба миён меоянд. Бинобар ин, барои ман баъд аз сари худ мондани писар ниҳоят муҳим буд, то ки идораи киштии давлатиро ба вай бовар намоям. Маҳз ба ҳамин хотир, ин қадар канизакҳо нигоҳ дошта мешуданд. Ба намояндагони дигар фарҳангҳо ин амал метавонад аҷоиб намояд, аммо Нэнэ ба баъзе аз маъшуқаҳои ман ба мисли модар муносибат мекард ва онҳоро он қадар дӯст медошт, ки гӯё духтарони худаш бошанд.

Воқеан, агар то охир ростгӯй бимонем, сабаби асосие, ки ба хотири он ман сесад канизак ё маъшуқаро дар

қалъа нигоҳ медоштам, аз он иборат буд, ки дар мақоми доштаам, ман метавонистам инро ба худ раво бинам. Ба мисли писарбачае бо киссаҳои пур аз тангаҳо, ки ба мағозаи шириниҳо ҳозир шудааст, ман ба исрофкории аз ҳад зиёд дода шудам, ки баъзан барои ман оқибатҳои фалокатовар доштанд.

Соли 1591 ман аз Киото, ки ба он ҷо барои нӯшидани чой ва ҳаловат бурдан аз гулкунии ҳарсолаи олуболу рафта будам, бармегаштам. Дар байни издиҳоми тамошобинон дар шафати роҳ зани зебои бистуҳаштсола истода буд. Зебоии вай маро мафтун кард ва қосидро фиристодам, то ки кӣ будани вайро маълум намояд. Бароям тааҷҷубовар он буд, ки вай духтари Сен но Рикю будааст. Сен но Рикю яке аз бузургтарин устодони маросимҳои чойнӯшии қадимии санъати Ҷопон, ки дар он замон зиндагӣ мекард ва ман дар назди вай сар фуруд меовардам, ба шумор мерафт.

Ба ғайр аз ин, ӯ дӯст ва надими ман ҳам буд. Дере нагузашта, ман ба Сен но Рикю пешниҳод кардам, ки духтарашро, ки маро ниҳоят мафтун кардааст, ба ҳайси маъшуқа ба ман диҳад. Ӯ ҷавоб дод, ки ба чунин одами бузург, ноибулсалтанаи император айб аст ҷавоби рад додан, вале шароити феълӣ имкон намедиҳад, ки розӣ шавад. Духтари вай ба наздикӣ шавҳарашро, ки ниҳоят дӯсташ медошт, аз даст додааст ва то ҳол азодориро идома дода истодааст. Бинобар ин, дар вазъияти ба миёномада вай наметавонад пешниҳоди маро қабул намояд. Оё умедвор шудан мумкин буд, ки ман ҷавонмардӣ зоҳир намуда, ин вазъиятро дарк мекунам?

Акнун эътироф кардани он бароям дардовар аст, аммо вай беҳуда умедвор шуд. Чун ман ба иҷро гардидани ҳама гуна ҳавою ҳавас ва сӯзонидани шаҳвониятам одат карда будам, тӯҳматчии касбиеро пайдо кардам, ки вай бар зидди

устоди чойнӯшӣ айбномаи дурӯғин бофта баровард. Ман фикр кардам, ки агар хатари ба зиндон рафтан ба сараш ояд, вай ба иҷро кардани талаботи ман розӣ мешавад ва тамоми айбу даъвоҳо дафъатан аз болои ӯ бардошта хоҳанд шуд. Аммо дар арафаи ба ҳабс гирифтанашон Сен но Рикю ҳамроҳ бо духтари зебояш илоҷи аз ин вазъияте, ки ман барояшон эҷод карда будам, халос шуданро пайдо накарда, худкуширо аз мутеъ шудан авлотар донистанд.

Овоза паҳн шуд, ки гӯё ман ба Сен но Рикю фармони худкуширо додаам. Бо вуҷуди он ки ин овоза дурӯғ буд, он воқеан метавонист ҳақиқат бошад, зеро теғи марговарро шаҳвати маҷнунвори ман равона кард, ин бошад, ҳамон амале ҳисобида мешавад, ки гӯё кордро дар дасти худ нигоҳ дошта будам. Хуни онҳо дастони маро лолагун карданд ва ман ҳеҷ гоҳ наметавонам онро шӯям. Ман на танҳо мояи шаҳвонияти худ – занеро, ки ҳамагӣ мехост вафодориашро ба шавҳари ҳалокгаштааш нигоҳ дорад, балки ҳамчунин дӯсти худ – падареро, ки мехост танҳо фарзанди дӯстдоштаашро ҳимоя намояд, ба қатл расонидам.

Шаҳватпарастӣ ягона камбудии ман нест. Баъди аз рӯйи мақом бо император баробар шудан, мушоҳида намудам, ки ҳар бегоҳӣ сакэ менӯшам ва шиками худро бо ғизоҳои аҷибу ғариб пур мекунам. Ман аз ҳад зиёд хӯрданиҳо ва ғизоҳои ғайриоддие истеъмол мекардам, ки ба аксарияти одамон ҳатто чашиданашон муяссар намегардид. Барои ман гушти бабр мояи махсуси пуршаҳватӣ гардида буд. Барои он ки ин гурбаҳои калонро дар Корея зинда дастгир карда, ба Ҷопон биёранд, ман маблағи ниҳоят калон сарф мекардам. Мегӯянд, ки гушти тару тозаи бабр қувваи мардиро баланд мекунад, бинобар ин, ман онро ба теъдоди ниҳоят зиёд истеъмол менамудам! Вале ғизои

аз ҳад зиёд сероб ва суистифода аз нӯшокиҳои спиртӣ саломатии маро вайрон карданд.

Дар зарбулмасали қадима омадааст: "Касе, ки бар дигарон ғолиб меояд, қавӣ мебошад, аммо нафаре, ки ба худ ғалаба мекунад, пуриқтидор аст". Аз ин бармеояд, ки ман ҳокимият бар болои як кишварро танҳо барои он ба даст овардам, ки инони қудратро аз болои худ аз даст диҳам. Ба одаме, ки майлу рағбат ва рафтори бадахлоқонаи худро саришта карда наметавонад, садҳо артиш чӣ даркор аст?

Баланд баромадан ба қуллаи ҳокимият – як қисми кор аст, дигар ва муҳимаш – ин баъди дар он қулла будан, кӯшиш кардан зарур аст, ки аз он сарозер наоӣ. Кӯшишҳои олии сарвар бояд ҷӯшу хурӯши разилонаи ӯро фурӯ нишонад. Ҳеҷ гоҳ "асрори мӯътадилӣ": *чиз ё амали барзиёдро ба худ раво набинедро,* фаромӯш накунед.

## Аз шӯҳратарастӣ ҳазар намоед

Иштибоҳоти хатарноки маро метавон бо як камбудӣ – шӯҳратпарастӣ – ифода намуд. Дар баробари қавӣ гаштани ҳокимиятам, ман ба фасона оид ба бузургиам бовар мекардагӣ шудам. Баъди муттаҳид намудани Ҷопон маро зарур буд ба иҷро намудани вазифаи таҳкими сулҳ қаноат кунам ва кишварро ба сӯи гулгулшукуфӣ ва пешрафт раҳнамун созам. Ба ҷойи ин, ман хостгори ғалабаҳои нави бошарофона берун аз кишвар шудам. Натиҷаи ин шӯҳратпарастӣ бо ҷанги ҳафтсола бо Корея ва Чин анҷом ёфт, ки он бояд бузургтарин нокомӣ дар ҳаёти ман ҳисобида шавад. Кӯшишҳои беақлонаи ҳуҷум ба қаламрави бегона ҳисси бадбинии ду миллати бузурги осиёро нисбат ба Ҷопон ба миён овард. Вақте дар бораи даҳҳо ҳазор одамони бо айби кибру ғурури аз ҳад зиёди ман ҳалок гардидаанд фикр мекунам, аз шарм дарунам месӯзад.

Ба монанди подшоҳони ҳама давру замон, ман сабабҳоеро пайдо кардам, ки моҷарои хориҷии маро сафед мекарданд. Яке аз онҳо зарурияти пайдо кардани чораи саришта кардан бар ваҳшиҳои аврупоӣ ба ҳисоб мерафт. Испания ва Португалия аз номи дини христианӣ баромад карда, кӯшиш менамуданд тамоми дунёро зери итоати худ дароранд. Якчанд князҳои ҷопонӣ дини христианиро қабул карданд ва ба калисои христианӣ замин ҷудо намуданд ва дар он деҳаҳои аврупоӣ пайдо шуданд. Ман худам шахси диндор нестам ва дар муддати чандин солҳо сиёсати таҳаммулпазириро пеш мебурдам. Аммо вақте христианҳои навмазҳаб ба хароб кардани ибодатгоҳҳои буддоӣ ва маъбадгоҳҳо шурӯъ карданд ва португалиҳо барои фурӯхтан ба ғуломӣ даст ба туздидани шаҳрвандони мо заданд, ман мазҳаби хашмгин ва мутаассиби онҳоро зидди қонун эълон кардам.

Сарфи назар аз мавҷуд будани чунин бархӯрдҳо, дар ниҳояти кор дар Ҷопон баъди зиёда аз сад соли нооромӣ, сулҳ фаро расид. Таҳти роҳбарии ман кишвар тадриҷан обрӯю эътибори пешинаи худро барқарор кард ва ман эътимод бар он доштам, ки мо дар ягон бахш аз аврупоиҳо ҳеҷ монданӣ надорем. Агар чунин бошад, пас чаро мо ҳам ба васеъ кардани қаламрави худ шурӯъ накунем? Хоҳиши абадӣ кардани номи худ дар хориҷи кишвар ниятҳои иззатталабонаи маро ғизо медод ва оташи шӯҳратпарастиро баланд мекард.

Ҷанги ҳафтсола боз як сабаби ниҳоят оддӣ дошт: заминҳои нав ба ман барои қонеъ гардонидани дархости самурайҳои беқарори ман зарур буданд. Дар давраи болобардории босуръати хонаи Тоётомӣ, ҳамаи он чизеро, ки садди роҳам мешуд, аз байн мебурдам, дар саховатпешагӣ худдорӣ намекардам ва ба пайравонам боигариҳои бемисл

тақсим менамудам аз ҷумла, заминҳои васеъ тӯҳфа мекардам. Чунин талафкории аз ҳад зиёд иштиҳои сардорони ҳарбии беқарори маро авҷ гиронид. Вале, вақте раванди муттаҳидшавӣ анҷом ёфт, дар мамлакат дигар ягон замин барои забт кардан ва дар байни ғолибон тақсим кардан, намонда буд. Ба ҷойи он ки барои ҳалли ин масъала ягон роҳи сулҳомез пайдо карда шавад, ман диққати худро ба нимҷазираи Корея ва аз он ҷо ба Чин равона сохтам.

Дар ҷанг ҳам ончуноне ҳаст, ки дар тиҷорат вуҷуд дорад: вақте ташкилоте, ки ба васеъшавии тез одат кардааст ва ба ҳолатҳои сусткунандаи рушд дучор мегардад, онро зарур аст, самти ҳаракаташро тағйир диҳад. Вале, ман натавонистам барои тағйир ёфтан худро маҷбур созам. Вақте кишвар дар дасти ман буд, маро мебоист ҷилави кӯшиши аскаронамро, ки хоҳиши забти заминҳои навро доштанд, бигирам. Баръакс, шитобкорона бар зидди кишваре, ки тамоман онро намедонистам, забон ва анъанаҳояш бароям нофаҳмо буданд, ҷанг оғоз кардам, халқи сарбаланди он бар зидди артиши ман муқовимат нишон дода, ҷанги ақибгоҳиро оғоз намуданд.

Вале, он чизе, ки шуд, гузашт. Моҷароҳои хориҷии ман ноком шуданд ва бо ягон гуна сабабҳо ин амалҳои маро сафед кардан имкон надорад. Таърих дар ин маврид ҳукмномаи худро мебарорад, вале он ба наздикӣ нахоҳад шуд ва ман дар ин бора огоҳ намешавам. Ягона тасалло бароям умедворӣ боқӣ мемонад, ки ҳикоя дар бораи иштибоҳоти ман ба шумо фоида хоҳад овард, бинобар ин, огоҳиро такрор мекунам: ҳар қадар комёбиҳои зиёд дар ҷодаи сарварӣ ба даст оваред, ба ҳамон андоза бояд ба "асрори таҳаммулу тамкин": *аз шӯҳратарастӣ ҳазар намоед*, диққати зиёд диҳед.

## Аз худситоӣ худдорӣ намоед

Эҳтимол, солҳои камбағалӣ, ки дар айёми ҷавонӣ паси сар кардаам, дар ҷону дили ман тухми худситоӣ коштаанд ва дар даврони камолот неш зада баромаданд. Дар ҳама ҳолат, вақте ман дар қуллаи мартабаи баланди худ қарор доштам, маро кӯшиши ба маърази намоиш гузоштани боигарии худ фаро гирифта буд.

Барои ҳимояи худ бояд гӯям, ки ман маблағҳои калонро на он қадар барои худ, балки аксаран барои дигарон сарф мекардам. Ман зиндагии бофароғат ва пурнеъматро дӯст медоштам. Зимни аз назар гузаронидани гирду атроф ва мавзеъҳои тамошобоб, ҳамеша бо худ ҳамёни вазнини пур аз тангаро мегирифтам ва ба кӯдакони деҳқонон, ки барои дидани фойтуни ман дар ду тарафи роҳ саф меоростанд, тақсим мекардам.

– Нигоҳ доштани пулҳо дар таҳхонаҳо, ин шабеҳи он аст, ки ҷанговари тавоноро дар зиндон нигоҳ дорӣ, – такрор ба такрор гуфтани ин ҳақиқатро ба мушовиронам дӯст медоштам. – Тилло танҳо ҳамон вақт арзиш дорад, ки агар онро харҷ намоянд!

Бисёре аз атрофиён дар ташкилотамон бо гуфтаҳои ман розӣ намешуданд.

– Чунин ақида хазинаи шуморо батамом холӣ мекунад, – эътироз менамуданд онҳо.

Вале ман огоҳиҳои онҳоро ба эътибор намегирифтам ва чунин тарсончакиро нишонаи заифии рӯҳу ҷон меҳисобидам.

Намоиши тантанавии рафтори аҷобатангези ман соли 1589 дар маросими "тақсимоти бузурги тилло" баргузор гардид, ки дар ҷараёни он ман ба сарвассалҳои худ пулҳои аз ҳад зиёд тӯҳфа кардам. Бо супориши ман се тахти равони калонҷуссаро, ки аз вазнинии сесаду шаступанҷ ҳазор

тангаҳои тилло[1] хам шуда буданд, ба маркази майдони назди дарвозаҳои шарқии қасри Дзюракутэйи Киото ғелонида, бароварда монданд. Қабои пурдабдаба дар тан ва бо тамоми ашёи маснади идона ман дар назди ғарами тиллоҳои дурахшанда нишаста будам, Митсунарӣ бошад, номи ҳар як княз ва андозаи маблағи ба вай инъомшавандаро ба забон меовард. Яке аз паси дигар соҳибони мукофот ба пеш баромада, дуқат шуда, таъзим мекарданд ва инъомҳоро қабул менамуданд. Тангаҳо ончунон зиёд буданд, ки вақте ба рӯйи онҳо шуъои офтоб меафтид, тамошобинон барои он ки нобино нашаванд, маҷбур буданд рӯяшонро ба дигар тараф гардонанд. Вазни тангаҳо бошад, ончунон бузург буд, ки соҳибони мукофот маҷбур шуданд бо як дастаи калони хизматгорон онҳоро ба хонаҳояшон баранд. Маросими зикршуда аз субҳ то шом идома ёфт ва дар саросари Киото, ки кӯчаҳои он аз сайёҳон ва бекорхӯҷаҳои кунҷков пур шуда буд, ҳангома ба миён овард. Баъзеҳо маросими “тақсимоти бузурги тилло”-ро ҳайратангезтарин воқеа дар таърих номиданд. Дигарон қайд намуданд, ки дарёфткунандагони пул бе ин ҳам сарватманд буданд ва маро ба вайрон кардани принсипи аз ҷониби худам эълоншуда “Ба сарватмандон илтифот накунед ва камбағалонро таҳқир нанамоед”, таъна мезаданд.

Худи ман дар даврони ҷавонии нодориям дар бораи чунин сарвар, ки барои писандидаҳо ва азизони худ чунин тақсимоти боигариҳоро ташкил кардааст, чӣ фикр мекардам? Ман ҳамеша чунин меҳисобидам, ки пайравонро барои кӯшишҳои пайвастаашон ҳамеша саховатмандона инъом бояд дод. Вале дар ҳама кор худдорӣ ва таҳаммул зоҳир кардан зарур аст. Баъди сарвари олии Ҷопон шу-

1. Аз рӯйи баҳогузории нависанда Китамӣ, 365 ҳазор рёи тиллоӣ тақрибан ба 150 миллион доллари ИМА баробар аст.

данам, ман як аҳкомро риоя менамудам, вале дигарашро ба эътибор намегирифтам.

Танҳо бо доштани боигарӣ соҳиби иззату эҳтиром гаштан имконнопазир аст. Аз таҷрибаи кору пайкори ман баҳра бардоред. Бо истифода аз “асрори фурӯтанӣ”: *аз худситоӣ худдорӣ намоед, ба худатон имконият надиҳед, ки аз роҳи ақли солим бадар равед.*

## Бо қатъият идора намоед ва ба низоъ роҳ надиҳед

Баъд аз муттаҳид намудани Ҷопон дар дохили кишвари мо дигар душман намонда буд, аммо баъзе аз пайравони ман дар байни худ баҳсу талош мекарданд. Инро мебоист интизор шуд, агар ман ба сарвассалҳои худ диққати бештар медодам, зиддияти феълиро пешгирӣ кардан мумкин буд.

Норозигии пайравони ман дар он зоҳир мегардид, ки баъди барқарор гардидани тартибот мудирони ғайринизомӣ назар ба самурайҳо ӯҳдадориҳои ниҳоят муҳимро иҷро мекарданд. Дар натиҷаи гузарониданиислоҳоти иҷтимоӣ, аз қабили ҷорӣ намудани кадастри замин ба кишвар на аскарон бо найзаю шамшерҳои тез, балки менеҷерҳо бо зеҳни хуб зарур буданд. Ин кор ба баланд шудани шиддатнокӣ дар байни табақаи низомиён ва мансабдорони шаҳрвандӣ оварда расонид ва ман бояд онро бо андешидани чораҳои катъӣ паст мекардам. Ба ҷойи ин, ман ба захм имкон додам, ки чирк бигирад, зеро ман бо қонеъ гардонидани лаззати шахсӣ ва дарёфти шӯҳрат дар он тарафи баҳрҳо машғул будам.

Кӯшиши ман барои дар байни вассалҳо нигоҳ доштани маъруфият вазъиятро бадтар кард. Ман ба ҳар як ҳамкори худ эҳтиром доштам, ки наметавонистам муҷозоташон

кунам, заминҳояшонро кашида гирам ё нисбаташон дигар чораҳои қатъиро раво бинам. Ман мехостам, ки онҳо ҳама маро сарвари хуб ҳисоб намоянд. Вале беқобилиятӣ дар самти ба ҷойи аслиашон нишононданӣ онҳо, фаро расидани фалокатро тезонид.

Сарварони ҳақиқӣ дар амалиёти худ аз “асрори устуворӣ”: *бо қатъият идора намоед ва ба низоъ роҳ надиҳед,* истифода мебаранд.

## Аз ҳиссиёти мафтункунанда ва ҳамаро фурӯбаранда эҳтиёт намоед

Баъд аз шоҳиди ҷазои хунин шудан дар қабилаи Ода, ки бар асари қатли ногаҳонии княз Нобунага ба амал омад, ман умедвор будам ворисеро ба дунё биоварам, ки баъд аз сари ман ин кишварро идора намояд. Мутаассифона, ман наметавонистам аз ҳамсарам Нэнэ соҳиби фарзанд шавам. Гузашта аз ин, ба ҳама кӯшишҳои чандинсола нигоҳ накарда, ягон нафар аз канизакҳои ман бароям ворисро тӯҳфа накард.

Ва ниҳоят, соли 1589 хонум Ёдо, маъшуқаи дӯстдоштаи ман аввалин фарзанди маро ба дунё овард. Дар ин вақт ман аллакай 53 сол доштам.

Таваллуди Тсуруматсу барои ман яке аз ҳодисаҳои хушбахттарин дар ҳаётам ба шумор мерафт. Ман аз хушбахтии беандоза худро гум карда будам. Аммо марги писари дӯстдоштатаринам дар синни дусолагӣ маро ба чунин дарду алам гирифтор кард, ки дигар умеди шифо ёфтанро дар дил намепарваридам. Сипас, Ёдо ногаҳон дубора ҳомиладор шуд ва соли 1593 барои ман писари дигар, Хидэёриро ба дунё овард.

Хидэёрӣ барои ман дар ин олам аз ҳама арзишмандтарин шахс ба шумор мерафт. Ҳама шавқу завқам ба писарам васл гардида буд, ман ӯро то он андозае дӯст медоштам, ки бо ин кори худ ҳамзамононро дар ҳайрат гузошта будам. Дӯстон мегуфтанд, ки ин ҳиссиёти ҳамаро фурӯбаранда маро тамоман одами дигар кардааст. Ва, воқеан, аз лаҳзаи ба дунё омадан Хидэёрӣ нуқтаи марказии ҳаёти ман гардид ва дар мавҷи пуртуғёни муҳаббати ба вай доштаам, ғутавар гардида, нисбат ба иҷрои ӯҳдадориҳои сарварӣ беэътиноӣ мекардам. Ҳеҷ гоҳ набояд нисбати манфиатҳои оила беэътиноӣ кард, вале ҳамчунин баръакси он дуруст аст: набояд имкон дод, ки манфиатҳои оила шуморо ончунон фурӯ баранд, ки он дар ҷодаи ғамхорӣ намудан ба ташкилоти худ, халал расонанд.

Бо таваллуд шудани Хидэёрӣ орзуи деринаи ман оид ба меросхӯр ҷомаи амал пӯшид, вале аз ҷониби дигар, ин маро маҷбур кард, ки қарори даҳшатнок қабул намоям. То пайдо шудани Хидэёрӣ фикр мекардам, ки ман дигар ҳеҷ гоҳ соҳиби писар намешавам, бинобар ин, бо мақсади вориси худ кардан писари бистусесолаи хоҳарам Хидэтсугуро ба писархондӣ қабул намудам. Ман ҳатто Хидэтсугуро ба мартабаи ноибуссалтанаи император боло бардоштам, худам бошам, ба мартабаи ноибуссалтанаи мустаъфии артиш қаноат кардам. Вале баъд аз таваллуди Хидэёрӣ пушаймон шудам, ки Хидэтсугуро ба ин андоза боло бардоштам, зеро вазнинии ҳокимияти бузург барои вай гаронӣ мекунад. Вай ба хунрезии бознадоштанӣ завқ зоҳир мекард ва барои ҳамин ба вай лақаби Хидэтсугуи сангдил ва Ноибуссалтана – Қассоброрo доданд. Барои ман тасвир кардани шавқи ваҳшиёнаи ӯ ончунон ногувор аст,

ки ман суханони мубаллиғи португалӣ Луис Фройсро иқтибос меорам:

Вай дар куштори одамон барои худ ҳузуру ҳаловати аҷоиб ва вақтхушӣ пайдо карда буд. Хун рехтан барои вай ончунон маъқул буд, ки гӯё вай ин майлу рағбати ҳайвониро бо шири модараш макида гирифта бошад. Вай баъди тамошои чӣ гуна куштани одамон ва ваҳшиёна азоб додани камбағалон ҳаловати махсусро аз сар мегузаронид. Барои вақтхушӣ вай ҳар рӯз вазифаи ҷаллодро иҷро мекард ва бо дастони худ маҳкумшудагонро ба қатл мерасонид. Ӯ ба бинои махсуси барои ин кор муайяншуда, ки дар наздикии қасри худаш қарор дошт, мерафт. Дар он ҷо чизе ба монанди миз истода буд ва ба болои он ҷинояткорро мехобониданд ва вай онро ба қисмҳо бурида, майда мекард. Баъзан ӯ маҷбур мекард, ки онҳоро ба пой рост нигоҳ доранд ва ҳар якеро ду тақсим мекард. Аз ҳама бештар ба вай буридани дасту пойи одамон маъқул буд. Ба ин кор вай ба мисли одамоне, ки пой ва қаноти паррандаҳои кушташударо бурида мегиранд, машғул мешуд. Гоҳо ӯ маҳкумшудагонро ба сифати нишонӣ барои тирпаронӣ аз найза ё милтиқ истифода мебурд. Баъзан ба мисли императори Рим Нерон дар ҷавонӣ, вай барои аз назар гузаронидани узвҳои дохилӣ ва олатҳои таносулӣ ҷасадҳои занонро бурида, чок мекард.

Дере нагузашта, баъди таваллуди писарам, қарор додам Хидэёриро ворисӣ худ эълон намоям. Барои ин кор маро зарур буд ҳама чиз ва тамоми касонеро, ки метавонистанд садди роҳи амалӣ гаштани ин мақсад шаванд, бартараф созам. Аммо ин ният бо фоҷиа анҷом ёфт.

Як шаб ҳисси пешакии марги даҳшатнок маро маҷбур кард бовар намоям, ки баъд аз сари ман Хидэтсугуи хун-

хор кӯшиш хоҳад кард, ки писарам ва модари ӯро ба қатл расонад. Ҳамаи ин хаёлоти даҳшатангез маро бехуд карда буданд ва қарор додам, он чизеро, ки ба назари ман акнун тухмиҳои нешзадаи шайтонӣ нооромиҳои оянда менамуданд, решакан намоям: ба Хидэтсугу фармон додам худкушӣ намояд ва ҳамзамон тамоми аъзои оилаи вайро ба қатл маҳкум кардам.

Баъд аз он ки ман якчанд маротиба бо мартабаи баланди худ таваккал кардам, зеро чунин меҳисобидам, ки зӯроварӣ бояд охирин воситаи ҳалли мушкилот бошад, вале ба ин нигоҳ накарда, ба ҷӯшу хурӯш дода шуда, ба куштори вазнин ҷуръат кардам. Бешубҳа, Хидэтсугу махлуқи бадҳайбат буд, вале ин ба ҳеҷ ваҷҳ дурустии фармони маро оид ба қатл расонидани тамоми аъзои оилаи вай собит намекунад. Ҳатто имрӯз, ман наметавонам то охир сабабҳои ин рафторамро дарк намоям. Дар содир шудани ин фалокат ман метавонам танҳо муҳаббати бепоён ба писари хурдсолам Хидэёрӣ, ки ишқи вай маро онҷунон мафтун карда буд, ки ба хотири ояндаи ӯ ба ин ҷиноят даст задам, гунаҳгор ҳисобам.

Барои нигоҳ доштани муносибатҳои солим чӣ дар оила ва чӣ дар ташкилот, сарварон бояд “асрори ботамкинӣ”: *аз ҳиссиёти ҳамаро фурӯбаранда эҳтиёт намоедро,* истифода баранд.

## Самурае, ки шамшер надорад

Ман якчанд маротиба ноком шудам, вале касе, ки доимо дар бораи иштибоҳҳо фикр мекунад, боз як бори дигар хато менамояд. Рӯҳафтодагӣ – ин стратегияи бохтан аст. Сарвар бояд дорои боварӣ ва некбинӣ бошад. Маҳз ҳамин

сифатҳо ба ман имкон доданд, ки дар кишвар мавқеи баландро ишғол намоям.

Ман ҳеҷ гоҳ мутолиа карданро дӯст намедоштам, аз ин рӯ, сарчашмаи асосии андӯхтани дониш бароям на калимаи чопӣ, балки таҷриба гардид. Вале, ба ҳар сурат, дар сарчашмаҳои хаттии қадим, ки то даврони мо омада расидаанд, бароям муяссар гардид якчанд ҳақиқатро, ки моҳияти ақидаҳои маро мекушоянд, пайдо намоям. Ман онҳоро аҳкоми самурае, ки шамшер надорад, меномам:

- Аскари беҳтарин ҳамла намекунад.
- Ҷанговари беҳтарин бе истифода аз зӯроварӣ, ба комёбӣ ноил мегардад.
- Бузургтарин истилогар ғалабаро бе мубориза ба даст меорад.

Лашкаркаши оқил ҷанг карданро дӯст намедорад. Ҷанговари бомаҳорат куштанро дӯст намедорад. Касе, ки метавонад ғалаба ба даст оварад, аввалин шуда ҳамла намекунад. Шахсе, ки одамонро идора карда метавонад, таҳқир намекунад.

Вақти ман ба охир расида истодааст, субҳи рӯзи нав фаро мерасад. Асри ҷангҳо ба охир расид. Аксарияти шумо, ки суханони маро хонда истодаед, минбаъд на бо пайроҳаи ҷанговарон меравед, балки аз тоҷирон ё маъмурон пайравӣ хоҳед кард. Вале, дар ҳама ҳолат, қоидаҳои самурае, ки шамшер надорад, дар дилхоҳ касб ва давру замон метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Қабл аз он ки майдонро тарк намоям, мехоҳам асрори охиринро ба шумо ошкор созам.

Асоси гап дар он аст, ки ягон гуна асрор вуҷуд надорад.

Ҳастию фаъолияти худро ба сарвари хеш бубахшед. Аз кори вазнин ҳазар нанамоед. Дар кори хайру сипосгу-

зорӣ хасисӣ накунед. Бо қатъият амал намоед. Ягон нафар метавонад ба бемаззагии ин маслиҳатҳо хурдагирӣ кунад – ҳақ ба ҷониб хоҳад буд. Ин маслиҳатҳои забонзада бо назардошти ақли солим манзур карда шудаанд. Аммо дидани он ки онҳо чӣ гуна муваффақона дар амал татбиқ мегарданд, ниҳоят кам муяссар мешавад. Ва умедворам, бароям муяссар гардид бароятон нишон диҳам, ки ҳатто хоки оддӣ метавонад сарварони бузургро ба дунё оварад.

# ПАНДУ НАСИҲАТҲОИ ОҚИЛОНАИ САМУРАЕ, КИ ШАМШЕР НАДОРАД

**БОБИ 1**
СИПОСГУЗОРӢ, МЕҲНАТИ СУБОТКОРОНА, ҚАТЪИЯТ ДАР АМАЛ ВА САДОҚАТ

**Сарварон бояд сипосгузор бошанд**
**Сарварон бояд аз дигарон бештар кор кунанд**
**Дар лаҳзаҳои мушкил ҷасурона амал намоед**
**Тамоми ҳастиятонро ба сарвар бубахшед**
**Сардорон, зердастон ва самурайҳо**

**БОБИ 2**
САРВАРРО ЧӢ ГУНА БОЯД ИНТИХОБ КАРД ВА ХУД ЧӢ ТАВР МЕТАВОН КОРНАМОӢ НИШОН ДОД

**Сарвари дурандешро интихоб намоед**
**Тамоми қувваро барои иҷрои супориши ҷорӣ равона созед**
**Қобилияти табии худро истифода баред**
**Манфиатҳои худро ба манфиатҳои сарвар тобеъ намоед**
**Биниш ва интихоб**

**БОБИ 3**
ЧӢ ГУНА МЕТАВОН КОРИ ҒАЙРИИМКОНРО АНҶОМ ДОД

**Барои иҷрои ҳар як супориш бо устувории қатъӣ муносибат намоед**
**Кӯшиш кунед сарвар бошед, на сардор**
**Шабакаи шиносоии шахсиро васеъ намоед**
**Омодагии ҷиддӣ бинед ва далерона амал намоед**
**Камбудиҳоро ба арзандагӣ мубаддал созед**
**Ноомади корро ба комёбӣ мубаддал созед**
**Тарсро аз байн баред**

**БОБИ 4**
ДАР ВАЗЪИЯТИ ДУШВОРУ ХАТАРНОК ЧӢ ГУНА АМАЛ БОЯД КАРД

**Барои он ки ҳамаро бурд кунед, бо ҳама чизатон таваккал намоед**
**Аввалин шуда аз паси кор шавед, то ки онро аввалин шуда анҷом диҳед**
**Амалҳои худро бо далелҳои эътимоднок нишон диҳед**

**БОБИ 5**
МУЗОКИРОТ ВА ДИПЛОМАТИЯ

**Барои он ки чизе ба даст орӣ, аввал бояд чизе диҳӣ**
**Дигаронро бубахшед**

**Барои он ки боовариро ба даст оваред, ба дигарон бовар кунед**
**Афкори ҷамъиятиро ташаккул диҳед**
**Ваъдаҳои худро иҷро намоед**
**Интиҳои асри ҷангҳо**

## БОБИ 6
## ЧӢ ГУНА МЕТАВОН ОДАМОНРО ҚАНОАТ СОХТ

**Ҷангро танҳо ҳамон вақт оғоз намоед, ки барои ғалаба дар он шароит муҳайё шуда бошад**
**Ба пайравонатон чун ба аъзои оилаи худ муомила намоед**
**Садоқатро метавон ба даст овард, вале харидани он имконнопазир аст**
**Гуноҳҳои кучакро бубахшед**
**Такаббурро фурӯ нишонед**
**Аз пайравони худ омӯзед**

## БОБИ 7
## ПАЙРАВОНИ ХУДРО ЧӢ ТАВР ҚАДРДОНӢ КАРДАН ЗАРУР АСТ

**Мақсадҳои муайяну равшан гузоред**
**Баробари пайдо шудани имконият, одамонро ҳавасманд намоед**
**Шахсонеро, ки хизмати хуб мекунанд, бо мукофотҳои шоиста сарфароз гардонед**

**Шахсони корнамоӣ нишондодаро шахсан мукофот диҳед**
**Барои ба даст овардани афзалият, ягонагиро мустаҳкам намоед**
**Кор дар ҳайати даста, худ мукофот аст**

## БОБИ 8
ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР БА МАСЛИҲАТ НИЁЗ ПАЙДО ШАВАД

**Ба ҳайси мушовирон боэътимодтарин дӯстонро интихоб намоед**
**Аз онҳое маслиҳат пурсед, ки аз эътироз кардан наметарсанд**
**Маслиҳатҳои завҷа ё шавҳарро ба инобат бигиред**
**Ривоят дар бораи сарвари қаҳрамон**

## БОБИ 9
ТАШКИЛОТИ ХУДРО АЗ ЧӢ СОЗМОН ДОДАН ЗАРУР АСТ

**Аз гаранг истодан дида, ҷустуҷӯ кардан беҳтар, аз насиҳат кардан, вазифа гузоштан хубтар аст**
**Ба кор на пайравон, балки сарваронро қабул намоед**
**“Ташкилоти зеҳнӣ”-ро ташкил намоед**
**Қарзи худро дар назди ҷомеа адо намоед**
**Монеаҳои ноаёни ҳокимият**

## БОБИ 10
ОГОҲӢ БА САРВАРОН

**Чиз ё амали барзиёдро ба худ раво набинед**
**Аз шӯҳратарастӣ ҳазар намоед**
**Аз худситоӣ худдорӣ кунед**
**Бо қатъият идора намоед ва ба низоъ роҳ надиҳед**
**Аз ҳиссиёти мафтункунанда ва ҳамаро фурӯбаранда эҳтиёт намоед**

# СОЛНОМАИ ҲАЁТИ ТОЁТОМИ ХИДЭЁСӢ

1536 Дар деҳаи Накамураи вилояти Оварӣ ба дунё омадааст.

1551 Барои пайдо кардани хушбахтӣ хонаро тарк мекунад.

1554 Ба хизмати Ода Нобунага дохил мешавад.

1560 Дар торумор кардани Имагава Ёсимото ба Нобунага кумак мекунад.

1561 Нэнэро ба занӣ мегирад.

1566 Дар Сунomата қалъа бунёд менамояд.

1567 Дар фатҳи қалъаи Инабаяма ба Нобунага кумак мерасонад.

1568 Ҳамроҳ бо Нобунага ба Киото дохил мешавад; Асикага Ёсиакӣ ба вазифаи сёгун барқарор карда шуд.

1573 Дар вилоятҳои Омӣ ва Этидзэн соҳиби заминҳо мешавад; сёгун Ёсинакӣ сарнагун карда шуд.

1574 Хидэёсӣ дар Омӣ соҳиби замин шуда, қалъаи Нагахамаро бунёд мекунад.

1575 Дар муҳорибаи назди Нагасино, ки дар ҷараёни он Нобунага тактикаи бемонанди усули пайдарҳами шиллики оташ бо истифода се ҳазор аркебузерро ба кор бурда буд, иштирок кард.

1580 Қалъаи Миккиро ишғол менамояд.

1581 Қалъаи Тотториро забт мекунад.

1582 Муҳосираи қалъаи Такаматсуро ташкил мекунад; Митсухидэ Нобунагаро ба қатл мерасонад; Хидэёсӣ артиши Митсухидэро дар назди Ямадзакӣ торумор мекунад.

1583 Бар ҳарифаш аз ҳамқабилаи худ – Ода, Сибата Катсуиэ дар муҳорибаи назди Сидзугатакэ ғолиб меояд; ба сохтмони қалъаи Осака оғоз менамояд; сиёсати кунивакэ (азнавтақсимкунии мулкҳои феодалӣ) ва сироварӣ (камкунии шумораи қалъаҳои қавишуда)-ро татбиқ менамояд; кадастри заминро ҷорӣ мекунад.

1584 Иэясуро дар назди Комакӣ ва Нагакутэ шикаст медиҳад.

1585 Деҳаҳои роҳибони ошубгарро дар Нигоро, Кумано ва Коясана вайрон мекунад.

1587 Кюсюро тобеъ намуд; сохтмони қасри Дзюракутэйро ба охир мерасонад; фармонро дар бораи рондани мунофиқон ба имзо расонид.

1588 "Шикори шамшерҳо"–ро амалӣ менамояд.

1589 Писарашро аз маъшуқаи дӯстдоштааш – хонум Ёдо (падарӣ зери шубҳа аст) қабул мекунад; ба қабилаи Го–Ходзё ҷанг эълон менамояд.

1590 Ҷангро ба зидди Го–Ходзё дар минтақаи Канто пеш мебарад: қалъаи Одавараро муҳосира ва забт мекунад; муттаҳид сохтани Ҷопонро ба анҷом мерасонад. Сохтмони қалъаи Осака ба охир расонида шуд. Токугава Иэясаро ҳокими олии минтақаи Канто (Токиои имрӯза) таъйин мекунад.

1591 Тсуруматсу вафот мекунад; Хидэнага ин дунёро тарк менамояд; Хидэёсӣ ба Корея ҳуҷум мекунад; қароргоҳро ба Нагой (Хидзэн) интиқол медиҳад; ба сохтмони қалъаи Фусумӣ шурӯъ менамояд; унвони худро ба Хидэтсугу, писари хоҳараш медиҳад, худаш бошад, унвони тайко (ноибуссалтанаи мустаъфии император)-ро қабул мекунад.

1592 Амалиёти ҳуҷум ба Кореяро аз Нагой роҳбарӣ менамояд.

1593 Қарор қабул мекунад, ки артишҳо дар Корея бимонанд; барои баррасӣ намудани масъалаи баровардани қушунҳо аз Корея бо вакилони сулолаи Мин вохӯрӣ баргузор менамояд; модарашро, ки бемор буд, аз даст медиҳад; писари дуюмаш, Хидэёрӣ, ки аз хонум Ёдо (падарӣ зери шубҳа аст) ба дунё омада буд, қабул менамояд.

1594 Сохтмони қалъаи Фусумиро ба охир мерасонад; Баъди истеъфо қасри Дзюракутэйро ба Хидэтсугу супорида, барои фароғат ба қалъаи Футсумӣ меравад.

1595 Ба Хидэтсугу фармон медиҳад, ки худкушӣ намояд ва тамоми аъзои оилаи вайро ба ҳукми қатл маҳкум мекунад.

1596 Нокомӣ дар музокироти сулҳ бо Корея; Хидэёриро ба ҷойи Хидэтсугу ноибуссалтанаи император эълон менамояд.

1597 Фармони дубора ба Корея ҳуҷум карданро ба имзо мерасонад.

1598 Аз даймёҳои бузург савганди садоқат қабул мекунад; аз аъзои доираи наздикаш хоҳиш менамояд, ки баъди маргаш Хидэёриро таҳти ҳимояти худ қарор диҳанд; вафот мекунад; қушунҳо аз Корея бармегарданд.

Китами Масао

# САМУРАЕ,
# КИ ШАМШЕР
# НАДОРАД

Аз забони русӣ тарҷумаи
**Абдуғаффор Қурбонов**

Тарҷумаи асари бадеӣ таҳти назари
**Шамсиддин Солеҳов** - *профессор,*
*доктори илми филология ба нашр омода шудааст.*

Муҳаррир: **Саидаҳмади Қурбони Хиёбонӣ**

Муҳаррири техникӣ: **Бунафша Ҷабборова**

Мусаҳҳеҳ: **Ардамеҳри Абдуғаффор**

Ҳуруфчин: **Маҳина Яқубова**

**Нархи китоб ройгон аст. Асари Китами Масао “Самурае, ки шамшер надорад” аз ҳисоби маблағҳои пасандозии тарҷумон нашр гардидааст.**

Ба чоп 02.06.2025 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype.
Ҷузъи чопии шартӣ 14,0. Теъдоди нашр 100 нусха.
Супориши №102. Арзиши китоб ройгон аст.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com




**ҚУРБОНОВ АБДУҒАФФОР МИРЗОЕВИЧ**

1 январи соли 1961 дар шаҳри Бохтар чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Миллаташ тоҷик.

Соли 1985 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Маскав ба номи М.В.Ломоносовро бо ихтисоси рӯзноманигор ва соли 2008 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм кардааст.

Дар курсҳои ихтисосии дарозмуддат ва семинарҳои амалию омӯзишии кӯтоҳмӯҳлати донишгоҳҳо ва марказҳои таълимӣ, бонкҳои марказӣ ва ташкилотҳои молиявии Олмон, Федератсияи Русия, Ҳиндустон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Малайзия, Ҷумҳурии халқии Чин, Белорусия, Қазоқистон ва Қирғизистон ширкат варзида, донишу маҳорати касбии худро такмил додааст.

**Фаъолияти меҳнатӣ:** Солҳои 1985-87, хабарнигори редаксияи иттилоот барои матбуоти иттифоқӣ ва хориҷӣ, шуъбаи иттилооти кишоварзии Оҷонсии иттилоотии «ТоҷикТА»; Солҳои 1987-89, хизмат ба ҳайси афсар дар неруҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шуравӣ дар қаламрави Афғонистон; Солҳои 1991-93 хабарнигори шӯъбаи сиёсии рӯзномаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум»; Солҳои 1993-94 сардори шуъбаи ахбори иқтисодии Маркази иттилоотии Тоҷикистони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ховар; Солҳои 1994-98 сармуҳаррири рӯзномаи «Посух» - нашрияи Вазорати фарҳанг ва иттилооти ҷумҳурӣ ва Иттифоқи журналистони Тоҷикистон; Солҳои 1998-2000 сармуҳаррири идораи иттилооти хориҷӣ, муовини раиси Оҷонсии иттилоотии Тоҷикистони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ховар»; Солҳои 2000-2008 муҳаррири Маркази матбуот ва маҷаллаи «Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон»-и Бонки миллии Тоҷикистон; Солҳои 2008-2016 сухангӯи Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбари Хадамоти матбуоти БМТ, сардори Шуъбаи матбуот ва тарҷумаи БМТ; Солҳои 2016-2023 Сармуҳаррири маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ"; Аз моҳи сентябри соли 2022 то охири соли 2023 сардори Шуъбаи матбуоти БМТ. Аз 1 январи соли 2024 дар нафақаи меҳнатӣ қарор дорад. Дар ин миён ба муддати кӯтоҳе дар Ассотсиатсия бонкҳои Тоҷикистон ба ҳайси сардори Шуъбаи технологияи иттилотӣ ва робита бо ҷомеа фаъолият кардааст. Аз соли 1992 узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мукофот:** Орден «Барои хизмат ба Ватан дар неруҳои мусаллаҳи ИҶШС дараҷаи 3», медалҳои «10-солагии инқилоби Савр», «Ҷанговари интернатсионалист», «70-солагии Қувваҳои мусаллаҳи ИҶСШ», «Аз халқи сипосгузори афғон», Ифтихорномаи Президиуми Совети Олии ИҶШС ба ҷанговари интернатсионалист, Ифтихорнома ва нишони КМ Созмони ҷавонони ИҶШС ва Ифтихорномаҳо ва Сипосномаҳои БМТ, ҲХДТ ва Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон.

ISBN 978-99985-1-305-1
9 789998 513051

R-Graph